АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

*Бо ҳуқуқи дастнавис*



ВБД: 891.550 (83.3)

**ШАРИФ ШАРИФХОҶАИ САИДМУРОДЗОДА**

# АНДЕШАҲОИ АДАБӢ ВА НАЗАРИИ АҲМАДИ ДОНИШ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ
аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ
Қаландариён Ҳоким Сафар

ДУШАНБЕ – 2026

**МУНДАРИҶА**


**МУҚАДДИМА.....................................................................................4-16**

**БОБИ I. АЗ ТАЪРИХИ АҲМАДИДОНИШШИНОСӢ ДАР ТОҶИКИСТОН.......................................................................17-57**

1.1. Оғози шинохт ва зикри Аҳмади Дониш дар сарчашмаҳо...............17-36

1.2. Мухтасар аз таҳлилу таҳқиқи ҳаёту фаъолияти эҷодии Аҳмади Дониш дар Тоҷикистон......................................................................................36-48

1.3. Дастовардҳо ва заъфи аҳмадидонишшиносӣ дар адабиётшиносии тоҷик...............................................................................................................48-58

**БОБИ II. ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШ ВА ТАҲАВВУЛИ АНДЕШАҲОИ АДАБИИ АҲМАДИ ДОНИШ...............................................59-82**

2.1. Заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихии андешаҳои адабии Аҳмади Дониш...............................................................................................................59-75

2.1.1. Муҳити хонаводагӣ ва истеъдоди фитрию азалии Дониш............60-66

2.1.2. Таъсири осори исломӣ ва маҳфилҳои қиссахонию таъриххонӣ дар таҳаввули андешаҳои Аҳмади Дониш............................................66-69

2.1.3. Нақши ашъори гузаштагон ва муҳити адабии замони Аҳмади Дониш дар таҳаввули афкори адабӣ ва назарии ӯ...................................69-73

2.1.4. Омӯзиш ва шиносоӣ бо фарҳангу тамаддуни халқҳои дигар.........73-75

2.2. Назари маорифпарваронаи Аҳмади Дониш ва таъсири он ба андешаҳои адабии ӯ.........................................................................75-82

**БОБИ III. ТАҲЛИЛИ АҚИДАҲОИ АДАБӢ ВА НАЗАРИИ АҲМАДИ ДОНИШ.................................................................................83-150**

3.1. Муносибати Аҳмади Дониш ба шеъру шоирӣ.................................83-94

3.2. Истилоҳоти адабӣ ва истифодаи онҳо дар осори Аҳмади Дониш..94-123

3.2.1. Мафҳум ва ҳадафи сухан аз нигоҳи Аҳмади Дониш....................95-100

3.2.2. Мафҳуми истилоҳи «аҳли қалам» дар осори Аҳмади Дониш.....100-106

3.2.3. Шарҳ ва истифодаи истилоҳҳои «шароеъ», «саноеъ», «бадоеъ», «фасоҳат» ва «балоғат» аз ҷониби Аҳмади Дониш......................106-112

3.2.4. Истифодаи истилоҳоти навъ ва жанрҳои адабӣ дар осори Аҳмади Дониш..........112-123
3.3. Шеър ва ҳунари шоирӣ аз нигоҳи Аҳмади Дониш..........124-139
3.4. Назар ва андешаҳои ноқидонаи Аҳмади Дониш..........139-150

**ХУЛОСА..........151-153**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ..........154**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ..........155-171**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Илми имрӯзаи адабиётшиносии тоҷик бар пояи мустаҳками афкори назарӣ ва амалии пешгузаштагон қарор дорад, ки воқеан, дорои ҳамаи воситаҳо ва имкониятҳои баҳо додан ба маҳсули бадеии адабиёти оламшумули тоҷику форс мебошад. Симоҳои барҷастаи илму адаби тоҷик афкору андешаҳои худро роҷеъ ба масъалаҳои гуногуни каломи бадеъ дар шаклҳо ва ба воситаҳои гуногун баён менамуданд ва бо ҳамин илми назарияи адабиёт ва нақди адабиро ба вуҷуд оварда, комил сохтанд. Манбаъҳои осори назарии кулли муҳаққиқони Шарқро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст (асарҳои алоҳидаи адабӣ-эстетикӣ ва андешаҳои шоирону нависандагон) ва муҳаққиқон манбаъҳои адабӣ ва назарӣ-эстетикии тоҷикро аз чор гурӯҳ иборат донистаанд: 1) суханҳои порокандаи суханвароне чун Рӯдакӣ, Носири Хусрав, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ ва дигарон; 2) рисолаҳо, шарҳҳо ва ё фаслҳои махсусе, ки мутафаккирон мисли Форобӣ Берунӣ, Сино, Тусӣ ва дигарон ба масъалаҳои назарии каломи бадеӣ бахшидаанд; 3) тазкираҳо, қомусҳо, фарҳангҳо ва соири асарҳои адабии фалсафӣ, илмӣ, бадеӣ ва таърихшиносӣ, ки дар онҳо андешаҳои пурарзиши назарӣ баён шудаанд; 4) асарҳои махсус дар илмҳои аруз, қофия ва бадеъ [13, с. 3-4].

Дар илми адабиётшиносии муосири тоҷик роҷеъ ба таҳлил ва дастраси аҳли илм гардондани ҳар чаҳор манбаи зикршуда иқдомҳои назаррасе анҷом гардиданд, вале боз ҳам ҷойи мутафаккироне чун Аҳмад-Махдуми Дониш (1827-1897) дар ин самт холӣ боқӣ мемонад. Аз рӯи мавқеи худ Аҳмад-Махдуми Дониш ба гурӯҳи аввал дохил мешавад, зеро андешаҳои адабӣ ва назарии ин нобиғаи миллати тоҷик дар партави масъалаҳои дигари ҳаётӣ, хосса тибқи афкори маорифпарваронаи ӯ, баён гардидаанд. Аз ин лиҳоз, ҷамъоварии андешаҳои адабии мутафаккир аз миёни кулли осораш, муайян намудани арзиши онҳо барои илми адабиётшиносӣ, махсусан қисматҳои назарияи адабиёт ва нақди адабӣ ҳам иқдоми заҳматталаб ва ҳам талаби замон мебошад.

Аҳмади Дониш шахсияти дорои истеъдоди фитрӣ ва мутафаккире буд, ки ба кулли масъалаҳои зиндагӣ диду назари худро дошт ва ин диду назарашро бо услуби ба худ хос баён менамуд.  Аҳмади Дониш, ки ҳадафаш тағйири тафаккури ҷомеа тавассути рушд ва тарғиби илму маориф ва фарҳанг буд, наметавонист аз масъалаҳои назарию амалии адабиёту фарҳанг изҳори андеша накунад, зеро афкори худро бо шеъру назм оғозу ҷамъбаст менамуд ва аз ҳунари сухансанҷони гузашта ба таври зиёд мустафод мекард. Дар ин замина ва вобаста ба ҳаёти воқеӣ, ки Аҳмади Дониш дар он ба сар мебурд, на танҳо диди таърихию сиёсӣ, балки тарзи эҷод, бадеият, усули нақл ва роҳҳои образофаринии ӯ низ рушд ёфт, ки баъдтар боис гардид, то осори гуногуншаклу гугогунмазмунаш бо тамоми махсусиятҳои фарҳанги миллӣ ва диди таърихии бадеӣ рӯйи кор оянд. Маҳз ҳамин омилҳо сабаби падид омадани андешаҳои мунтақидонаи ӯ гардиданд. Ин буд, ки Аҳмади Дониш ҳамчун шоир ва нависанда нисбати масъалаҳои адабию назарӣ низ изҳори ақида намуд ва ин андешаҳои мутафаккир то ба ҳол ба таври васеъ ва пурра дар адабиётшиносии тоҷик омӯхта нашудаанд. Мавриди пажӯҳиш ва дар хизмати аҳли илми тоҷик гузоштани онҳо боис мегардад, то қисмате аз назарияи адабиёт ва танқиди адабии тоҷик омӯхта ва мавриди истифода қарор дода шавад. Натиҷаҳои таҳлилу таҳқиқ боиси рӯшан сохтани андешаҳои адабии миллии як давраи муайяни адабиёт – асрҳои XVI-XIX, мегардад. Ба тарви алоҳида бошад, андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш нахустин маротиба дар доираи таҳқиқи мукаммали кори диссертатсионӣ қарор дода мешавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ба мавзуи мавриди таҳқиқ дар доираи баёни андешаҳои алоҳида ва мақолаҳои ангуштшумор танҳо ишораҳо гардидаасту халос. Ин ишораҳо дар муқоиса бо андешаҳои зиёд роҷеъ ба ҳолу аҳволи Аҳмади Дониш, хосса дар бораи афкори сиёсӣ, фалсафӣ, таърихӣ ва маорифпарварии ин мутафаккир, ки аз ҷониби олимони соҳаҳои гуногуни илм иброз шудаанд, ба назар ночиз метобанд. Диссертатсияи мавриди таҳқиқ – «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш», нахустин тадқиқоти мукаммали илмӣ дар ин самт буда, дар он

андешаҳои мутафаккир роҷеъ ба масъалаҳои мухталифи каломи бадеъ, эҷоду ҳадафи шеър, таъсири шеър, шеъри дуруст ва нодуруст, масъулият ва шахсияти шоир, бадоеъ ва саноеъ, касбу пешаҳои аҳли қалам ва дигар масъалаҳои ба инҳо алоқаманд мавриди таҳлилу баррасии васеъ қарор дода шудаанд. Ҷойи эътироф аст, ки андешаҳои алоҳидаи муҳаққиқони ватанӣ ва олимони рус ва мақолаҳои ҷудогонаи дар ин ҷода таҳиягардида асоси назарии таҳлили илмии моро ташкил додаанд, ҳарчанд онҳо мушаххасан ба мавзуи тадқиқ дахл надошта бошанд ҳам. Дар ҳар сурат, зарур аст, ки роҷеъ ба ишораҳои ангуштшумори муҳаққиқони адабиёт дар ин ҷода таваҷҷуҳ карда шавад.

Баҳо додан ба ҳунари ноқидӣ ва назари адабии Аҳмади Дониш ба таври умумӣ ва аҳён-аҳён аз замони худаш оғоз мегирад. Тазкиранависони замони мутафаккир ӯро аз ҷиҳати фазлу дониш ва ҳунару истеъдоди фавқулодааш таърифу тавсиф менамуданд ва дар ин бора дар диссертатсия ба таври муфассал маълумот дода шудааст. Ба ин гуфта баъдомадагон низ такя мекарданд ва пас аз мутолиаи осори Аҳмади Дониш боз сифатҳои дигари ӯро низ зикр менамуданд. Дар миёни ҳамаи сифатҳои ӯ эҳтиром ба ҳунари суханварӣ ва огоҳии комил доштанаш аз фунуни адабӣ махсус зикр мегардид.

Давраи нави эътирофи ҳунари Аҳмади Дониш аз хидматҳои устод Садриддин Айнӣ оғоз мегардад. Устод Айнӣ дар як баҳои хеш ба зуҳури Аҳмади Дониш дар осмони Бухоро аз ду ибора истифода намудааст, ки яке «адабиёти нави илмӣ» ва дигаре «ба чандин фан тахассус пайдо кардан»-и Аҳмади Дониш мебошад, ки низ ба ҳунар ва истеъдоди нависандагӣ, ноқидӣ ва огоҳ буданаш аз фунуни замони хеш ишорат мекунанд [5, с. 21]. Чунин раванди шиносоӣ бо мутафаккир ба тариқи нисбатан ошкоро, яъне таваҷҷуҳ ба андешаҳои назариву амалии илми каломи бадеъ дар баёни андешаҳои олимони адабиётшиноси тоҷик, аз ҷумла Сотим Улуғзода [1940, 1946], Шарифҷон Ҳусейнзода [1964], Холиқ Мирзозода [1936, 1950, 1962, 1976], Абдулғанӣ Мирзоев [1948, 1950, 1953, 1958, 1977], Расул Ҳодизода [1968, 1974, 1976, 1988], Носирҷон Маъсумӣ [1962, 1976, 1980], Абдуқодир

Маниёзов [1976] ба таври умумӣ идома дода шуд. Вале бояд зикр намуд, ки аз муҳаққиқони номбурда касе ба таври ҷузъӣ ва мушаххасан ба андешаҳои назарии мутафаккир дахл нанамудааст, балки аҳён-аҳён ишораҳоро вобаста ба баёни андешаҳои маорифпарварӣ ва зебоишиносии ӯ кардаанду бас.

Яке аз муҳаққиқоне, ки ба таври муҷмал ва умумӣ роҷеъ ба андешаҳои Аҳмади Дониш дар бораи шеъру шоирӣ ва алоқаи мантиқии андешаҳои дигари ӯ бо шоирони гузашта, хосса Ҷомӣ ва Биноӣ, изҳори назар кардааст, академик Абдулғанӣ Мирзоев мебошад. Мақолае, ки мебоист ба ҳайси роҳнамо барои таҳлили масъалаи марказии диссертатсияи мо қарор гирад, ба қалами ҳамин олим тааллуқ дошт ва унвонаш «Дониш ва ақидаи ӯ ба шеъру шоирӣ» буд [67, с. 39-44]. Дар ин мақола муҳаққиқ ба таври хеле кӯтоҳ аз ибрози ақидаи Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ», дурусттараш суханони ӯ барои фарзандон, ки марбут ба шеъру шоирӣ буданд, ёдовар шуда, ду назми Мирзо Бедилро мутазаккир мешавад ва дар идома роҷеъ ба ҳунари шоирии худи Аҳмади Дониш таваққуф мекунад. Хулоса карда гӯем, мақола чизеро дар таҳлили афкори адабии Аҳмад Махдум ошкор насохтааст.

Мақолаи дуюми ин донишманд «Аҳмади Дониш ва Абдурраҳмони Ҷомӣ» ном дорад, ки дар он «равобити фикрӣ»-и Аҳмади Дониш «танҳо аз рӯйи як масъала – тарбияи фарзанд бо ақидаҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1492)» санҷида шудааст [67, с. 46]. Дар мақолаи сеюм муҳаққиқ «Равобити фикрии Дониш ва Биноӣ»-ро дар масъалаи тасвири дӯстии ҳақиқӣ таҳлил намудааст [67, с. 62-79]. Табиист, ки дар ҳар се мақолаи хад академик А. Мирзоев доир ба масъалаҳои гуногуни адабиётшиносӣ маводди муҳимми таҳлилиро пешкаш менамояд, вале дар онҳо ба андешаҳои адабию назарии Аҳмади Дониш мустақиман дахл нашудааст.

Муҳаққиқи адабиёти тоҷик – Расул Ҳодизода, ки нисфи умри хешро ба таҳқиқи ҳаёт ва осори Аҳмади Дониш сарф намуда буд ва асарҳо, нусхаҳои илмӣ ва интиқодии осори ӯро ба чоп ҳозир кард ва дар бораи афкору андеша ва ҷойгоҳи адабиву илмии ӯ дар адабиёт чандин рисолаву

китоб таълиф намуд. Ин таълифот аз нахустин корҳои таҳқиқотии ӯ дар ин самт оғоз гардида, то ба таълифи мақолаҳои энсиклопедӣ, бахшҳои китобҳои дарсӣ ва осори калонҳаҷми таҳқиқӣ рафта расиданд [ниг.:144; 146; 147; 148; 149; 150; 151].

Муҳаққиқ дар баёни мундариҷа ва таҳқиқи асарҳои Аҳмади Дониш кӯшидааст, ки бештар ҷиҳатҳои пешқадами афкор ва андешаҳои ӯро, ки ифодагари равшани ҷараёни маорифпарварӣ буданд, мавриди таҳлил қарор диҳад. Бар замми ин, профессор Ҳодизода мақолаҳои ҷудогонаеро низ ба чоп расонда буд, ки барои муайян намудани мақоми Аҳмади Дониш дар иншои каломи мавзун дар насри бадеӣ арзиши баланд доранд. Мақолаи «Насри бадеии Аҳмади Дониш» аз ҷумлаи чунин мақолаҳои арзишманди олим ба шумор меравад [151, с. 60-81], ки дар он муаллиф роҷеъ ба насри фалсафию бадеӣ ва насри бадеии осори Аҳмади Дониш дар мисоли таҳлили ҳикояҳои «Дар ҳикояти Ҳоҷӣ ва манофеи сафар ва хислати занон» ва «Дар ҳикояти гирдоби Искандар ва ғинои марди аҷамӣ» ибрози андешаҳои илмӣ намудааст. Бояд гуфт, ки дар ин таҳлилҳо, аслан, дар бораи ҳунари нависандагӣ, истифодаи ӯ аз усулҳои пешниҳоди мавод, образи ӯ ва мисли инҳо сухан рафтааст, ки бештар ба ҳунари фардии нависандагии Аҳмади Дониш дахл доранд, на ба андешаҳои адабӣ ва назарии ӯ.

Ҳамчунин, дар таҳқиқи афкор ва андешаҳои пешқадами Аҳмади Дониш олимони дигари тоҷик, монанди С. Амир, А. Девонақулов, Х. Олимӣ ва амсоли онҳо, низ таҳлилҳои арзишманд анҷом додаанд. Аз ҷумла, рисолаи таҳлилии Субҳон Амир «Фирдавсӣ ва мактаби адабии Дониш» [42] дар шинохти раванди ташаккули худогоҳӣ ва худшиносии миллии Аҳмади Дониш, ки мустақиман таҳти таъсири «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ пайдо шуда, таҳаввулу ташаккул ёфт, мақоми махсус дорад. Агарчи дар ин рисола мустақиман роҷеъ ба андешаҳои адабии Аҳмади Дониш сухан нарафтааст, вале он барои муайян намудани таъсири ин андешаҳо барои ба вуҷуд овардани образ ва ғояҳои монанд ба «Шоҳнома» аҳаммияти назаррас дорад.

Рисолаи дигар ба қалами муҳаққиқ Хосият Олимӣ тааллуқ дорад, ки дар он муаллиф доир ба «Поэтикаи фазо ва нақди бадеӣ дар «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш» баҳс мекунад [110]. Андешаҳои ҷудогонаи муаллифи ин рисола барои таҳлили масъалаҳои калидии диссертатсияи мо кумак мекунанд. Барои мисол, шарҳи истилоҳи «аҳли қалам» [110, с. 5-6], ки аз ҷониби Аҳмади Дониш зиёд ва ҳадафнок истифода мешавад ва ибрози чанд сухан роҷеъ ба андешаҳои ноқидонаи ӯ вобаста ба шарҳи мафҳумҳои ашъори Бедил [110, с. 22-23] ва амсоли инҳо бо мавзуи марказии рисолаамон тавъам мебошанд.

Қисмати кӯтоҳе, ки аз як рисолаи илмӣ ба таҳқиқи мо иртиботи қавӣ дорад, рисола барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-и М.С. Абдураҳмонов мебошад, ки «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» унвон дошта, соли 2023 таҳия гардидааст. Боби дуюми ин рисола ба мавзуи «Нақши Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири ҷараёни адабӣ ва афкори адабӣ-эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» тахсис дода шудааст ва он асосан дар хусуси зикри Аҳмади Дониш дар тазкираҳо ва ашъори шуарои муосираш баҳс мекунад. Зербобе, ки мавриди таваҷҷуҳи мо қарор гирифт, «Назаре ба ақидаҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Дониш» ном дошт [37, с. 103-120]. Муаллифи рисола дар ин зербоб дар ҳаҷми панҷ-шаш саҳифа ба таври умумӣ андешаҳои Аҳмади Донишро дар боби шеъру шоирӣ ва қаламкашӣ, дар асоси гуфтаҳои худи мутафаккир зикр карда, дар идомаи таҳлил бештар ба тарзи иншои шеъри худи Дониш дахл намудааст. Дар ҳар сурат, ин чанд саҳифаи рисола барои кори мо аз аҳаммият холӣ нестанд ва мо дар рисола аз онҳо истифода намудем.

Ҳамин тариқ, то ба имрӯз роҷеъ ба афкори адабию назарии Аҳмади Дониш, ки на ба таври рисола ё асари алоҳида иншо шудаанд, балки дар кулли рисола ва осори ӯ баён ёфтаанд, асари тадқиқотие арзи вуҷуд накардааст.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқи андешаҳои адабӣ, назарӣ ва ҳунари ноқидии Аҳмади Дониш бахше аз

таърихи адабиёти классикии тоҷикӣ ва махсусан масъалаҳои назарияи адабиёти мо, мебошад, ки комилан ҷавобгӯйи нақшаҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ**. Ҳадафи асосии кори диссертатсионӣ таҳлил ва пажӯҳиши андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмад Махдуми Дониш мебошад, ки то ба имрӯз ба таври зарурӣ ва ҳаматарафа омӯхта нашудааст. Натиҷаҳои пажӯҳиш дар муқоиса бо андешаҳои назарӣ ва адабии бузургтарин мутафаккирон ва андешамандони адабиёти тоҷику форс гузошта шуда, нуктаи пайванди онҳо нишон дода мешавад.

**Вазифаҳои таҳқиқ**. Барои расидан ба мақсади пажӯҳиш ва ба даст овардани натиҷаҳои пешбинишуда иҷрои вазифаҳои зерини илмӣ ба нақша гирифта шуд:

– муайян намудани мавқеъ ва манзилати Аҳмади Дониш ҳамчун мутафаккири бисёрҷабҳа тавассути таҳлили маълумоти тазкираҳо;
– маълум намудани дараҷаи омӯзиш ва пажӯҳиши ҳолу аҳвол ва осори Аҳмади Дониш дар Тоҷикистон;
– нишон додани дастовардҳо ва заъфи аҳмадидонишшиносӣ дар адабиётшиносии тоҷик;
– муайян ва мушаххас намудани заминаҳои пайдоиш ва таҳаввули андешаҳои адабию назарии Аҳмади Дониш;
– таҳлил ва нишон додани дараҷаи таъсири назари маорифпарваронаи Аҳмади Дониш ба андешаҳои адабии ӯ;
– нишон додани сабабҳои муносибати духӯра (мусбат ва манфӣ)-и Аҳмади Дониш ба шеъру шоирӣ;
– таҳлили мафҳумҳои муҳимтарин истилоҳоти адабӣ дар осори Аҳмади Дониш;

– таҳлил ва муайян намудани рисолати шоир аз назари Аҳмади Дониш ва диди ӯ ба намунаҳои ашъори шоирони классикии форсу тоҷик;

– таҳлили андешаҳо ва назари ноқидонаи Аҳмади Дониш.

**Объекти таҳқиқ**. Объекти кори диссертатсиониро кулли осори дастраси Аҳмад Махдуми Дониш, аз ҷумла, намуна ва матнҳои нашршудаи китоби «Наводир-ул-вақоеъ» [1957; 1959; 1960; 1976; 1988; 1989; 2020], «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» [2020], «Меъёру-т-тадайюн» [2010], «Девони ашъор» [2020], порчаҳои алоҳидаи ашъораш, ки дар маҷмуаҳои илмӣ ба табъ расидаанд, ташкил медиҳанд. Инчунин, тамоми мақолаву гузоришҳои марбут ба ҳолу аҳволи Аҳмади Дониш ва махсусан маҷмуи мақолаҳои «Аҳмад Махдуми Дониш ва хориқаи таърихии фарҳанги тоҷикон» [2017] ба ҳайси сарчашмаҳои илмӣ ва назарӣ роҷеъ ба объекти таҳқиқ мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқ**. Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш роҷеъ ба аҳли қалам, сухан ва чигунагии он, шеър ва моҳияти он, шоир ва масъулияти шеърнависӣ, назарҳои ноқидонаи ӯ ба ашъори шоирони даврони хеш ва инчунин таҳлили ашъори гузаштагон ҳамчун донишманди маънидон ба ҳайси предмети кори диссертатсионӣ қарор дода шуданд.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Асосҳои равишшиносӣ ва назарии таҳқиқи мавзуъро принсипҳо (аслҳо)-и машҳури назарияи адабиёт ва накди адабӣ фароҳам овардаанд. Ин аслҳо бар таҳлили андешаҳои шахсии муаллифи осор асос ёфта, онҳо дар муқоиса бар афкори монанди гузаштагон гузошта мешаванд, то монандӣ, фарқ ва навовариҳои андешаи Аҳмади Дониш муайян карда шаванд. Ҷойи тазаккур аст, чунин асосҳои равишшиносӣ бар мабнои натиҷаву хулосаҳои пешқадамтарин олимони адабиётшиноси ватанӣ: С. Айнӣ, С. Улуғзода, Х. Мирзозода, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, Ш. Ҳусейнзода, Р. Мусулмониён, Х. Шарифов, А. Сатторзода ва назарияпардозони машҳури рус, аз ҷумла М.М. Бахтин, Б.М. Эйхенбаум,

В.М. Жирмунский, М.Л. Гаспаров, Ю.М. Лотман, Д.С. Лихачёв асос ёфтааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Вобаста ба талаботи таҳқиқи масъалаи асосӣ аз равишҳои таҳлили матн, муқоиса, муқоисавӣ-таҳлилӣ ва муқоисавӣ-таърихӣ истифода шуд. Бо дарназардошти он ки афкору андешаҳои Аҳмади Дониш роҷеъ ба масъалаҳои адабӣ ва назарии эҷод ва рисолати эҷодкор ба таври алоҳида ва ба шакли рисола ё китоб мураттаб ва баён нагардидаанд, дар раванди таҳлил аз равиши тавсифӣ низ истифода гардид. *Равиши тавсифӣ* ё худ *усули дискриптивӣ*, ки такя бар калимаҳо ва ибораҳои алоҳида мекунад, ки дар маҷмуъ хулосаҳои масъалаи асосиро тақвият мебахшанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ**. Ҷойи эътироф аст, ки ба ҳаёту осори Аҳмад Махдуми Дониш аз ҷониби олимони ватанӣ таваҷҷуҳи зиёде зоҳир гардидааст. Кулли андешаҳои сиёсӣ, таърихӣ, педагогӣ, динӣ ва ҷомеашиносии ӯ дар партави андешаҳои маорифпараваронааш мавриди баҳсу таҳлил ва таҳқиқу пажӯҳиши илмӣ қарор гирифтаанд. Дар ин миён танҳо андешаҳои адабӣ ва назарии мутафаккир аз доираи таҳлил берун мондаанд ва аз ин рӯ, кори диссертатсионии пешниҳодшуда аз нахустин иқдомҳо дар таҳлили густардаи андешаҳои назарӣ ва адабии Аҳмади Дониш дар адабиётшиносии муосири тоҷик ба шумор меравад. Навовариҳои таҳқикро метавон бо чаҳор дастоварди таҳлил ба ин тарз инъикос намуд:

1. Мусаллам аст, ки Аҳмади Дониш асар ё рисолаи алоҳидаеро роҷеъ ба масъалаҳои адабӣ иншо нанамудаст ва андешаҳои ӯ дар масъалаҳои гуногуни сухан ва суханварӣ, шеъру шоирӣ, санъату навъҳои бадеӣ ва пешаи аҳли қалам дар асарҳои таърихӣ, рисолаҳо, ҳикоятҳо ва мусаваддаҳояш ба таври ҷо-ҷо иброз гардидаанд. Ҳамаи ин андешаҳои мутафаккир нахустин маротиба ҷамъоварӣ ва дар асоси талаботи қонуни дохилии илми адабиётшиносӣ – назарияи адабиёт ва нақди адабӣ тасниф ва таҳлил гардиданд.

2. Бори нахуст дар илми адабиётшиносии тоҷик раванди аҳмадидонишшиносӣ, агарчи комил нест, барқарор шуд ва он метавонад барои мураттаб сохтани феҳристи нави аҳвол ва осори ин мутафаккир маводди кофӣ ва муътамадро пешниҳод намояд. Бар замми ин, раванди мазкур аз ҷиҳати ҳам дастовардҳо ва ҳам камбудҳои худ таҳлилу таҳқиқ гардид.

3. Заминаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии пайдоиш ва ташаккули андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш муайян ва услуби хоси баёни онҳо муқаррар гардид. Маълум шуд, ки Аҳмади Дониш мисли орифону файласуфони гузашта рисолати шеъру шоириро дар гуфтани сухани ҳақ ва мадҳу ситоиши Офаридгор медонад ва ҳар чи бидуни ин аст, фаҳшу нокомил бошад.

4. Яке аз масъалаҳои муҳимми назарияи адабиёт, яъне мафҳуми *шеъри комил* ва *шоири комил* аз назари Аҳмади Дониш дар муқоиса бо андешаҳои гузаштагони фарҳангу тамаддуни тоҷику форс аз назари таҳлил гузаронда шуд, ки то ҳол собиқа надошт.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Шинохти Аҳмади Дониш ва арҷгузории ҳунари гуногунҷабҳаи ӯ раванди худро дорад ва дар асоси таҳлили сарчашмаҳо ва тадқиқоти тоза ин раванд дар сарчашмаҳои то солҳои 20-уми асри XX муайян гардид. Оғози раванди аҳмадидонишшиносӣ дар адабиётшиносии тоҷик аз ибтикори устод Садриддин Айнӣ вобаста аст ва дар тӯли 100 сол идома ёфтаст. Дар ин муддат илми адабиётшиносии тоҷик роҷеъ ба шинохти Аҳмади Дониш ва осору афкори ӯ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид, вале мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки сарфи назар аз мавҷуд будани имконоти зарурӣ, дар ин ҷода норасоиҳои ҷиддӣ низ ҷой доранд.

2. Андешаҳои адабию назарии Аҳмади Дониш дар асоси афкори назарии гузаштагони адабиёти тоҷику форс шакл гирифта, дорои заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихӣ мебошанд. Муҳити хонаводагӣ, истеъдоди фитрӣ ва азалӣ, Қуръон ва соири осори исломӣ, маҳфилҳои қиссахонӣ ва

таъриххонӣ, тавачҷуҳ ба ашъори гузаштагон, муҳити адабӣ ва муҳтавои ашъори шоирони замони мутафаккир, омӯзиш ва шиносоӣ бо фарҳангу тамаддуни халқҳои дигар, аз ҷумлаи он заминаҳое ҳастанд, ки шахсият ва ҳунари Аҳмади Донишро комил сохта ба воя расондаанд.

3. Аҳмади Донишро ба ҳайси сарвар ва ташкилдиҳандаи мактаби маорифпарварони Осиёи Марказӣ пазируфтаанд ва намояндагони ин равия чун фарзандони пешсафи замони хеш илм, маориф ва фарҳангу адабро аз муҳимтарин воситаҳои тағйири муносибат ва рафтори ҷомеа медонистанду тарғиби онро ҳаматарафа ба роҳ мемонданд. Таҳлилҳо дар ин самт собит сохтанд, ки ақидаҳои маорифпарваронаи ӯ ба пайдоиш ва таҳаввулу таҳкими андешаҳои адабиаш таъсири зиёде доштаанд. Аз ҷумла, муносибати Аҳмади Дониш нисбат ба шеъру шоирӣ яксон набуда, балки ин пеша аз ҷониби ӯ ҳам тақдир ва ҳам маззамат мешуд. Тавсиф ва мазаммати касби шеъру шоирӣ аз ҷониби Дониш сабабҳои худро доро буд ва ба муҳити сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давр алоқаи қавӣ дошт.

4. Шарҳи мафҳум ва ҳадафи сухан, ҳадафи истифодаи зиёд аз истилоҳи «аҳли қалам», тафсир ва ташреҳи истилоҳҳои «шароеъ», «саноеъ» ва «бадоеъ», «фасоҳат ва балоғат» аз нигоҳи Аҳмади Дониш ва истифодаю тафсири навъ ва жанрҳои адабӣ дар осори ӯ андешаҳои адабӣ ва назариашро фароҳам овардаанд. Инчунин маълум гардид, ки масъалаи шеър ва ҳунари шоирӣ дар андешаҳои адабии Дониш ҷойи намоёнро ишғол намуда, талаботи ӯ ба ин пеша махсус аст. Сухани ҳақ ва ростро мутафаккир асоси шеъри комил ва масъулияти шоири бакамолрасида медонад. Аҳмади Донишро ҳамасронаш чун ноқиди маънишинос эътироф кардаанд. Ӯ ҳунари ноқидии худро дар шарҳи байту банд ва порчаҳову шеърҳои комил, ашъори Бедили Деҳлавӣ, махсусан шарҳи рубоиҳои Бедил дар асоси ҳодисаву ҳолатҳои замони худ санҷида, ҳамчунин ба ашъори шоирони замонаш ҳамчун мунаққиди суханшинос баҳо додааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Таърихи адабиёти тоҷик аз лиҳози таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои каломи бадеъ, назарияи адабиёт ва нақди адабӣ собиқаи дерина дорад. Муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки дар

баробари ба вуҷуд омадани адабиёти бадеӣ назария ва нақди он ҳам арзи вуҷуд карда буд. Ин назария ва нақд натанҳо аз ҷониби шоирон ва бо ибрози андешаҳои алоҳида тавассути байту бандҳои шеърӣ, балки ҳамчун илм ташаккул ёфта, дар осори муҳаққиқони ҳирфаӣ арзи ҳастӣ намуданд. Таҳлилу таҳқиқи андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш идомаи ин илм буда, натиҷаҳои он барои комил гардидани илми каломи бадеъ, нақди адабӣ ва назарияи адабиёти тоҷик хизмат хоҳанд кард. Чунон ки зикр рафт, мавзуъ нахустин маротиба мавриди таҳлили васеи илмӣ қарор гирифтааст ва андешаҳои Аҳмади Дониш роҷеъ ба масъалаҳои гуногуни эҷоди осори бадеӣ, сухан ва суханварӣ, шеъру шоирӣ ва амсоли инҳо аз осори гуногуни он ҷамъоварӣ ва таҳлил гардидааст. Натиҷаҳои бадастомада бидуни баҳс метавонанд ба ҳайси маводди омӯзишӣ ва илмӣ ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дар самти омӯзиши назарияи адабиёт ва нақди адабии тоҷик истифода шаванд. Бар замми ин, маводди таҳлилшуда барои таҳқиқу омӯзиши масъалаҳои назарии адабиёти тоҷик аз асри XVI то XIX, ки ҳанӯз ба таври алоҳида ва ҳамчун як давраи муайяни таърихи адабиёт мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст, хизмат хоҳад кард.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Ҷамъоварӣ ва таҳлили илмии андешаҳои назарию адабии мутафаккир чун масъалаи асосии таҳқиқи кори диссертатсионӣ қарор гирифт, ки он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Ҷудо намудани андешаҳои адабию назарии Аҳмади Дониш ва ба таври алоҳида омӯхтану таҳлил намудани арзиши онҳо барои илмҳои назарияи адабиёт ва нақди адабии тоҷик аз масъалаҳои асосии таҳлилу таҳқиқи кори диссертатсионӣ маҳсуб мешуд. Омӯзиши дақиқи осори дастрасбудаи Аҳмади Дониш ва ҷудо намудани андешаҳои адабию назарии ӯ, ки то ин замон аз ҷониби касе анҷом нашудааст, аз фаъолиятҳои шахсии муаллифи диссертатсия ба

ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, кулли таҳлилҳо ва хулосаҳои илмӣ ба қалам ва андешаи муаллифи рисолаи илмӣ тааллуқ дорад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои илмии диссертатсия дар шакли гузоришу маъруза ва мақола интишор шуда, тавассути маҷмуаҳои дастаҷамъӣ, маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Муҳимтарин нуктаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалии «Филологияи Шарқ: пажуҳиши забоншиносӣ, равобити адабӣ ва тарҷумашиносӣ» (ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, 08.12.2023), «Рушди иқтисодӣ, иҷтимоии Тоҷикистон: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои он» (Бахши илмҳои гуманитарӣ. Масъалаҳои адабиётшиносӣ) (ДДХ ба номи М. Назаршоев, 30.11.2024) ва конференсияи ҷумҳуриявии «Вазъият ва дурнамои амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Бахши 3. Эҳё ва рушди фарҳанги миллӣ таҳкимбахши Истиқлоли давлатӣ) (ДДБ ба номи Н. Хусрав, 14.06.2025) баррасӣ гардидаанд. Диссертатсия дар маҷлиси шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ аз 19-уми декабри соли 2025, суратҷаласаи №4 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Интишорот аз мавзуи диссертатсия**. Роҷеъ ба масъалаи асосии диссертатсия 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда интишор ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб бо фарогирии фаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 171 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ I
# АЗ ТАЪРИХИ АҲМАДИДОНИШШИНОСӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Оғози шинохт ва зикри Аҳмади Дониш дар сарчашмаҳо

Роҷеъ ба ному насаб, замони зиндагӣ ва ҳунарҳои Аҳмад-Махдуми Дониш тазкиранависони ҳамасраш ва муҳаққиқони баъдӣ, ки дар самтҳои таърих, адабиёт, ҷомеашиносӣ ва фалсафаи тоҷик дар асрҳои XIX таҳқиқ кардаанд, изҳори назар кардаанд. Ҳарчанд ин назарҳо ва қайдҳо барои донистани муҳити ҳаёт, шароити тарбия, зиндагии фардӣ ва рушди шахсият ва ҳунари Аҳмади Дониш арзиши муҳим дошта бошанд ҳам, вале онҳо ба таври алоҳидаву пароканда, дар иртибот бо мавзуъҳои асосии таҳқиқ изҳор мегардиданд. Дар адабиётшиносии даврони Шуравӣ, ки бегумон ибтидои омӯзиши мунсифонаи хидматҳои Аҳмади Дониш барои муҳити фарҳангӣ, адабӣ ва сиёсии он вақти Бухоро ба шумор меояд, асосан, ба мактаби маорифпарварӣ ва ҳаракати ҷадидия, ки Аҳмади Дониш, бе шубҳа, саромади он маҳсуб мешуд, бештар таваҷҷуҳ мешуд ва аз ин лиҳоз масъалаи зикри номи Аҳмади Дониш дар сарчашмаҳо, манобеъ ва маъхазҳои таърихию адабӣ ҳамчун масъалаву мавзуи алоҳида пешбинӣ намешуд. Бар замми ин, дар бораи дид ва назари Аҳмади Дониш доир ба адабу адабиёт ҳам, ба ҷуз аз ишораҳои алоҳида ва умумии олимон, таҳлили густарда ва қонеъкунанда анҷом нагардидааст.

Вобаста ба масъалаи аввал муҳаққиқи афкори адабӣ ва эстетикии намояндагони равияи маорифпарвар ва ҷадидияи Бухоро М. С. Абдураҳмонов аз зумраи он адабиётшиносони муосири тоҷик маҳсуб мешавад, ки барои муайян намудани мавқеъ ва манзилати Аҳмади Дониш аз нигоҳи ҳамзамонон ва ояндагони ӯ ба таври шоиста талош варзидааст. Ногуфта намонад, ки ин раванд аз устод Садриддин Айнӣ оғоз ёфта, онро муҳаққиқон Х. Мирзозода, Н. Маъсумӣ, Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Сиддиқов, С. Амирқулов, И. Эшонқулов ва дигарон ба таври сазовор идома доданд, вале метавон гуфт, ки М.С. Абдураҳмонов ин равандро ба

таври хронологӣ, бо далелҳои боварбахш равшан сохта, бо ақидаҳои илмӣ ва бурҳонҳои тоза такмил додааст [37].

Инчунин, сазовори ёдрас кардан аст, ки пеш аз кори номбурдашуда, инҷониб дар тули таҳсил дар шуъбаи магистрии Институти забон ва адабиёт ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Точикистон рисолаи магистриро бо унвони «Аҳмадидонишшиносӣ дар Тоҷикистон» дар ҳаҷми се боб фароҳам овард, ки дар он масъалаҳои зикршуда ба таври хронологӣ ба таҳқиқ гирифта шуда буданд (1. Зикри Аҳмади Дониш дар манобеъ ва маъхазҳои адабиву таърихии охири асри XIX ва нимаи аввали асри XX; 2. Саҳми олимони тоҷик дар таҳқиқи зиндагинома, афкор ва осори Аҳмади Дониш; 3. Тасвири симои Аҳмади Дониш дар осори бадеӣ). Бинобар дастрасӣ надоштани муҳаққиқон – М.С. Абдураҳмонов ва Г.З. Бобораҷабова ба ин рисола, мутаассифона, он берун аз истифода мондааст. Вале мо дар таҳлили мавзуъ бештар ба кори ҳар ду муҳаққиқ такя хоҳем кард, зеро ин ду рисола маълумоти пешинагонро роҷеъ ба шинохт ва таҳқиқи Аҳмади Дониш дар замони шуравӣ ва минбаъд то андозае ҷамъбаст мекунанд, агарчи ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқашон аз мақсаду вазифаҳои кори мо фарқ доранд.

Бинобар андешаи аксари олимони тоҷик, ки ба таҳқиқи адабиёти асри XIX ва ибтидои асри XX (аз устод Айнӣ сар карда, Х. Мирзозода, Н. Маъсумӣ, Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Сиддиқов, С. Амирқулов, И. Эшонқулов ва дигарон) бевосита дахл намудаанд, эҳёи ҳунари тазкиранависиро дар ин давр таъкид намуда, аз тазкираҳои Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ («Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб»), Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ («Тазкират-уш-шуаро»), Мирсиддиқи Ҳишмат («Тазкират-уш-шуаро»), Садри Зиё («Тазкори ашъор»), Афзал-Махдуми Пирмастӣ («Афзал-ут-тазкор фӣ зикр-иш-шуаро в-ал-ашъор»), Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ («Тазкират-уш-шуарои мутааххирин») ва Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам («Тазкират-уш-шуаро») ёд намудаанд. Дар радифи ёд шудани ин тазкираҳо, муҳаққиқон онҳоро ба фармоишӣ ва ғайрифармоишӣ низ ҷудо кардаанд. Тазкираҳои «Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ

тазкират-ил-асҳоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, тазкираи Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Мирсиддиқи Ҳишмат ва «Тазкори ашъор»-и Садри Зиёро аҳли таҳқиқи ғайри фармоиш иншошуда ва тазкираҳои баъдан номбурдаамонро бо супориш ва дархости амир Абдулаҳад эҷодшуда хондаанд. Шахсият ва фардияти Аҳмади Дониш дар ин тазокир ҳузур дорад ва баҳои тазкиранависон ба ин симо аксар аз нигоҳ мавқеи иҷтимоии худи соҳибони тазкираҳо дода шудааст. Дар поён талош кардем, ки муносибати тазкиранависонро ба шахсият ва ҳунари Аҳмади Дониш муайян кунем, то дар миёни ин муносибат ва андешаҳо мавқеи ин симои намоёни илму адабро дар идомаи тафаккури бадеӣ ва зебоишиносии андешамандони тоҷик маълум карда тавонем.

Яке аз тазкираҳои арзишманди ин давра «Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ аст [8; 9], ки муҳаққиқон онро натанҳо аз нахустин ва аз беҳтарин сарчашмаҳои муҳити адабии давр мешуморанд, балки аксари дигари тазкираҳои рӯйикоромадаро дар пайравии он навишташуда донистаанд [43, с. 1472-1476]. Бо сабабҳои номаълум зикри ном, ҳунар ва осори Аҳмади Дониш дар ин тазкира нарафтааст ва муҳаққиқон низ аз таҳқиқ ва гуфтани сабабҳои ин иллат худдорӣ варзидаанд. Бо такя бар баъзе аз масъалаҳои вобаста ба сиёсат, иҷтимоиёт ва эътиқодоти даврони ин ду намояндаи адабу фарҳанг метавон чанд нуктаро баён намуд, ки то андозае сабаби худдорӣ кардани Қорӣ Раҳматуллоҳ аз зикри номи Аҳмад-Махдум дар тазкирааш гаштааст. Дуруст аст, ки ин нуктаҳо ҳанӯз ба ҳайси сабабҳои эҳтимолӣ амал мекунанд ва барои аҳли таҳқиқ саҳеҳии онҳо ва соири масъалаҳоро таҳлилу санҷидан зарур мегардад.

Пеш аз ҳама, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар тӯли чанд сол бо дарбор ва дарбориёни амир Музаффар алоқа пайдо намуда буд, вале ба сабабҳои гуногун муносибати амир ва атрофиёнаш бо ӯ ранги манфӣ гирифта ва Қорӣ тарки дарбор мекунад. Яке аз сабабҳои тағйири ин муносибат, ки ҳамасри Возеҳ – Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ ба қалам овардааст, ба пайрави мазҳаби шиаи асноашария будани Возеҳ далолат мекунад, чунончи:

«...бино бар нисбаташ ба қавми эронӣ бо ҳамадонӣ аҳли замон унвонаш намедиҳанд ва ривоҷаш намехоҳанд ва қабулияту марҷаияташ намеписанданд, хусусан бештар аз новоқифону бехабарон дидан наметавонанд ва аксари бемағзону ҳарзадароён таъну ҷарҳи амсоли ӯро маншаи камоли худ пиндошта, мубтадиёни содалавҳро аз роҳ мебаранд, хусусан исноашарияташ ва имомияташро ҷиҳати ҷарҳ насси қатъӣ мепиндоранд» [35, с. 56].

Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки таассуби динӣ ва тангназарии ҳунарии аҳли дарбор сабабҳое будаанд, ки боиси тарки дарбор кардани шоир гардидаанд. Шояд Раҳматуллоҳи Возеҳ, ки аз дарбор домангир буд, аз ин хотир Аҳмади Донишро ҳамчун шахсе аз аҳли дарбор ва наздикони амир нахост ба тазкираи хеш ворид созад.

Ҳамчунон, масъалаи тафовути эътиқодии миёни ин ду нафарро низ метавон яке аз сабабҳои сардии муносибати онҳо номид.

Бо вуҷуди ин, кулли ҳамасрон ва баъдомадагони ин ду шахсият онҳоро мансуби як мактаб ва Қорӣ Раҳматтуллоҳи Возеҳро аз пайравони Дониш гуфтаанд. Масъалае, ки возеҳ аст ва мавриди таассуф низ мебошад, ба тазкираи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ворид нагардидани номи Аҳмад Махдуми Дониш аст. Хуб мешуд, агар аҳли илм андешаҳои Қорӣ Раҳматуллоҳро дар хусуси ин нобиғаи давр медонист. Аммо муайян намудани сабабҳои ворид нагардидани номи нобиғае чун Аҳмади Дониш ба тазкираи Қори Раҳматуллоҳи Возеҳ метавонад манзилат ва мавқеи ин симоро дар рушди тафаккури худшиносии миллии мо равшантар созад.

Аз тазкираҳои дигари машҳури он давр «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ ба ҳисоб меомад, ки арзиши илмӣ ва адабии он аз ҷониби аҳли таҳқиқ ба таври воқеӣ таъкид гардидааст. Шарифҷон-Махдуми Садри Зиё, ки дар пайравӣ аз Раҳматуллоҳи Возеҳ ва Абдулазими Шаръӣ ба тазкиранигорӣ шуғл варзидаст, дар «Тазкори ашъор»-аш онро «китобе...пурфоида» муаррифӣ намудааст [29, с. 121]. Муҳаққиқони баъдӣ ба забону тарзи баёни ин тазкира баҳои баланд дода, маълумоти

дарбаргирифтаи онро барои омӯзиш ва таҳлили муҳити фарҳангии асри XIX пураҳаммият донистаанд.

Бояд гуфт, ки тазкира зиндагиномаи даҳ нафар аз шоирону адибон ва фозилони ҳамасри муаллифро бо зикри намунае аз осори манзум ва мансури баъзеи онҳо дар бар гирифтааст, ки Аҳмад Махдуми Дониш низ дар миёни онҳо мебошад. Ҷойи зикр аст, ном, насаб ва унвону ҳунари мутафаккир дар тазкира чунин баҳо дода шудааст: «Мулло Мир Аҳмад-махдуми Уроқи Муҳандиси Дониш, хаттоти Бухороӣ. Аз намунаи осори Дониш 1 қасида, 3 қитъа, 4 рубоӣ ва 1 фард шомили 78 байт дар тазкира оварда шудааст» [152, с. 79-84].

Яке аз вижагиҳои тазкираи Шаръӣ пешниҳоди маълумоти нодир оид ба эҷодиёти ҳунармандоне, ки ашъорашон дастраси мо нест, мебошад. Масалан, бо таваҷҷуҳ ба тавсифи шахсияту ҳунари Дониш дар тазкира, метавон хулоса кард, ки то ба ҳол на ҳамаи маҳсули ҳунарҳои ин нобиғаи тамаддуни тоҷик дастраси аҳли илму ҳунар гардидааст. Тавсиф ин аст: «Феҳристи маҷмуаи камолу биниш, нуқтаи интихоби манзумаи фазлу дониш, дебочаи саҳифаи фунуни ҳикам, унвони ҷаридаи илм, билқалам, нуктапардоз, маънитироз, адофаҳми хушмуҳовара, хурдадони некӯмуҳозара, аз фузалои беназири рӯзгор ва нодираи адвор, дар ҷамеи фунуни адабия мумтоз ва ба тамомии саноати қаламия беанбоз аст... дар ин диёр дар қуруни ҳолия чун ӯ соҳибкамоле ба олами эҷод қадам наниҳода, модари даҳр чун ӯ фарзанди комиле назода, дар ҳандаса Уқлидуси замон аст ва дар ҳайат Чағминии даврон, дар насри муҳозирот Вассофи сонӣ ва дар назму қасоид Камоли Исфаҳонӣ ба ҳиддати табъ ва сафои фикр Фахри Розӣ ва Насри Тӯсиро аз абнои замон мешуморад ва ба камоли фазоил ва истеъдоди том Форобӣ ва Буалиро қарин ва мувассал меангорад... » [35, с .43].

Чунон ки мушоҳида мегардад, дар радифи сифатҳои олии «ҷамъи камолу биништро чун феҳрист», «нуқтаи марказие, ки фазлу дониш бар асоси он мечарханд», «сароғози китоби кулли фанҳои ҳикмат», «номи ягонаи илм», «қалами бурро», «рамузфаҳм ва некусухан», «бофаросат ва

некӯмусоҳиб», Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ Аҳмади Донишро дар тамоми фунуни адабия пешгом ва ба тамомии санооти қаламия беназир номидааст [35, с .43]. Ва болотар аз ин, ӯро «дар нуктапардозӣ ва тақрироройӣ фасеҳ ва малеҳ» ва дар замони худаш якто мехонад, ки мазмунҳоро шарҳи комил медиҳад ва матлабҳои ба таври мӯшикофона ва беҳамтоёна таъбир мекунад [35, с .45].

Маҳз аз ҳамин сухан оғоз гашта, ба Аҳмади Дониш ҳамчун ба яке аз назариядонони сухансанҷи давр баҳо додан сурат мегирад. Ҳамин аввалин баҳои Шаръӣ ба ҳунари сухансанҷии ӯ дар ҷодаи адабу фунуни адабӣ Аҳмад-Махдумро ҳамчун назариясанҷи илмҳои адаб ва каломи бадеъ муаррифӣ намуда, зарурати таҳлилу таҳқиқи андешаҳои ӯро дар ин ҷода равшан месозад.

Муҳаққиқони ҳаёт ва фаъолияти Аҳмади Дониш бо такя бар ду манбаъ изҳор медоранд, ки тазкираи Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ ва муҳтавои он ба Дониш писанд наафтодааст ва боиси мазаммату ҳаҷви ӯ қарор гирифтааст.

Манбаи аввал маълумоти Садри Зиё дар «Тазкори ашъор» аст, ки дар он масъалаи зикршуда ба таъкид гирифта шудааст, чунончи:

Ба тазкори ҷумҳур ҳар тоифа,
Китобе намудаст пурфоида.
Валекин Ӯроқи Дониш хитоб,
Писандаш наёмад магар он китоб,
Ки гуфтаст дар қадҳи он тазкира,
Ду-се байти зебову хубу сара. [35, с.9].

Манбаи дигар ду намунаи назм, ки Аҳмади Дониш онҳоро дар шакли ҳаҷву истеҳзо дар ҳаққи Абдулазими Шаръӣ навиштааст, мебошанд. Ин намунаҳоро муаллифони пешгуфтори «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ далели писанд наомадани муҳтавои тазкираи Шаръӣ ба Дониш шарҳ додаанд. Намунаи аввал дар шакли рубоӣ гуфта шудааст ва ин аст:

Бо бехирадон нозу наим аст ҷаҳон,
Бар доноён нори ҷаҳим аст ҷаҳон.
Сар то по як нусхаи бемаънӣ гир,
Чун тазкираи Ҳоҷӣ Азим аст ҷаҳон. [35, с .9].

Намунаи дигар дар шакли қитъа аст:

Ҳоҷии Шаръӣ намуд тазкирае,
То ки ёбад зи чархи давр футуҳ.
Нуктаҳо аз салолатӣ макдуҳ,
Қиссаҳо аз саломатӣ маҷруҳ.
Андар он зикр карда ҷумла харе,
Ҳама аз ҷаҳл толиби салтуҳ. [35, с. 9].

Дар шарҳи чунин муносибати Аҳмади Дониш ба тазкираи Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ мо аз хулосаи муҳаққиқ М.С. Абдураҳмонов [37, с. 52-87], ки бо такя бар маълумоти дастрас ва шарҳи худи Шаръӣ роҷеъ ба Аҳмади Дониш баровардааст, иктифо мекунем. Дар ин хулоса гуфта мешавад, ки Аҳмади Дониш дар ҳаҷвияи дуюми худ хеле сахту ҷиддӣ аз соҳибтазкира ранҷидани худро кушоду равшан баён намудааст ва сабаби чунин ҳақоратнома навиштани ӯро метавон чунин ҳадс зад, ки замоне миёни ӯ ва муаллифи тазкира нофаҳмие рух дода будааст. Муҳаққиқ андешаҳояшро давом дода, менависад, ҳарчанд номи Аҳмади Дониш дар радифи дигар адибон дар тазкира омада бошад ҳам ва чандин саҳифаи тазкираи Шаръӣ ба ӯ ихтисос дорад, боз ҳам Дониш бадгӯӣ кардааст. М.С. Абдураҳмонов хулоса мекунад, ки аз мутолиаи қисмати ба Аҳмади Дониш бахшидаи муаллифи тазкира мушоҳида мегардад, ки, воқеан, чунин ҳолат байни Шаръӣ ва Аҳмади Дониш аз хабаркашии ашхоси иртиҷоӣ рух зада, чунин нуқтаи назари манфиро нисбат ба муаллифи тазкира ба миён овардааст. Ҳамин маъниро Шаръӣ дар тазкира шарҳ дода, дар охир ба вуҷуд омадани ҳусни тафоҳум байни ӯву Аҳмади Донишро махсус таъкид кардааст [35, с.9]. Ин таъкидро муаллифи кор аз номи тазкиранигор чунин овардааст: «Фақир мутасаддии рафъи шубуҳот ва дафъи эътирозоташ

гардидам ва он чи мутобиқи ақоиди аҳли ҳақ буд, мунсифона баён ва ҳамли саҳеҳ-ул-бунён намудам. Он аҷвиба аз он асвилаи он бузурги ҳозирро писанду матбуъ афтод ва он ёри азиз ба асъои калимаи ҳақ аз сари он моҷаро даргузашт ва ҳақирро, ки истиноде ба он муаллифи рисола доштам, мамнуни эҳсон гардонид» [35, с.9].

Аксари муҳаққиқоне, ки роҷеъ ба муносибати Аҳмади Дониш ва Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ андешаронӣ намудаанд, намунаҳои шеърии болоро маҳз барои нишон додани ин муносибат истифода кардаанд ва чунин бархӯрд ба масъала барои муайян намудани муносибати шахсӣ, муҳити мавҷуда ва авзои фарҳангу адаби давр дуруст мебошад. Аммо шарҳи намунаҳои шеърӣ барои муайян кардани афкору андешаҳои Аҳмади Дониш роҷеъ ба муҳити адабию фарҳангии замонаш аз назари муҳаққиқон дар канор мондааст ва мо доир ба ин масъала андешаҳои худро дар боби сеюми рисола хоҳем гуфт.

«Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳишмати Бухороӣ дуюмин тазкираест, ки дар он аз Аҳмади Дониш ва маҳорату ҳунари ӯ бо эҳтирому арҷгузории махсус ёд мешавад. Мирсиддиқхони Ҳишмат аз фарзандони амир Музаффариддин буд, ки дар баробари бародараш – Абулаҳад, хостори тоҷу тахти подшоҳӣ гардид. Аммо ӯро Абулаҳад тавонист равонаи зиндон кунад ва худ ба тахт нишинад. Хусумати Абулаҳад бо Дониш, ки мустақиман изҳор нагардид, вале ғайримустақим ба зиндагӣ ва фаъолияти Аҳмади Дониш таъсири манфӣ расонид, маҳз ҳамин дӯстиву эҳтироми ҳамдигарии ин ду нафар будааст [148, с. 50-51].

Дар хусуси ин иртибот ва эҳтироми тарафайн миёни ин ду симо ва бисёре аз ҷузъиёти он аз ҷониби муҳаққиқони дигар, аз ҷумла И. Эшонқулов [160] ва Абдураҳмонов, М.С. [37, с. 52-87] низ, маълумоти пурарзиш ва қобили қабул дода шудааст. Дар ин ҷо зикри он зарур аст, ки Мирсиддиқхони Ҳишмат «Тазкират-уш-шуаро»-и худро бар се ҷилд қарор додааст ва ба зикри ному насаб ва ҳолу аҳволи Аҳмади Дониш дар ҷилди сеюми он пардохтааст [31].

Симо ва ҳунари Аҳмади Дониш аз нигоҳи Ҳишмат чунин аст: «Дониш тахаллуси Батлимуси замон ва Суқроти овон. Муҳандиси олимаърифат, мукаммили ҳар санъат ва сифат, афзали хаттотон, пурдастмояи аъдали мунаҷҷимон, фалакпояи ҳукми олам ва нозими манозими солимқиёсони навобит ва сайёр ва росиббандон, устоди рафиъмиқдор, манбаъулафзол ва маъдани ахбор …., ки Абдулҳамиди котиб назди макотиби он ҷаноби рақамшинос иншои таълим гирифтӣ ва адиби босаҳм, ки Афлотуни Филзавӣ дар дабистони ҳикматаш хаддоми асосӣ ва аҷри асосӣ пеш овардӣ, тарзаш ҳакимона буд ва донишаш адибона, бештарин авқоташ ба таълиму густурдани бисоти тақвим…. ва бо иҷобат ва башошат мулоқот кардан ва худ ба худ ба шуғли муътод бар разм будан ва рӯй овардани аҳли мусиқӣ ва хаттотон, таъхири чанде аз аҳли кайфи хашхош низ аз тавсаъа ва фароҳавсалагии бикр ва ҷамъ намуда, ҳама ба китобхонӣ ва мубоҳиса… асаламон сарои ҳикмати асосӣ мебуданд, ғариби феълӣ ва аҷиби ихтилоотӣ аз он ҷаноб расидагони суҳбати фазл менамуданд, худ чун навохтани танбурро ба камол расонида буд, ҷамъе, ки аҳли мусиқӣ буданд, ҳар ҳафта чанд рӯзе гирд меомаданд ва аз хони навояш дил мерабуданд ва мақоме ба поён мерасониданд, дар мушкилот усули нигаҳдори худ он хуҷастаи атвор буд ва дар ҷадвал ва лавҳи витрини кутуб дасте дошт. Наққошони банди рӯй ва тарҳи катиба аз он устод мехостанд, чун маркази забардасти он пуркор ва он шайхи бузургвор буданд. Чанде барои истифсори ахбор ва савониҳе, ки дар пардаи рахте буд, дар бахш ва бархе барои нархи ашё дар тафаҳҳус ва тафаррус аз ин ҷиҳатҳо ҳама вақт асбоби моиҳтиёҷ муҳайё ва ранҷураш равон маҳсо луъбату вусъатҳавсала ва фазои боғи он ба нахли дониш бештарин хубони гулрухсор моили ришхурди суҳбати асироне буданд, чун дар сафар ба тарафи Русия он ҷанобро ихтиёр уфтода буд. Ба бештарин мусофирини он тараф ва аз равияи он давлати кафара воқиф аз ин ҷиҳат низ як ҷамоа ба салому мулоқот мерафтанд ва умарову салотинро эътиборе бар вифқи мурод муяссар буд» [37, с. 52-87].

Дуруст аст, ки дар тазкираи мавриди назар Аҳмади Дониш бо тамоми ҳунару фазилати хеш ситоиш мешавад ва кулли баҳои тазкиранавис ба ин симо ҷойи шакке надорад. Арзиши тазкираи Ҳишмат дар ин низ ҳаст, ки муаллиф дар он аз носипосиҳои Афзал-Махдум ба Аҳмади Дониш изҳори назар карда, ӯро дар пояи шеър нокифоя ва нопухта, вале даъвояшро дар пояи Хоқонӣ ва Хусравӣ медонад [29, с. 86]. Гуфтаҳои боло як навъ баҳо ба маҳорати Афзали Пирмастӣ дар муқобили маҳорати бебаҳои Аҳмади Дониш аст ва онро чун андешаи ноқидии замони Аҳмад-Махдум қабул кардан равост.

Афзал-Махдуми Пирмастӣ аз шогирдони Аҳмад-Махдуми Дониш буд, ки баъди ба дарбор роҳ ёфтан забони таъну маломатро бар устоди худ раво донист. Ӯ муаллифи тазкираи «Афзал-ут-тазкор фӣ зикр-уш-шуаро в-ал-ашъор» аст [25]. Ҷолиб аст, ки баҳои ӯ ба ҳунару эҷодиёти Аҳмади Дониш дар ибтидо сазовор  будааст, чунончи мегӯяд: «Дониш номи номии он нодираи ҷаҳони хилқату офариниш ва унвони саҳифаи басирату биниш, сархайли офоқ ва ҷомеи макорими ахлоқ Мулломир Аҳмади Махдуми аврoқ аст, ки фазоилу камолоташ ниҳоят афзун ва аз ҳадду ҳаср берун аст... Аҳволаш дар илми ҳандасаву нуҷум, сиғору киборро каш-шамс-фӣ васат-ил-наҳор мубарҳан ва маълум ва дар ҷамеи иттиҳоди анвои нақшу тасвир ва хомаронӣ бо хутути насху настаълиқ ва сулсу тавқиъу таълиқ ва муаллақӣ ва кӯфӣ ва зулфи райҳонӣ бо назири замон валосониву носихи нуқуди Беҳзоду Монӣ ва дар ироди таҳрири баму зери шуари мусиқӣ, захмааш дилпазир ва тараннумаш сомеагузин ва нақилҷумла дар ҷамъоварии камолоти расмӣ аз ҳар қисми ҳиш аз ҳиш афзуда ва арбоби ҳар фан ва асҳоби ҳар қонунро зердасти яди байзо намуда [31].

Дар идомаи маълумоти хеш тазкиранигор аз сафари Аҳмади Дониш ба Русия (албатта, муаллиф ин сафарҳоро аз меҳрубониҳои амир Музаффар менигорад) иттилоъ дода, ноиби вазири умури хориҷии рус Остреомуховро, ки ба навъи изҳори эҳтиром ба Дониш кураи замину осмон туҳфа карда буд, ёдовар мешавад. Дар ин ёдоварӣ иборае ҳаст, ки маънои духӯраро пайдо кардаст ва таваҷҷуҳ ба он зарурат дорад. Ин ибора

дар мавриди қаринии Дониш бо Остреомухов дар қолаби «...ӯро ба суханҳои санҷида сайди худ сохта» омадааст [37, с. 60].

Баёни пурраи иттило дар тазкира чунин омадааст: «... дар замони ҳукумати Султони Ризвоношён Саид Амир Музаффархон алайҳирраҳма валғуфрон басе меҳрубониҳо дида ва ба мароҳиму макорими хусравонӣ борҳо фоиз омада ва бо амри олиишорати он подшоҳи ғуфронбашорат ба расми сафорат вориди вилояти Русия шуда ва бо яке аз руасои он вило бо Астромухуф мусаммо буда, тарҳи муҳовара ва ихтилот андохта, ӯро ба суханҳои санҷида сайди худ сохта, гӯянд, қавоиди дӯстӣ бо ӯ асоси муҳкам ниҳода, авроқи мазкурро ду адад кура, ки дар яке сурати осмон ва бар дигаре нақшаи замин сабту мусаввар буд, ба расми ҳадоё ба ӯ дод, чунончи дар он маврид ситоиши Астарамухуфи мазбурро чанд байте аз ӯ байнинос машҳур аст» [37, 41].

Аввал ба ибораи сайди худ сохтани Остреомухов аз ҷониби Дониш бармегардем, ки М.С. Абдураҳмонов онро сухани бо киноя гуфташуда фаҳмидааст [37, с. 60].

Инҷониб бар он ақида ҳастам, ки ин сухан киноя набуда, ҳақиқати ҳолро иҳзор мекунад ва ин ҳодиса дар «Наводир-ул-вақоеъ» ба таври комил зикр гардидааст ва он сухани санҷида ҳунар ва дониши мунаҷҷимии Аҳмад-Махдум буд, ки дер боз ба аҳли дарбори Русияи подшоҳӣ маълум гардида буд. Чунончи, худи муаллифи асар менигорад, ӯ боре дар пойтахти Русия будаст ва яке аз наздикони дарбор ба воситаи тарҷумон, ки дӯсташ буда, ба Дониш муроҷиат намуда будаст. Дониш масъаларо борҳо рад кардаст, то замоне ки худи он шахс дар як маҷлис ба навъе тамаллуқу забоноварӣ масъаларо пеш гузошт ва Аҳмади Дониш дигар роҳе надошт, ба ҷуз аз талбидани кураи само, то тавонад чизеро дар масъалаи изҳоршуда нависад [14, с. 147].

Ибораи дигаре, ки дар шони Аҳмади Дониш дар суханҳои болои Афзал-Махдуми Пирмастӣ омадааст, дар он мавриду ситоиши Астарамухуфи мазбурро чанд байте аз ӯ «байнинос машҳур аст» мебошад. Ин гуфта ишора ба қитъае, ки Дониш ҳамчун сипос барои он ду кураи

замину осмон ба Остреомухов тақдим намудааст (ҳамон саҳ.), мебошад. Бояд гуфт, ки Пирмастӣ ин байтҳоро «байнинос машҳур» мегӯяд, ки эътирофи ҳунари Дониш ва маҳбубияти сухани ӯ мебошад. Дар хусуси мазмун ва мундариҷаи ин абёт низ дар боби оянадаи кор андешаронӣ хоҳем кард.

Дар масъалаи идомаи андешаҳои Афзал-Махдуми Пирмастӣ роҷеъ ба Аҳмади Дониш ҳаминро гуфтан ҷоиз аст, ки ӯ минбаъд ба таъну маломати устоди хеш мепардозад ва бо чанд байт ҳаҷв ҳам мекунад. Шогирдон ва пайравони Аҳмади Дониш ба ҳимояти ӯ хеста, дар навбати худ Афзал-Махдуми Пирмастиро мазаммат мекунанд. Ин иттилоъро худи Аҳмади Дониш медиҳад ва муҳаққиқон онро бо санаду далелҳои алоҳида тасдиқ намудаанд.

Ҷойи тазаккур аст, ки чунин мазаммат шудани Аҳмади Дониш ба муносибати ӯ ба дарбору дарбориён ва танқиди давлатдории амирони Бухоро вобаста буд. Новобаста ба суханони баланду паст дар ҳаққи ҳамдигар, аз ҷониби аҳли ҳунар ин вазъ то андозае раванди сиёсат ва таъсири он ба фарҳангу ҳунар ва шеъру адабро муайян мекунад ва барои таҳқиқу таҳлили мо маводди кофиро фароҳам меорад.

Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ аз тазкиранависони дигари асри XIX ба шумор меояд, ки аз Аҳмади Дониш ёд кардааст. Тазкираи ӯ бо номи «Тазкират-уш-шуаро» иншо  шуда, аз зумраи тазкираҳои супоришӣ, ё худ бо дастури амир ва дарбориён эҷод шуда буд. Дар тазкира ғолибан ҳаёт ва фаъолият ва намунаҳои эҷоди шоироне, ки ба дарбору дарбориён иртибот доштанд, зикр гардидааст.

Дар хусуси шоирони дигар, ки новобаста ба шуҳрати ному ашъор ва доштани услуби эҷодии фардӣ, ба мисли Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Шамсиддини Шоҳин, Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҳатто Аҳмад-Махдуми Дониш дар тазкира ба таври зарурӣ ва мушаххас иттилоъ мавҷуд нест.  Он чизе, ки дар ин тазкира роҷеъ ба Аҳмади Дониш зикр ёфтааст, тавсифи ҳунару дониши ӯ, ки низ дар дигар тазкираҳо омада, туҳфаи Остреомухов ба Дониш, қитъаи Дониш барои Остреомухов, зикри як қасида ва як ғазали

ӯ ва иловатан таърихи фавти ӯ, ки ба Ҳайрат тааллуқ дорад ва боз як таърихи дигари суриву маънавӣ [1, с. 93-94].

Баръакси ёди Аҳмади Дониш дар ду тазкираи пеш, ки дар баробари тавсифи ҳунараш мазаммат ҳам гардидааст, дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам [24] ин симои адабии асри XIX тоҷик то андозае ҳимоят мегардад. Аз ҷумла, Неъматуллоҳи Муҳтарам Афзал-Махдуми Пирмастиро, ки тавассути рубоии хеш устодашро қабеҳ гуфта буд, «намакро хӯрда, намакдонро шикаста» мегӯяд [7, с. 125].

Дар тазкира инчунин, дар хусуси аксуламали шогирдон ва ҳаммаслакони Аҳмади Дониш ба Афзал сухан меравад, чунончи: «Аз ин ҳаҷви ракик дили ҳузорро беҳузур ва ҳар кадоми эшонро аз худ дар нуфур намуд. Аммо Дониш ба ҷавоб иқдом нанамуда, вифқи ахроҷро ба амал оварда, ки Афзал тоқати таҳаммул ва тамаккун ба дорулфохира наёварда, хориҷ гардида, аз ин амали Афзал ба мазмуни зод фиттанбури нағмаи ухро ба иғвои шайтонӣ ҳаҷви тӯлонӣ дар ҳаққи ӯ карда, аз он ҷо ки аксари фузало ва шуаро бар дониш маҳшур ва мухталит будаанд, ба ҳукми қавлуҳу таоло, ҷазоу саййиатӣ саййиатун - аксари шуаро, мисли Шоҳину Музтарибу Дилкаш ва ғайруҳум Афзалро ҳиҷо гуфта, Донишро ситудаанд. Чунончи, Шоҳин дар байте аз қасидааш мегӯяд:

Гар лофи Афзалӣ ба ту зад аблаҳе, чӣ бок,  
Танбӯри эътибори туро ӯ бувад харак». [7, с. 125].

Дар идома аз байти дигари Шамсиддини Шоҳин ёдовар мешавад, ки ба китоби Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ» ишора дорад. Муҳтарам зикр мекунад, ки Шамсиддин Шоҳин он китобро бо санъати тарсеъ ва бо навъҳои гуногуни санъат фароҳам овардашуда хонда, номашро низ зикр кардааст, ки «Наводир-ул-вақоеъ» будааст. Баёни ин андешаҳояшро тазкиранигор бо байти зерини Шамсиддин хулоса мекунад:

Дидам «Наводир»-и туву хондам ба сад хиёл?!  
Кардам насоеҳи ҳукамои гузашта ҳак. [7, с. 125].

Арзиши маълумоти ин тазкира роҷеъ ба Аҳмади Дониш дар изҳори ҳимояти мутафаккир ва инчунин ишора ба он, ки Шамсиддини Шоҳин мусаммате дорад дар мазаммати Пирмастӣ, зоҳир мегардад. Ин мусаммат агар, аз як тараф, мақоми Аҳмади Донишро дар илму ҳунарҳои гуногуни замон муайян намояд, аз ҷониби дигар, тақвиятдиҳандаи раванди ҷавобгӯйӣ дар адабиёти замонро ошкор месозад, ки навъе аз баҳси адабӣ дар миёни шуаро ҳисоб мешавад.

Шарифҷон-Махдуми Садри Зиё аз он тазкиранависони охири асри XIX ва ибтидои асри XX адабиёти тоҷик ба Аҳмади Дониш эҳтироми махсус қоил буд ва аз пайравони асосии андешаву амалҳои ӯ маҳсуб мешуд. Ба қалами ин шахсияти таърихӣ, дар баробари осори дигар, чанд тазкираи муҳим ва арзишманд мансуб аст, ки дар хусуси вазъи фарҳангу адаб ва иҷтимову иқтисоди Бухоро ва минтақаҳои тобеи аморати он маълумоти арзишмандро дар бар гирифтааст. Аз ҷумла, тазкираҳои «Шуарои мутааххирин»[1], «Фузалои мутааххирин»[2], «Тазкори ашъор»[3], «Тазкират-уш-шуарои манзума», «Тазкират-ул-хаттотин» аз ҷумлаи чунин осор ҳастанд, ки баъдтар онҳоро дар як маҷмуаи умумӣ бо унвони «Наводири Зиёия» якҷо гирд меорад. Ин тазкираҳо дар ҳолу аҳвол ва васфи шоирон, олимон, фозилон, ҳунармандон ва хаттотони замони Садри Зиё навишта шудаанд ва Аҳмади Дониш дар онҳо мавқеъ ва манзилати намоён дорад.

Тазкираи «Шуарои мутааххирин» дар боби ҳаёту эҷодиёти 88 нафар шоиру адиби асри XIX маълумот медиҳад. Садри Зиё ҳангоми тартиб додани ин тазкира асосан аз «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Возеҳ истифода бурдааст ва бо забони худ роҷеъ ба тамом шудани интихоби шуарои тазкираи Қозӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ маълумот додааст [137, с. 101].

---

[1] Унвони комили ин тазкира **«Шуарои мутааххирин ва фузалои муосирини роқими адим-ул-қадр Зиёи Садр»** буда, он дар бораи 88 нафар шоиру олими асри XIX маълумот медиҳад ва ягона нусхаи дастхатти он бо қалами муаллиф таҳти №2193 (вар. 321б-322б) дар китобхонаи АИ Ӯзбекистон нигоҳ дошта мешавад [62,192].

[2] Унвони комили ин тазкира **«Фузалои мутааххирин ва шуарои муосирини роқими адим-ул-қадр Зиёи Садр»** буда, дар он 79 нафар шоиру донишманди нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX зикр шудаанд, ки нусхаи дастхатти он таҳти №2193 (вар.332б-337б) дар китобхонаи Институти шарқшиносии АИ Ӯзбекистон нигоҳ дошта мешавад [62,193].

[3] **«Тазкори ашъор»** аз зикри 44 шоир иборат мебошад, ки он байни солҳои 1905-1907 таълиф шуда, зоҳиран ба Амир Абдулаҳад бахшида шудааст [62,195]. ғӣқӯҳҷ

Садри Зиё, илова бар маълумоти Возеҳ, ба тазкираи худ фақат Аҳмад-Махдуми Донишро дохил намуда, ӯро «...нодир-ул-аср в-ад-даврон, фарид-уд-даҳр-в-алавон, муаллифи «Наводир-ул-вақоеъ» ва чанде дигар муаллафот аст, ки мақбули аҳди замон ва мустаҳсани фозилон аст. Қории Қуръон, табиби ҳозиқ, сураткаши монинишон, лаввоҳу наққош, шоири моҳир, суханвари қодир, мунаддими роздон, хаттоти адим-ун-нишон, нуктасанҷ, таърихдон, соҳиби заковат, олиҳиммат. Дар асри амир Музаффархон чанд маротиб ба сафорати Русия маъмур шуд. Дар санаи 1314 вафот ёфт» [137, с. 102].

Ба андешаи Саҳобиддин Сиддиқӣ – муҳаққиқи рӯзгор ва осори Садри Зиё, яке аз сабабҳои асосии навишта шудани «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё дар ин буд, ки дар тазкираҳои пешин, яъне тазокири Абдӣ ва Афзал ба шахсият ва эдодиёти шоирони пешқадаме, ба мисли Аҳмади Дониш, Шоҳин, Сомӣ баҳои нодуруст ва яктарафа дода шудааст [137, с. 112].

Садри Зиё дар «Тазкори ашъор» онҳоеро, ки дар ҳаққи Дониш бадгӯӣ мекарданд, «ҳасадпеша» номида, Донишро бо ибораҳои «накӯном», «машҳури офоқ», «хусрави мулки донишварӣ» ва ғайра таърифу тавсиф кардааст. Вай «Наводир-ул-вақоеъ»-и Донишро муҳимтарин асари адабиёти асрҳои охир донистааст, чунончи дар ин абёт:

«Ва дигар аз он фозили мустатоб,
Муаллиф шуда чун «Наводир» китоб.
Ки дар қарнҳо ҳамчу ӯ хушбаён
Китобе наёмад зи кас дар ҷаҳон». [137, с. 117].

Садри Зиё тахаллуси Аҳмад-Махдумро «вобаста ба эҷодиёт, дараҷаи дониш ва шуҳрати ӯ маънидон карда», дар «Тазкори ашъор» чунин менигорад:

«Ба дониш мусаллам шуд андар ҷаҳон,
В-аро Дониш омад лақаб баҳри он». [137, с. 131].

Ном ва лақабҳои Аҳмади Донишро ёдовар шуда, Садри Зиё ӯро ҳамоно тавсиф мекунад ва шахсе дар ҷамеи улум якто ва дар тамоми ҳунар беҳамто муаррифӣ мекунад [28, с.47].

Садри Зиё Донишро на танҳо аз хусуси ҳунар ва осораш зикр мекунад, балки фаъолияташро дар хусуси ташаббусҳои ӯ барои дигар сохтани ҷомеа, минҷумла ислоҳ намудани амир ва дарбориён дар кори сиёсат ва муносибат ба халқ ба қалам оварда, худ низ аз онҳо илҳом мегирад ва ба тарғиби чунин андешаҳо мепардозад. Ӯ ба рӯзгори Аҳмади Дониш чунин назар дорад: «Аҳмад-махдуми Уроқи муҳандиси Доништахаллус тамоми умраш сарфи ин шуд, ки шояд амир ё вазир, ё қозикалон, ё дигар кордорон мутаннабеҳ шуда, бар сари инсоф омада, дар боби насиҳатгарӣ бад-он бечора ёрмандиву ионатрасонӣ кунад, то ки идораи ҳозираашро тағйир дода, баъзе бидъатҳои хонумонсӯзро бартараф карда...» [28, с .80].

Чуноне ки зикр рафт, ки муаллифи тазкира «Наводир-ул-вақоеъ»-ро аз муҳимтарин ва хушбаёнтарин осори давраи охири адабиёт меномад ва ҷойи зикр аст, ки Шарифҷон-Махдум инчунин ба сабаби таълифи ин китоб дахл намуда, онро ба саволу пешниҳодҳои Аҳмади Дониш посух нашудан аз ҷониби дарбору дарбориён медонад, ҳарчанд ин марди маорифхоҳ ба «аксар ҳуккому мутасаддиёни дарбор» навишт ва дар ҷавоб «чизе нашунид, илло сукут...» [28, с. 97]. Идомаи андешааш ин аст: «Ҳеч аҳаде ҳарфе аз вай нашнид, ночор китоби «Наводир-ул-вақоеъ»-ро, ки чанд фаслу бобаш иборат аз усули мулкдорӣ ва тартиби раиятпарварӣ ва муомилоти хадаму ҳашам ва даавин, харобии вилоят ва асбоби ободии мамлакат, аз худдоми атабаи иллийя шоистаи эътимодӣ ва меҳрубонӣ кист ва эҳтирозу иҷтиноб аз кадом тоифа лозим буданро бо ибороти содаву равшан муайян намуда....» [28, с. 80].

Садри Зиё дар «Наводири Зиёия» ҳамчунин зикр мекунад, ки дарбориён Аҳмади Донишро «девона шудааст» мегӯянд: «Баъд аз таснифи «Наводир-ул-вақоеъ» ҳукм ба таҳмиқу такфираш карданд. Маазолик чанде ба маҷолису маҳофили акобир, ки раъсулқавми ин тоифаи дания ва ин

ҷамоаи разиланд, расида, қабоеҳи корашонро ягон-ягон шумурда нишон дода, ки оқибати ин корҳои беҳуда ба куҷо меанҷомад.... Дар ҳар дараҷа, ҳазрати шариатпаноҳ, дар ҳар мартаба ҷаноби осафҷоҳ табассуме мекарданд ва саре меҷунбонданд, «оре», «бале» мегуфтанду мегузарониданд. Аммо дар ғайбаш механдиданду мегуфтанд: «Девона шудааст» [28, с. 80-81].

Фаъолияти эҷодиву ҷамъиятӣ, андешаҳо ва осори Аҳмади Дониш барои Садри Зиё ҳамчун як мактаби бузург хизмат карданд ва ӯ бо такя бар ҳамин андешаву осор фаъолияти худро барои дигар кардани тасаввуроти мардум ва аҳли дарбор доир ба илму маорифу фарҳанг идома бахшид.

Идрисхоҷаи Роҷӣ (вафоташ 1338 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба 1919-1920 мелодӣ) шояд аз охирин тазкиранависон то устод Айнӣ бошад, ки дар хусуси Аҳмади Дониш маълумот додааст. Роҷӣ дар ибтидои асри XX асаре бо номи «Тазкират-ул-хаттотин»-ро дар шакли назм таълиф кардааст, ки дар он оид ба 50 нафар хушнависи охири асри XIX ва ибтидои асри XX, чун Сомӣ, Мирзо Сафар, Мир Яҳё, Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, Мирзо Абдуллоҳ, Таҳсин, Садри Зиё ва дигарон маълумот дарҷ гардидааст ва дар ин радиф номи Аҳмад-Махдуми Дониш ҳамчун хаттоти машҳур ва нотакрор зикр гардида, маҳорати хаттотиву наққошӣ ва лавҳакашии ӯ васф ёфтааст. Мувофиқи таъкиди Саҳобиддини Сиддиқӣ китобати ду нусхаи тазкираи Роҷӣ, ки дар китобхонаи Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Ӯзбекистон таҳти №1304 ва №2193 нигоҳ дошта мешаванд, ба қалами Садри Зиё тааллуқ дорад [137, с. 193].

Асари дигаре, ки дар жанри тазкира эҷод шуда, дар таърихи адабиёти муосири тоҷикӣ унвони «шиносномаи миллат»-ро сазовор гардидааст ва дар он доир ба рӯзгору аҳвол ва мероси илмию адабии Аҳмад-Махдуми Дониш маълумоти мукаммал оварда шудааст, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнист. Ин аввалин асаре ба шумор меравад, ки мақому манзилат ва мартабаву шахсияти Аҳмади Донишро пешорӯйи аҳли илму адаб ва ихлосмандони каломи бадеъ мунъакис намуд.

Садриддин Айнӣ дар ин асар номи Аҳмад Махдумро «Муҳандиси мунаҷҷим Дониш, машҳур ба «Аҳмади Калла» зикр мекунад, ки минбаъд тафсилоти «Аҳмади Калла» унвон доданашро ба Аҳмади Дониш муаллиф дар «Ёддоштҳо» баён кардааст. Сипас устод Айнӣ ёдовар мешавад, ки ҳарчанд дар «Намунаи адабиёти тоҷик» қайд кардани шарҳи ҳоли муфассали адибон зарурат надорад, вале дар хусуси Аҳмад Махдуми Дониш пургӯӣ карданро лозим медонад ва алорағми дастури муқаррар роҷеъ ба ин шахс сатре чанд менигорад ва аз хонандагони худ узр низ мепурсад [5, с. 200]. Худ як калимаи «пургӯӣ» нисбати Аҳмади Дониш, ки аз ҷониби устод Айнӣ изҳор гардидааст, мавқеъ ва манзалати ӯро дар миёни кулли дигар ҳамасрон ва баъдомадагонаш маълум месозад.

Устод Айнӣ дар муҳити Бухорои асри XIX Аҳмади Донишро роҳбари инқилоби илмӣ, адабӣ, иҷтимоию сиёсӣ ном бурда, мазмунан аз забони Дониш бесамар ва заиф будани низоми таҳсилоти мадрасаҳои Бухорои он вақтро ёдовар мешавад: «Аҳмади Калла, чунончи осораш далолат мекунад, дар муҳити Бухоро ба инқилоби илмӣ, адабӣ, иҷтимоию сиёсӣ раҳбар ба шумор меравад. Аҳмад-Махдум, чунончи дар як дафтар дар зайли гузориши ҳолати худ навишта, дар хурдсолӣ ва овони мактабхонӣ аз ғайри шуур ва бинобар ҳис карданаш машаққати тоқатгудозро ба усули таълими мактаби кӯҳна эъломи исён кардааст ва мегӯяд: «Ман ба истеъдоди фавқулодае, ки доштам, аз ғайри давомат карданам ба мактаб соҳиби хату савод шудам. Агар саводбарорӣ мавқуфи таҳаммули он ҳама машаққат мебуд, ҳароина бесавод мемондам. Ибораташ айнан аз хотир фаромӯш шудааст. Маолаш нақл ёфт» [5, с. 200].

Бинобар ин, ба қавли устод Айнӣ, Аҳмади Дониш улуми замонаро бо кӯшиши пайваста мустақилона омӯхта, дертар аҳволи устодони замонаашро тамасхуромез ба қалам додааст ва дар бораи усули ҳукуматдории Бухорои амирӣ андешаҳои танқидиву эътирозии шадид баён кардааст. Аз суханони устод Айнӣ чунин фаҳмида мешавад, ки Аҳмад-махдум илмҳои ҳандаса, ҳайат, нуҷум, мусиқа, нақшу тасвир, тиб ва амсолашро, бар хилофи барномаҳои мадрасаҳои Бухоро, ки мударрисонро

омода мекарданд, ба таври шавқмандона омӯхтааст. Аз ин рӯ, Аҳмад-Махдум аҳволи устодони асрашро ба як ҳолати хандаовар натанҳо ба тасвир овардаст, балки мазаммат низ кардааст. Дар охири ин таҳлили воқеӣ, Садриддин Айнӣ роҷеъ ба танқиди сахти усули ҳукуматдории амирони Бухоро ва эътирози Аҳмади Дониш таъкиди махсус мекунад [5, с. 200].

Ҷойи дигар, дар мавриди баёни аҳволи Қорӣ Муллокаромати Танбӯрии Дилкаш устод Айнӣ аз ҳунари мусиқидонии Дониш ёдовар шуда, Дилкашро дар илми мусиқӣ аз шогирдони ӯ медонад, ки ҳам дар замони Аҳмад Махдум ва ҳам баъд аз даргузашти ӯ ба ҳурмат ҳаёт гузаронда будааст [5, с. 209].

Ҳамчунин, дар «Намунаи адабиёти тоҷик» устод Айнӣ мухаммаси Музтариб бар ғазали Шоҳин, ки дар мадҳи Аҳмади Дониш аст, қасидаи ба Амир Музаффар иншокардаи Аҳмади Дониш, ки дар роҷеъ ба шумори фазоили худи ӯст ва порчаҳои ҷудогона аз «Наводир-ул-вақоеъ»-ро овардааст ва ин далелҳо шахси Донишро дар назари хонанда, ба қавли муаллиф, чун «доҳии модарзод» ҷилвагар месозанд.

Бад-ин тариқа, зикри Аҳмади Дониш чун шоири соҳибзавқ, олими тавоно, мутафаккири шинохташуда, мусаввири мониқалам, хаттоти хушхат, мунаҷҷими нотакрор, адиби воқеънигор, лаввоҳу ҳандасадон ва таърихнигори ягонаи замон дар аксари тазкираҳои муосиронаш дарҷ гаштааст, ки аз бузургӣ ва фазилатмандии ӯ шаҳодат медиҳад.

Лозим ба ёдоварист, ки Аҳмади Дониш бо ҳамаи ҳунар ва бебокии амалаш намунаи ояндагон, аз ҷумла ба намуна ва роҳбалад барои он қишри зиёиёне, ки тақдири халқу ояндаи кишварашон барои онҳо муҳим буд, табдил ёфт. Ин қишри зиёиён ба ҳар навъ аз ӯ ёдовар мешуданд ва аз афкору андешааш истифода менамуданд. Дар баробари дар тазкираҳо зикр ёфтани ному насаб ва афкору осори Аҳмади Дониш, симои ӯ дар осори адабии бадеӣ низ мавқеи бориз пайдо намуд. Ин иқдом аз Шамсиддини Шоҳин оғоз гардида, аз ҷониби Мулло Музтариб ва Садри Зиё идома

пайдо намуд. Дар ин хусус дар таҳқиқи М.С. Абдураҳмонов маълумоти кофӣ фароҳам оварда шудааст [37, с. 76-87].

Чунин иқдом дар адабиёти муосири тоҷикӣ, ки аз осори Садриддин Саидмуродхоҷа Айнӣ сарчашма мегирад, давом дода шуда ва худи Садриддин Айнӣ нахустин адибе буд, ки симои бадеии Аҳмади Донишро дар асари мондагори хеш – «Ёддоштҳо», ба вуҷуд овард. Пас аз он романи муҳаққиқ ва адиби тоҷик Расул Ҳодизода – «Ситорае дар тирашаб» ашъори гуногуншакли Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Ҳадиса Қурбонова ва дигарон арзи вуҷуд намуд, ки ҳар яке ин образро ба таври худ тасвир карда ва аз он баҳра гирифтаанд. Чуноне ки зимни таҳлили дараҷаи омӯхта шудани ҳаёт, фаъолият ва андешаҳои иҷтимоиву адабии Аҳмади Дониш зикр гардид, банда соли 2016 ин масъаларо дар боби сеюми рисола ҳангоми ҳаллу фасли мавзуи тасвири симои Аҳмади Дониш дар осори бадеӣ таҳлил карда будем ва зарурати такрори он маводро дар ин ҷо намебинем [130, с. 41-62]. Дар ин маврид танҳо ҳаминро илова кардан дуруст хоҳад буд, ки тасвири бадеии Аҳмади Дониш бо ҳамин ба охир намерасад, балки ба он ба таври мудаввом идома хоҳад дода шуд. Барои ин заминаи мусоид фароҳам омадааст, зеро бо шарофати истиқлоли комили Ватан кулли маводди ба ин симои барҷаста тааллуқдошта дастрас аст ва дар заминаи он метавон ашъор, осор, наворҳо ва дигар намуди санъати бадеӣ эҷоду мавриди мутолиа мардуми мо қарор гирад.

## 1.2. Мухтасар аз таҳлилу таҳқиқи ҳаёту фаъолияти эҷодии Аҳмади Дониш дар Тоҷикистон

Таҳлилу таҳқиқ дар мавриди Аҳмади Дониш дар чанд ҷабҳа ба таври алоҳида ва ё дар шакли омехта анҷом ёфтааст. Аз ҷумла, бархе аз муҳаққиқон танҳо ба таҳлилу таҳқиқи ҳолу аҳволи ин донишманд машғул шуда бошанд, гурӯҳи дигар мероси адабӣ, илмӣ ва таърихии ӯро мавриди пажӯҳиш қарор додаанд. Инчунин, иддае аз олимон, асосан, ба пажӯҳиши афкору андешаҳояш дода шуда, иддаи дигар ҳамаи ин масъалаҳоро дар

якҷоягӣ ва пайвастагии ҳам таҳлилу таҳқиқ кардаанд. Ҳадафи мо аз додани маълумоти мухтасар дар ин зербоб таъкид намудани таҳқиқотест, ки дар онҳо то андозае ба назар ва андешаҳои Аҳмади Дониш роҷеъ ба масъалаҳои адабӣ ва эҷод, манзилат ва вазифаҳои эҷодкор ишораҳо шудаанд. Албатта, барои дарёфти ин ишораҳо зарур аст, то асоситарин иқдомоти омӯзиш ва пажӯҳиши рӯзгори Аҳмади Дониш ва осораш дар тули 100 соли охир таҳқиқ карда шавад.

Омӯзиш ва таҳлили мақолаву асарҳои тадқиқотӣ роҷеъ ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти Аҳмади Дониш нишон дод, ки ин раванд дар се самти асосии илм амалӣ гардидааст. Самти аввал, ки барои кори мо зарур аст, адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ, самти дуюм фалсафа ва самти сеюм таъриху сиёсатшиносӣ мебошанд. Дар зер муҳимтарин осори таҳқиқотии роҷеъ ба Аҳмади Донишро ба таври мухтасар баррасӣ мекунем ва масъалаи барои ин рисола заруриро таъкид менамоем.

Собит аст, ки таҳлил ва таҳқиқи холисона ва муҳаққиқонаи ҳолу аҳвол ва арзиши осори Аҳмади Дониш дар адабиётшиносии тоҷик аз устод Садриддин Айнӣ оғоз гардида буд. Он тавр ки зикр намудем, Садриддин Айнӣ, бар хилофи талаботи илми тазкиранависӣ, ба худ иҷозат додааст ва лозим донистааст, то дар хусуси Аҳмади Дониш «пургӯйӣ» кунад. Ҳамин тариқ, «Намунаи адабиёти тоҷик» нахустин асарест, ки ба таҳқиқу таҳлили илмии ҳаёт ва осори Аҳмади Дониш дар адабиётшиносии муосири тоҷик асос гузошт. Ташаббус ва андешаҳои Садриддин Айниро роҷеъ ба шахсият ва осори Аҳмади Дониш шогирдонашон идома доданд ва бе шубҳа, ин ташаббус бо маслиҳат ва пешниҳоди худи устод Айнӣ сурат гирифта буд.

Пеш аз он ки ба ташаббусҳои кашфи осор, таҳлилу таҳқиқи ҳолу аҳволи Аҳмади Дониш аз ҷониби муҳаққиқони дигари тоҷик ҳарф занем, ёд овардан аз як мақолаи шарқшиноси номдори рус – Е.Э. Бертелс, аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд. Ин мақола «Нусхаҳои хаттии осори Аҳмади Калла» ном дошта, барои шинос намудани хонандагони берун аз Тоҷикистон бо осори ин нобиғаи сиёсат, фарҳангу илми тоҷик аҳаммияти

хос дошт [67, с. 9-29]. Муҳаққиқи тоҷик Расул Ҳодизода зимни таҳлили кашф ва номи рисолаи таърихии Аҳмади Дониш аз мақолаи Е.Э. Бертелс ёд карда, онро дар шинохти шахсият ва афкори Аҳмади Дониш ҳамчун як кашфиёти арзанда ба қалам овардааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ маълумоти овардаи Е.Э. Бертелсро як навъ мухтасар ва баёни муҷази мундариҷаи рисолаи таърихии Аҳмади Дониш ном бурда, кашфи онро ҳам барои худи муаррифии рисола  ва ҳам барои шинохти бештари афкори пешқадами Аҳмади Дониш саҳифаи нав ва  дурахшон номидааст. Инчунин, ӯ тавзеҳ медиҳад, ки маҳз баъд аз кашфи ин рисола тадқиқи васеи он ба роҳ монда шуд [148, с. 246].

Профессор Шарифҷон Ҳусейнзода шояд аз дуюмин муҳаққиқони тоҷик баъди устод Айнӣ бошад, ки роҷеъ ба мақому манзалати Аҳмади Дониш, ба таври кӯтоҳ бошад ҳам, изҳори ақида намуда буд. Ӯ роҷеъ ба адабиёти асри XIX дар охири мақолаи «Дар бораи баъзе лаҳзаҳои асосии таърихи адабиёти тоҷик», ки соли 1946 эҷод шуда буд, иҳзори назар карда, аз шоирон ва нависандагони ин давра Аҳмад Махдуми Дониш (1826-1897), Шамсиддин Шоҳин (вафоташ 1893), Ҳайрат (вафоташ 1902) ва Савдо (дар соли 1873 ҳалок шуд)-ро махсус ҷудо мекунад. Дар миёни ин симоҳо бошад, Аҳмади Донишро пешқадамтарини инҳо дар ҳама кор қаламдод менамояд. Муҳаққиқ кӯшиши беандозаи ин симоро «ҳамчун нависандаи пешқадам ва маърифатпарвари он замон дар роҳи тараққиёти маданияти халқи тоҷик ва дар масъалаи ба роҳи сабук ва ҳар чи тезтар ба савияи маданияти европагӣ расидани он»  ба таъкид гирифта, зикр менамояд, ки Аҳмади Дониш маҳз вазифаи иҷтимоӣ ва тарбиявии адабиётро дар мадди аввал мегузошт. Дар хулосаи андешаҳояш Ш. Ҳусейнзода ӯро **марди бузург** ном мебарад, ки бо асарҳои бадеӣ ва иҷтимоии худ дар таърихи инкишофи фикрии халқи тоҷик накши беандоза муҳим бозӣ кардааст [155, с. 17].

Тарҷумаи ҳоли муфассали Аҳмади Донишро дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал Сотим Улуғзода дар шакли китоби алоҳида гирд оварда, асареро бо номи «Аҳмади Дониш» ба чоп мерасонад [140]. Пеш аз ин ӯ

роҷеъ ба Аҳмади Дониш дар маҷмуаи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» [141, с. 230] маълумоти мухтасар дода буд.

Асари Сотим Улуғзода ҳаёт ва фаъолияти Аҳмад-Махдуми Донишро ба таври умумӣ ба хонандагон ошно месозад. Худи муаллиф дар муқаддимаи китоб менигорад, ки ӯ даъвои ба таври амиқ ва ҳаматарафа таҳлил кардани асарҳои Аҳмади Донишро надоштааст ва таҳлили асарҳои вайро аз ҷиҳати хусусиятҳои иҷтимоӣ, бадеӣ, дараҷаи иртиботи онҳо бо асарҳои адибони пеш ва ҳам таъсири афкори ӯ ба ояндагонро кори оянда медонад. Бар замми ин, муҳаққиқ таҳлилу таҳқиқи андешаҳои фалсафии мутафаккирро ба оянда ҳавола мекунад [140, с. 3].

Дертар маълумотҳои ӯро баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла А. Мирзоев ва М. Занд, дар ин самт комил кардаанд. Аз ин миён, ба мақолаҳо ва баррасиҳои академик Абдулғанӣ Мирзоев таваҷҷуҳи махсус зарур аст, зеро дар баъзе аз онҳо андешаҳо вобаста ба масъалаи марказии рисолаи мо иброз гардидаанд. Вале пеш аз ин аз хидматҳои муҳаққиқи дигари адабиёти тоҷик – Холиқ Мирзозода, дар шинос намудани Аҳмади Дониш ба аҳли илм ва хонандагон ёд овардан зарур аст. Бояд гуфт, ки профессор Х. Мирзозода аз нахустин муҳаққиқон дар ин ташаббус ба ҳисоб меравад. Роҷеъ ба хидмати ин муҳаққиқ дар шинохти Аҳмади Дониш адабиётшинос А. Муллоев зикр мекунад: «Х. Мирзозода ҳанӯз ба ҳангоми донишҷӯ буданаш дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд (1930-1935) ба омӯзиши зиндагиномаи Аҳмади Дониш ва эҷодиёти ӯ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, шиносоӣ пайдо намуда буд. Ин шиносоӣ пас аз сафари таҳсилии ӯ ба шаҳри Санкт-Петербург тақвият ёфта, дар натиҷа мақолаи аввалинаш бо номи «Аҳмад Махдуми Дониш мулаққаб ба «Аҳмади Калла» (Мирзозода, Х. Аҳмад Махдуми Дониш мулаққаб ба «Аҳмади Калла» / Х.Мирзозода // Барои адабиёти сотсиалистӣ, 1936, №5, – С. 29-31) эҷод мешавад» [99, с. 135].

Андешаашро роҷеъ ба ин масъала идома дода, муаллифи мақола аз ба таври сода ва зебо кушода додани хусусиятҳои эҷодиёти Аҳмад Махдум ва сабаби ба ин лақаб сазовор гаштанашро аз ҷониби Холиқ Мирзозода

зикр менамояд ва таъкид мекунад, ки ин тасвиру таҳлили муҳаққиқ барои шинохти амиқтари Аҳмади Дониш ва осору афкори вай заминаи мусоидро фароҳам оварда буд. Ҳамчунон ёдоварӣ мегардад, ки муҳаққиқ пас аз ин мақола маводди дигари умумӣ ва иҷмолиро роҷеъ ба Аҳмади Дониш дар барномаҳои таълимӣ, хрестоматияҳо  ва китобҳои дарсӣ ба таври мудаввом омода ва дарҷ мекард [99, с. 135-138]. Мавсуф дар масъалаи муқоисаи афкори маорифпарваронаи Аҳмади Дониш бо мутақаддимин ва мутааххирин мақолаеро бо номи «Муносибати баъзе ақидаҳои Аҳмади Дониш ва маорифпарварони асри XX» ихтисос дода буд, ки аз ҷиҳати таҳлили масъала ҷолибияти махсус дорад [96, с. 197-228].

Чунон ки гуфта шуд, зикри аҳволу осор ва андешаҳои пешқадами Аҳмади Дониш дар тадқиқоти Абдулғанӣ Мирзоев аз омода намудани дастури ёридиҳанда барои дарси адабиёти асрҳои XVI – XIX тоҷик – «Адабиёт» оғоз ёфтаст [84, с. 149-153]. Дар ин дастур фасле ба «Аҳмад Махдуми Дониш» ихтисос дода шудааст, ки мухтасари тарҷумаи ҳол, шуҳрати олимию донишмандии ӯ, ҷалб шуданаш ба дарбор ва сафарҳои вай ба Русия, ташаккули андеша ва шахсияти ӯро ҳамчун маорифпарвар дар бар гирифтааст. Қисмати ҷолиби ин фасл аз таҳлил ва таъкиди таъсири Аҳмади Дониш ба шоирони ин давр ва даст кашидани онҳо аз сабки Бедил, ба содабаёнӣ гаравидани шоирони пешсафи давр иборат аст. Дар охири фасл аз осори Аҳмади Дониш маълумот ва аз  «Рисола» ва «Наводир-ул-вақоеъ» намунаҳо оварда мешаванд.

Академик Абдулғанӣ Мирзоев таваҷҷуҳи худро ба омӯзиши ҳаёт ва таҳлили осори Аҳмади Дониш кам накарда, бо мақолаҳои «Як асари тозаи Аҳмади Дониш» [1950], «Як факти муҳимми таъсири маданияти рус дар нимаи дуюми асри XIX ва шарти асосии омӯхтани мероси адабию илмии Аҳмади Дониш» [1951], «Первая редакция «Наводир-ул-вакоеъ» и время её составление» [1953],  «Шарҳи ҳоли Дониш ба қалами худаш» [2008], «Дониш ва ақидаи ӯ ба шеъру шоирӣ» [2008] «Аҳмади Дониш ва Абдураҳмони Ҷомӣ» [2008], «Равобити фикрии Дониш ва Биноӣ» [2008] дар ҷодаи аҳмадидонишшиносӣ дар Тоҷикистон саҳми арзанда гузошт. Дар

хусуси мақолаҳои фавқи академик А. Мирзоев муҳаққиқи тоҷик Мирзо Муллоаҳмад таҳлилеро анҷом додааст ва мо аз таҳлили дубораи онҳо худдорӣ меварзем [97, с. 297-303]. Танҳо зикр кардан зарур аст, ки мақолаи «Дониш ва ақидаи ӯ ба шеъру шоирӣ» [82, с. 39-44] аз зумраи нахустин кӯшишҳои мустақим дар муайян намудани андешаҳои адабии Аҳмади Дониш мебошад.

Ҷашни 150-солагии таваллуди Аҳмади Дониш, ки соли 1976 таҷлил гардида буд, корҳои илмию тадқиқотиро роҷеъ ба аҳвол ва осори ӯ хеле равнақ бахшид. Ба муносибати ин ҷашн маҷмуаҳои нави асарҳои Аҳмади Дониш, нусхаҳои илмӣ ва интиқодии осори ӯ ба чоп ҳозир карда шуда, дар бораи афкору андеша ва ҷойгоҳи адабиву илмии вай дар адабиёт чандин рисолаву китобҳо таълиф гардиданд. Бахусус, муҳаққиқ Расул Ҳодизода дар китоби худ «Аҳмади Дониш. Тарҷумаи ҳол ва мероси адабию илмӣ», ки ба шарафи ин ҷашн нашр шуда буд, ҷараёни зиндагӣ ва мероси адабию илмии ин нависанда ва маорифпарвари барҷастаи тоҷикро ба таври нисбатан васеъ ба риштаи таҳлил кашидааст. Муаллиф дар баёни мундариҷа ва таҳқиқи асарҳои Аҳмади Дониш кӯшидааст, ки бештар ҷиҳатҳои пешқадами афкор ва андешаҳои ӯро, ки ифодагари равшани ҷараёни маорифпарварӣ буданд, мавриди таҳлил қарор диҳад. Таҳқиқ ва таҳлили муҳаққиқ дар ин китоб, асосан, ба тасвири ҷараёни зиндагӣ ва тавсифи мероси адабию илмии Аҳмади Дониш бахшида шуда, дар он дар бораи вазъи сиёсиву иҷтимоии замони зиндагии Аҳмади Дониш маълумоти мухтасар ва сипас тарҷумаи ҳоли нисбатан мукаммали ӯ аз рӯйи ҳуҷҷату санадҳо дода шудааст. Гуфтан мумкин аст, ки тарҷумаи ҳоли Аҳмади Донишро ба таври нисбатан мукаммал маҳз профессор Расул Ҳодизода дар асоси ковишҳо ва муқоисаи санадҳои таърихӣ пешкаш кардааст. Бар замми ин, профессор Ҳодизода мақолаҳои ҷудогонаеро низ ба нашр расонда буд, ки барои муайян намудани мақоми Аҳмади Дониш дар иншои каломи мавзун дар насри бадеӣ арзиши фаровон доранд. Мақолаи «Насри бадеии Аҳмади Дониш» аз ҷумлаи чунин мақолаҳои арзишманди олим ба шумор меравад [151, с. 60-81].

Таҷлили 150-солагии таваллуди Аҳмади Дониш имконе буд барои ҷустуҷӯҳои нав дар аҳмадидонишшиносӣ ва нашри осори ӯ. Маҳз дар ҳамин сол (соли 1976) «Осори баргузида»-и ӯ аз чоп баромад, ки дар он намунаҳо аз осори ин донишманд дастраси хонандагон гардонда шуданд [18].

Рисолаи дигаре, ки дар ин сол ба чоп расид, дар самти забоншиносӣ буда, ба қалами муҳаққиқи номдори тоҷик – Носирҷон Маъсумӣ, тааллуқ дошт. Ин асар, ки «Забон ва услуби Аҳмади Дониш» унвон дорад, на танҳо ба забону услуби нигориши Аҳмади Дониш дахл намудаст, балки дар он масъалаҳои муносибати пайравони ӯ нисбат ба забони адабӣ ва гуфтугӯӣ ва мулоҳизаҳо оид ба вазъияти адабии охири асри XIX низ таҳлилу тафсир гардидаанд [80]. Андешаҳои ҷудогонаи муаллифи рисола, ки дар бораи забони адабӣ, забони осори бадеӣ, услуби эҷодӣ ва шаклу мазмуни асари бадеӣ гуфта шудаанд, барои баррасии масъалаи марказии рисолаи мо истифода шуданд.

Иқдоми тозае дар самти аҳмадидонишшиносӣ, ки дар соли 1976 пеш гирифта шуда буд, мақолаи арзишманди академик Абдуқодир Маниёзов буд [75, с. 123-130]. Ин мақола мухтасар ба шарҳи тадқиқот доир ба эҷодиёти Аҳмади Дониш бахшида шудааст. Дар мақола, дар баробари хидматҳои шоистаи С. Айнӣ, Е.Э. Бертелс, Х. Мирзозода, С. Улуғзода, Н. Маъсумӣ, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, А. Баҳовуддинов, З. Раҷабов роҷеъ ба Аҳмади Дониш ва осори ӯ, инчунин, аз осор ва мақолаҳои академик Б. Ниёзмуҳаммадов, таърихшинос М. Муъминов, маорифшинос М. Орифов низ ёдовар шудааст. Мақолаи А. Маниёзов боис шуд, ки дар солҳои баъдӣ ин ташаббус идома ёфта, таърихи таҳқиқи аҳмадидонишшиносӣ дар Тоҷикистон, дар ҳаҷми мақолаҳои алоҳида бошад ҳам, ба қалам ояд.

Соли 2010 аз силсилаи Энсиклопедияи насри тоҷику форс намунаи се асар: «Наводир-ул-вақоеъ (порчаҳо)», «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития», «Ёддоштҳо (китоби V)» ё «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» дар ҳаҷми 1 китоб аз чоп баромад [149, с. 10-11]. Матни сарсухан, ки ба қалами пофессор Расул Ҳодизода тааллуқ

дошта, «Аҳмади Дониш ва эҷодиёти ӯ» ном дорад, ба таври муфассал аз давраи ҳаёт, фаъолияти эҷодӣ, мавқеъ ва манзилати ӯ дар тағйири тафаккури ҳамзамононаш ва масъалаҳои дигари марбут ба фаъолияти Аҳмади Дониш баҳс мекунад. Дар ин муқаддима сухани тозаи муҳаққиқ доир ба «чанде аз хусусиятҳои ҳаёти адабӣ ва равияи пешқадами адабиёти он давр» иброз гардидааст, ки сазовори истифода кардан ва шоистаи вусъат додан мебошад. Аз ҷумла, мулоҳизаҳои муҳаққиқ дар хусуси тарз ва ҳадафи истифодаи шоирони ҳамзамони Аҳмади Дониш ва худи ӯ аз ибораҳои дурушт, ки онҳоро «қабоҳат» мехонанд, қобили пазириш ҳастанд ва зарурат ба таҳлили оянда доранд.

Соли 2016 асари арзишманди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – «Чеҳраҳои мондагор» ба табъ расид [159]. Дар нашри дуюми ин асари, воқеан, нодир, ки бо иловаҳо соли 2023 ба муносибати 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт, доир ба рӯзгор ва эҷодиёти Аҳмади Дониш маълумоти арзишманди илмӣ оварда шудааст. Пешвои миллат дар асари худ – «Чеҳраҳои мондагор» нозукбинона зиндагиномаву фаъолияти эҷодии Аҳмад-Махдуми Донишро чун «нависандаи маъруф, мутафаккири барҷаста, олим, шоир, рассом ва хаттоти номдор, ходими соҳибэътибори ҷамъиятӣ, меъмор ва донишманди мумтози нимаи дуюми асри XIX, маърифатпарвари беҳамтои тоҷик» ба риштаи таҳқиқ кашидааст [159, с. 328]. Дар қисмати алоҳидаи асари мазкур таҳти унвони «Ситорае дар тирашабҳои Бухоро» роҷеъ ба рӯзгор ва фаъолияти ибратомӯзи Аҳмад-Махдуми Дониш маълумоти комил дода шудааст [159, с. 328-340]. Нахуст муаллифи асар ба таърихи таҳқиқи ҳолномаи адиб аз ҷониби донишмандони тоҷик таваҷҷуҳ зоҳир намуда, огоҳона тамоми сарчашмаҳоеро, ки зикри Аҳмади Дониш дар онҳо рафтааст, ёдоварӣ мекунад. Пешвои маҳбуби миллат махсусан таъкид месозад, ки устод Садриддин Айнӣ аз нахустин муҳаққиқоне будааст, ки дар китобҳои «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Таърихи инқилоби Бухоро», «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», «Намунаи адабиёти

тоҷик» ва «Ёддоштҳо» маълумоти муҳимму нодирро дар бораи ин нобиғаи аср пешниҳод менамояд [159, с. 328]. Муҳаққиқ ба ковишҳои илмии Садриддин Айнӣ вобаста ба Аҳмади Дониш баҳои воқеӣ дода, бо чунин андешаҳои назариявӣ хулоса мекунад: «Равиши нав ва услуби тозае, ки ӯ *(Аҳмади Дониш - Ш.Ш.)* илқо кардааст, нисбат ба шароити фосиди замони худ як равиши мустасно ба шумор рафта, дар заминаи истеъдоди фитрӣ ва фазоили илҳомӣ зоҳир шудааст. Аз ин лиҳоз, ташбеҳи зуҳури Аҳмади Дониш ба нур ё ситорае дар осмони торики Аморати Бухоро, аз дидгоҳи устод Айнӣ чун нерӯи равшандиҳандаи роҳи растагорӣ ва маърифати зиндагӣ тавзеҳ гардидааст» [159, с. 329].

Дар давоми ин тавзеҳот офаридаҳои муҳаққиқони шинохтаи тоҷик – А. Баҳоваддинов, З. Раҷабов, С. Улуғзода, А. Мирзоев, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, Ғ. Ашӯров, М. Диноршоев, А. Девонақулов ва дигарон дар шинохти осору афкори Аҳмади Дониш муҳим арзёбӣ гардида, хидмати профессор Р. Ҳодизода дар таҳқиқи осору рӯзгори ин мутафаккири нотакрор ба таври алоҳида зикр шудааст [159, с. 329].

Сарвари давлат, Пешвои маҳбуби миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо изҳори қаноатмандӣ аз он ёдовар мешавад, ки дар замони соҳибистиқлолӣ ба омӯзиши рӯзгору осори Аҳмади Дониш донишмандони тоҷик даст задаанд. Аз он ҷумла, ному насаби муҳаққиқонеро мисли профессор Субҳон Амирзода ба забон меорад, ки ҷиддан ба таҳқиқи рӯзгор ва осори Аҳмади Дониш машғул шуда, роҷеъ ба паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти ӯ осори арзишманди таҳқиқиро ба ҷо гузоштанд. Муаллифи асари «Чеҳраҳои мондагор» аз таҳлили таълифоти С.Амирзода ба хулосае меояд, ки «ӯ назарияҳои то ин дам мавҷударо дар бораи саромади ҷараёни маорифпарварӣ дар адабиёти тоҷик будани Аҳмади Дониш мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, ба хулосае омад, ки Аҳмади Дониш ва пайравонаш дар адабиёти нимаи дувуми асри XIX дар амал адиби маърифатпарвар буда, анъанаи классикони адабиёти тоҷикро бо баъзе навигариҳо идома додаанд» [159, с. 329].

Дар идома бо забони бисёр содаву услуби ниҳоят равон шарҳи ҳоли Аҳмади Дониш ба як низоми олимона ба риштаи таҳрир кашида шуда, муҳтавои муҳимтарин таълифоти ӯ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Пешвои муаззами миллат дар хусуси заминаҳои рушди тафаккур ва инкишофи фаъолияти эҷодии Аҳмад Махдуми Дониш бисёр воқеъбинона изҳори назар карда, фасоди фарогири иҷтимоӣ ва маънавиро дар қаламрави Мовароуннаҳр боиси ба туғён омадани нерӯи фикрии Дониш ба қалам додааст: «Заминаи рушду инкишофи фаъолияти эҷодии ӯ (*Аҳмади Дониш – Ш.Ш.*) дар замони худ ба ягон ҷараёни тозашаклгирифтаи иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷорӣ вобастагие надошт, балки вазъи буҳронии амиқу фасоди фарогири иҷтимоӣ ва маънавӣ дар қаламрави Мовароуннаҳр нерӯи халлоқаи фикрии Аҳмади Донишро ба таври асроромез ба туғён оварда буд» [159, с. 334].

Ба таҳлили Пешвои миллат, ҳарчанд бо кӯшиши пажӯҳишгарони тоҷик нашри илмӣ-интиқодии осори аллома Аҳмад Махдуми Дониш манзури аҳли ҷомеа гардида бошанд ҳам, вале ин ҳама арҷгузорӣ ҳоло кам аст. Дар фарҷоми қисмати «Ситорае дар тирашабҳои Бухоро»-и асари беназири «Чеҳраҳои мондагор» чунин хулосаи раҳнамо ҷой дорад, ки бар мабно ва дар партави маҳз ҳамин таъкид то имрӯз таҳқиқоти зиёде, аз ҷумла рисолаи мазкур, рӯйи кор омаданд: «Бояд рӯзгор ва осори ин алломаи даврон ҳар чи бештар мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифта, сафҳаҳои норӯшани он ошкор ва манзури ворисони воқеиаш қарор бигирад» [159, с. 339].

Дар нашриёти «Адиб» зери силсилаи «Ахтарони адаб» соли 2020 мунтахаби «Наводир-ул-вақоеъ» ба табъ расид, ки муқаддимаи он ба қалами узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ҷӯрабек Назриев тааллуқ дорад ва унвонаш «Аҳмади Дониш ва «Наводир-ул-вақоеъ»-и ӯ» ном гирифтааст. Дар ин сарсухани кӯтоҳ аз хусуси дар замони худи донишманд ба табъ нарасидани ин асар, нашрҳои он ва нусхаҳои барои нашри нави он истифодашуда сухан меравад. Агарчи дар сарсухани зикршуда чизе нисбат ба андешаҳои адабии Аҳмади Дониш гуфта

нашудааст, вале нашри нави мунтахаби асари мутафаккир ҷойи эҳтиром ва таҳсин аст [14].

Яке аз таҳқиқотҳое, ки дар қисмати муқаддимавии рисолаи мо дар хусуси он сухан рафт, диссертатсияи М.С. Абдураҳмонов – «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» мебошад. Дар боби дуюми ин рисола роҷеъ ба нақши Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири ҷараёни адабӣ ва афкори адабӣ-эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон таҳлил анҷом дода шудааст. Ин таҳлил, асосан, дар хусуси зикри номи Аҳмади Дониш дар тазкираҳо ва ашъори шуарои муосираш баҳс мекунад. Зербобе, ки мавриди таваҷҷуҳи мост, таҳти боби сеюми рисола – «Афкори адабию эстетикии намояндагони адабиёти маорифпарварӣ ва ҷадида» дар мавзуи «Назаре ба ақидаҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Дониш» таҳлил шудааст [37, с.103-120]. Муаллифи рисола дар ин зербоб дар ҳаҷми панҷ-шаш саҳифа ба таври умумӣ андешаҳои Аҳмади Донишро дар боби шеъру шоирӣ ва қаламкашӣ зикр карда, дар идомаи таҳлил бештар ба тарзи иншои шеъри худи Дониш иктифо намудааст. Дар ҳар сурат, ин чанд саҳифаи рисола барои кори мо аз аҳаммият холӣ нестанд ва мо дар боби мувофиқи рисолаамон аз онҳо истифода хоҳем кард.

Чунон ки қаблан зикр гардид, ба бисёре аз масъалаҳои дар рисолаи М.С. Абдураҳмонов таҳлилу тафсиргардида мо соли 2016 дар кори магистриамон дахл карда будем. Аз ҷумла, дар рисолаи магистрӣ, ки ба мавзуи «Аҳмадидонишшиносӣ дар Тоҷикистон» тахсис ёфта буд, масъалаҳои ёд аз ном ва эҷодиёти Аҳмади Дониш дар сарчашмаҳо ва маъхазҳои адабӣ ва таърихии охири асри XIX ва ибтидои асри XX, саҳми олимони тоҷик дар таҳқиқи зиндагинома, андешаҳо ва осори мутафаккир ва тасвири симои ӯ дар осори бадеӣ мавриди ҳаллу фасли илмӣ қарор гирифтанд.

Доир ба рӯзгор ва фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии Аҳмади Дониш муаррихони тоҷик низ иҳзори назар кардаанд, зеро қариб дар ҳамаи асарҳои Аҳмади Дониш ҷанбаи хеле мукаммали фаҳмиши таърихии муаллиф ба назар мерасад [119, с. 319]. Асарҳои мустақиман ба таърих ва

таҳлили таърих бахшидашуда – «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития», «Рисолаи сиёсӣ», «Наводир-ул-вақоеъ» аз муҳимтарин осор дар ин самт шинохта шуданд, ки бо усули нави таърихнигорӣ фароҳам оварда шудаанд. Бинобар ин, таърихнигори номии тоҷик, аллома Бобоҷон Ғафуров [65, с. 278-281], академик Зариф Раҷабов [123; 124; 125; 126; 127; 128; 129: 139], профессор Ҳайдаршо Пирумшоев [121] ва чанд нафар аз таърихшиносони дигари номдори ватанӣ ё мустақим ва ё ғайримустақим ба афкору осори ӯ дахл намудаанд.

Гурӯҳи дигари олимони машҳури тоҷик, ки ба Аҳмади Дониш, осор ва афкори ӯ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд, файласуфон буданд. Ба ин қатори донишмандон академикон А. Баҳоваддинов [56; 57; 58], М. Диноршоев [66], муҳаққиқони дину сиёсатшинос Ш. Ҷабборов [156], Ш. Абдуллоев [47], С. Исломов [36] ва дигарон дохиланд, ки ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фалсафии андешаҳои Аҳмади Донишро таҳти пажӯҳиш қарор додаанд.

Ҳамчунин, дар таҳқиқи афкор ва андешаҳои пешқадами Аҳмади Дониш олимони дигари тоҷик, ба монанди Ғ. Ашуров [47, с. 72-79], З. Аҳроров [45, с. 136-143], С. Амирқулов [39; 40; 41; 42], Г.З. Бобораҷабова [52; 53, с. 190-194; 54, с. 64-69; 55, с. 209-217], Хосият Олимӣ [110; 111; 112; 113; 114; 115; 116; 117; 118; 119] ва амсоли онҳо низ таҳлилҳои арзишмандро анҷом додаанд. Аз ҷумла, рисолаҳои илмии Субҳон Амир «Фирдавсӣ ва мактаби адабии Дониш» [42] ва Хосият Олимӣ «Поэтикаи фазо ва вақти бадеӣ дар «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш» [110] аз ҷумлаи он тадқиқот шинохта мешаванд, ки барои кори илмии мо ҳамчун манбаи зарурӣ хизмат мекунанд.

Қисмати дигари муҳаққиқон низ таҳти масоили дигари адабию таърихӣ ба симои мутафаккир таваҷҷуҳ намудаанд, ки аз доираи назари таҳқиқи мо берун намонданд. Аз ин гурӯҳи муҳаққиқон метавон исми Х.И Вахидов [63], З.С. Иброгимов [70], М.М. Маҳмадшоев [77], А. Маҳмадаминов [76], Д. Муллобоева [98], А.Н. Муллоев [99; 100; 101; 101], К.

Олимов [120], З.Ш. Раджабов [126; 127], Б. Сайфиев [131], Д. Самиев [132; 133], А. Хайдаров [142], А.Худойдодов [145]-ро ном бурд.

Чунон ки мебинем, осор ва андешаҳои Аҳмади Дониш мавриди таваҷҷуҳи олимон ва муҳақиқони илмҳои гуногун – адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, сиёсатшиносӣ, таърихшиносӣ, фарҳангшиносӣ, фалсафа, диншиносӣ ва соири илмҳои дигар қарор гирифта буд. Ин вазъ бори дигар собит месозад, ки ӯ, воқеан, мутафаккир ва нобиғаи давр буд.

## 1.3. Дастовардҳо ва заъфи аҳмадидонишшиносӣ дар адабиётшиносии тоҷик

Чунон ки дида шуд, ба аҳволу ашъор, ҷаҳонбинию андешаҳои Аҳмади Дониш аз даврони зиндагонияш таваҷҷуҳи зиёде зоҳир шудааст ва ин раванд то ба имрӯз давом дорад. Нигоҳи муҳаққиқон ба Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар ҳар марҳалаи таърихӣ вобаста ба тафаккури иҷтимоӣ ва сиёсати ҳукмрон хусусиятҳои хоси худро пайдо намудааст. Масалан, дар замони худи мутафаккир намояндагони дарбор, новобаста ба ишғоли вазифа ва масъулияташон, Аҳмади Донишро ба «ношукрӣ», «дағдағанокӣ», «коҳинӣ» ва «кофирӣ» айбдор сохтанд ва бар хилофи онҳо қувваҳои равшанфикри замон ӯро «аллома» ва «ягона» муррифӣ карданд.

Воқеан, ба раванди аҳмадидонишшиносӣ дар Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ асос гузошта буд. Ӯ, дар баробари ба Аҳмади Дониш ихтисос додани қисмате аз «Намунаи адабиёти тоҷик», симои ин шахсияти таърихиро чун яке аз образҳои куллан мусбат ва ибратомӯзи асари таърихии хеш – «Ёддоштҳо», қарор додааст.

Садриддин Айнӣ, дар баробари саргузашти ибратомӯз ва пурфоҷиаи худ, ҳамчунин паҳлуҳои мухталифи рӯзгор ва фаъолияти эҷодии чанде аз адибон ва равшанфикрони ҳамзамони худ, аз қабили Аҳмади Дониш, Шамсиддини Шоҳин, Шарифҷон-Махдуми Садри Зиё, Абдулвоҳиди Мунзим, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, Абдулмаҷиди Зуфунун, Яҳёхоҷа, Сиддиқхоҷаи Гулшанӣ, Ҳомидбеки Ҳомид, Абдулқодирхоҷаи Таҳсин,

Қорӣ Абдулкарими Офарин, Мирзо Азими Сомӣ, Азизхоҷаи Азиз, Мирзо Ҳаити Саҳбо ва дигаронро барои хонандагонаш равшан месозад.

Шахсият ва образи Аҳмади Дониш дар «Ёддоштҳо», асосан, дар бахшҳои «Одами аҷиб» (дар қисми дуюми асар), «Шарифҷон-махдум ва ҳамсуҳбатони ӯ», «Тарзи зиндагонии шабонарӯзӣ ва ҳафтагии Аҳмад-махдум», «Оби ганда ба хандақ», «Саёҳати солонаи Аҳмад-махдум», «Шеърҳои ҳаҷвии Аҳмад-махдум» (дар қисми сеюми асар), «Хабари вафоти Аҳмади Дониш» ва «Аввалин шиносоии ман бо калонтарин асари Аҳмади Дониш – «Наводир-ул-вақоеъ» (дар қисми чоруми асар) ба қалам омадааст. Ҷамъбасти тасвири Аҳмади Дониш аз ҷониби устод Айнӣ чунин аст: аз лиҳози ҳунар – адиби равшанфикр ва пешвои тарафдорони адабиёти маорифпарварӣ, шоир, олим, мунаҷҷим, мусиқидон, хаттот, рассом, ҳандасадон, меъмор; аз ҷиҳати инсоният – инсондӯст, меҳмоннавоз, ҳақиқатҷӯй, фурӯтан ва дорои дигар хислатҳои ҳамидаву поки инсонӣ. Садриддин Айнӣ дар ин асараш барои ҳар яки ин ҳунарҳо ва хислатҳои Аҳмади Дониш аз як то якчанд мисол меорад, ки қобили эҳтиром мебошад.

Садриддин Айнӣ худ ҳамчун мутафаккир ва шахсиятиояндабин дарк мекард, ки бидуни дастрасии комил ба осори Аҳмади Дониш ӯро ҳаматарафа шинохтан ва манзилаташро дар таърихи тамаддуни миллати тоҷик муайян намудан ғайримумкин аст ва ин масъаларо ба таври ошкоро аз масоили мубрами илми тоҷик ҷудо намуд. Аз ин рӯ, дар ин қисмати кор аз таҳия ва нашри осори Аҳмади Дониш дар Тоҷикистон маълумот пешниҳод мешавад, ки бидуни он таҳлилу тафсири густардаи ақидаву андешаҳои гуногунҷабҳаи мутафаккир номумкин буд. Маҳз чопи осори Аҳмади Дониш имкон дод, ки раванди аҳмадидонишшиносӣ дар илми филологияи тоҷик ба роҳ монда шавад.

Ёдовар бояд шуд, ки бори нахуст устод Садриддин Айнӣ худ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» намунаи эҷодиёти Аҳмад Махдуми Донишро оварда, хонандаро бо маҳсули қалами ин адиби забардаст шинос кардааст. Дар ин асари тазкиравии худ устод Айнӣ порчаҳо аз «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва намунаи ашъори ӯро барои ихлосмандон пешниҳод

намуда, таъкид мекунад, ки дил бо овардани танҳо намунаҳо аз осори Аҳмади Дониш ташнашикан намешавад [5, с. 201].

Устод Айнӣ ҳамеша умед мебастааст, ки «осори ин доҳии модарзод, ки вақти истибдоди амирон аз анзори омма матруку махдур монда буд, баъд аз Инқилоб дар соли 1339 ҳиҷрӣ ба муносибати 25-солаи вафоташ, ё дар соли 1342 ба муносибати садумин соли таваллудаш табъу нашр ёбад» [5, с. 201]. Лекин аз сабаби рӯйи кор омадани бисёре аз масъалаҳои дигар, аз ҷумла масъалаҳои сиёсӣ ва тангии аҳволи иқтисодӣ, ин орзуи устод Айнӣ то ба он рӯз ҳанӯз амалӣ нашуда буд ва ӯ умедвор буд, ки ба пешвози сисолагии аз олам рафтани мутафаккир осор ва аҳволаш омода гардида интишор хоҳад ёфт [5, с. 201].

Ба қавли устод Айнӣ, маҳз бинобар сабаби аҳаммият надодани худи Аҳмади Дониш, ашъори ӯ, ки ба ҳар муносибат дар шаклҳои рубоӣ, ғазал, қитъаву қасида ба таври зиёд иншо шудааст, ҷамъоварӣ нагардидаст. Аз ин ҷост, ки маҷмуаи осори манзуми Аҳмад Махдуми Дониш дар даст нест ва чӣ миқдор будани теъдоди абёти ӯ низ маълум нест [5, с. 201]. Вале як масъаларо, ки устод Айнӣ таъкид мекунад ва он дуруст аст, кам будани осори манзуми Аҳмади Дониш аз осори мансураш мебошад [5, с. 201].

Аҳмади Донишро устод Айнӣ аз адибони пуркор ба қалам меорад ва қайдҳои зиёди ӯро дар охири китобҳо, дар маҷмуаҳои ҳархела, дар дафтарҳои дастнавис ва дар коғазпораҳо хеле зиёд мегӯяд. Аммо китоби «Наводир-ул-вақоеъ»-и мутафаккирро машҳуртарини осори мансураш мехонад ва онро тахминан дорои 750 саҳифа гуфтааст [5, с. 201].

Баъди солҳои панҷоҳуми асри XX таҳқиқ ва нашри осори Аҳмад-Махдуми Дониш бо кӯшишу талоши адабиётшиносон ва муҳаққиқони маъруфи тоҷик Р. Ҳодизода, А. Абдуллоев, А. Мирзоев, А. Девонақулов, К. Айнӣ, Ҷ. Назриев ва дигарон анҷом ёфта, асарҳои «Наводир-ул-вақоеъ» (солҳои 1957, 1976, 1988, 1989, 2010, 2020), «Рисола ё мухтасаре аз таърихи хонадони манғития» (солҳои 1960, 1992, 2010) ва «Меъёру-т-тадайюн» (соли 2010)-и мутафаккир бо таҳриру тасҳеҳи онҳо рӯйи чоп омад.

Тавсифи мероси адабию илмӣ ва баёни мухтасари мундариҷаи асарҳои Аҳмади Дониш дар китоби «Аҳмади Дониш»-и Расул Ҳодизода ба таври мукаммал дарҷ гардидааст ва мо дар қисмати пеш аз он ёд кардем.

Дар самти нашри осори ин шахсияти фарҳангӣ метавон гуфт, ки бори нахуст соли 1957 ба муносибати 130-солагии таваллуд ва 60-солагии вафоти Аҳмад Махдуми Дониш (1827-1897) порчаҳо аз асари калонҳаҷми ӯ «Наводир-ул-вақоеъ» бо таҳриру тавзеҳот ва сухани хотимавии адабиётшинос Расул Ҳодизода ба табъ расида буд. Тавре ки Р. Ҳодизода навиштааст, матни асар бар асоси дастнависи худи Аҳмади Дониш, ки таҳрири аввалини ин асар аст ва бо рақами В-716 дар шуъбаи дастнависҳои АФ ИҶШС дар шаҳри Ленинград маҳфуз мебошад ва нусхаи дастнависе, ки бо иштироки С. Айнӣ ба қалами Мунзим дар охири солҳои 90-уми асри гузашта навишта шудаасту айни ҳол таҳти №2012 дар ганҷинаи дастнависҳои АМИТ нигоҳдорӣ мешавад, мураттаб гардидааст [19, с. 8].

Соли 1959 маҷмуаи дигари асарҳои Аҳмади Дониш бо тавзеҳоти Р. Ҳодизода ба табъ расид, ки дар он ба ғайр аз порчаҳои «Наводир-ул-вақоеъ» ҳамчунин «Рисолаи таърихӣ»-и нависанда бо каме ихтисорот (бо номи «Таърихча», намунаи осори манзуми ӯ ва ҳамзамононаш дар бораи ӯ дарҷ гардидааст [14].

Ба шарафи ҷашни 150-солагии таваллуди Аҳмади Дониш (1976), ки АФ ИҶШС нашри чандин маҷмуаи илмию адабӣ ва фалсафии Аҳмади Донишро ба нақша гирифта буд, маҷмуаи «Осори баргузида»-и ӯ ба кӯшиши адабиётшиносон Р. Ҳодизода ва А. Абдуллоев рӯйи чопро дид [18]. Дар ин китоб бештар намунаи ҳикоёти бадеии Аҳмади Дониш гирд оварда шуда, муаллиф дар он ҳамчун устоди каломи бадеъ ҷилвагар мешавад.

Дертар, дар давоми солҳои 1988-1989 ба ифтихори ҷашни 160-солагии таваллуди мутафаккир асари «Наводир-ул-вақоеъ» бо таҳриру тавзеҳи Р. Ҳодизода ва А. Девонақулов (дар ду китоб) интишор меёбад [16; 17].

Соли 1960 ба нашр расидани порчаҳои «Наводир-ул-вақоеъ» дар шакли «Путешествие из Бухары в Петербург» дар тарҷумаи М. Усмонов ва

Л. Демидчик ба забони русӣ аз он иқдомоти муҳим барои шинос намудани хонандаи русзабон бо осори Аҳмади Дониш ба шумор меравад [20].

Ҷойи зикр аст, ки соли 1967 матни комили асари дигари Аҳмади Дониш - «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» дар тарҷумаи  И.А. Наҷафова ба забони русӣ бо таҳқиқу омӯзиш ва тавзеҳоти таърихии матн ба табъ расида буд. Ба забони тоҷикӣ маводди ин рисола соли 1959 аз ҷониби нависандаи маъруф Сотим Улугзода ба дарку фаҳми хонандагони тоҷик мувофиқ кунонида ва ба нашр расонда шуд. Адабиётшинос Расул Ҳодизода низ дар «Асарҳои мунтахаб»-и Дониш, ки дар боло ёд кардем, матни «Рисола»-ро бо дахолати камтар пешкаши хонанда карда, душвориҳои матнро бо шарҳу баёни содаву равон қобили фаҳм мегардонад. Илова бар ин, соли 1992 чопи тиҷоратии «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» аз тарафи нашриёти хурди «Сарват» бо теъдоди 30 ҳазор нусха сурат гирифтааст [22].

Дар даврони истиқлоли Тоҷикистон аз тарафи Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик дар силсилаи «Энсиклопедияи насри форсу тоҷик» ду асари Аҳмад Махдуми Дониш – «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» бо сарсухани Р. Ҳодизода таҳти назорати Камол Айнӣ ва бо таҳрири Алиҷон Қурбонов [23] бознашр гардид, ки дар он баъзе иштибоҳҳои дар чопҳои қаблӣ роҳёфта то ҳадди имкон ислоҳ карда шуданд. Ҳамчунин, дар ҳамин сол ба муносибати 60-солагии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ ба кӯшиш ва таҳрири Ҳ. Пирумшоев китоби «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития»-и Аҳмади Дониш аз рӯйи чопи интиқодии соли 1960 ба хатти форсӣ-тоҷикӣ интишордодаи академик Абдулғанӣ Мирзоев аз нав ба табъ расид.

Аз рисолаҳои муҳимми дигари Аҳмад Махдуми Дониш, ки бори аввал соли 2010 рӯйи чоп шудааст, асари фалсафии «Меъёру-т-тадайюн» аст. Дар ин рисола масъалаҳои таассуби мазҳабӣ ва иллату оқибати он, ислоҳи ҷудоии миёни шиаву суннӣ, зарурати гузашт кардан дар масъалаҳои хилофӣ бар якдигар ва пеш гирифтани маслаки мутавассит дар

дину диндорӣ баррасӣ шудааст. Донишмандони тоҷик А. Девонақулов ва Н. Зокиров матни асарро ба алифбои кирилии тоҷикӣ таҳия намуда, бо тасҳеҳу тавзеҳот ва шарҳи луғот интишор додаанд. Тавре ки дар муқаддима таҳиякунандагони асар зикр мекунанд, ин чопи нахустини китоб буда, он аз рӯйи нусхаи аксии дастхатти «Меъёру-т-тадайюн» мураттаб гардидааст. Ин нусхаи аксӣ дар Институти шарқшиносии шаҳри Санкт-Петербурги Русия таҳти рақами 136 маҳфуз аст [13, с. 12].

Соли 2020 аввалин бор «Девони Аҳмади Дониш» аз рӯйи нусхаи дастхатте, ки дар ганҷинаи Институти ба номи Абурайҳони Берунии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфуз буд, ба хатти тоҷикӣ нашр шуд, ки таҳияи матни онро аз алифбои форсии тоҷикӣ ба тоҷикии кириллӣ Файзхоҷа Маҳмудов анҷом додааст. Девон аз ғазалвораҳо, қитъаот ва мухаммасҳои шоир иборат мебошад [12].

Ашъори дар он ҷамъовардашуда барои адабиётшиносон имкон медиҳад, то андешаи худро перомуни муҳтавояш изҳор намоянд, зеро дар миёни аҳли дониш назарҳои мухталиф роҷеъ ба муаллифи ин девон будани Аҳмади Дониш мавҷуд ҳастанд. Дар ҳоли ҳозир бошад, нашри ин девонро бо алифбои тоҷикӣ ҳамчун нишонаи вусъати ташаббусҳо дар омӯзиш ва муаррифии Аҳмади Дониш қабул кардан равост.

Зарур аст, ки пеш аз ҷамъбасти мавзуи ин зерқисмат аз ду феҳристи осори Аҳмади Дониш ёд кард, ки воқеан камёбанд ва арзишашон барои роҳнамоии муҳаққиқон зиёд аст. Яке аз ин роҳнамоҳо бо номи Аҳмади Дониш (нишондиҳандаи адабиёт) ба қалами муҳаққиқ А. Юнусов тааллуқ дошта, соли 1960 дар ҳаҷми 25 саҳифа чоп гардида буд [161]. Ба қавли муҳаққиқи аҳвол ва осори Аҳмади Дониш, Расул Ҳодизода, бештари адабиёте, ки то соли 1960 роҷеъ ба Аҳмади Дониш нашр гардидааст, дар феҳристи мухтасар аз ҷониби А. Юнусов тартибдодашуда дарҷ аст [149, с. 3].

Дуюмин феҳристи осори Аҳмади Дониш ва маводди мансуб ба ӯ, ки соли 1986 аз ҷониби А. Юнусов ва И. Норкаллаев анҷом ёфта буд, арзиши зиёди илмӣ ва амалӣ дар ҷодаи аҳмадидонишшиносӣ дошт [162].

Ин феҳрист кулли осори дастрас ва таҳлилу таҳқиқҳои марбут ба ҳаёту осори Аҳмади Донишро, ки дар замони Шуравӣ таълиф шуда, аз нашр баромада буд, дар бар гирифт ва он аз шаш қисмати зерин иборат аст: 1) Осори Аҳмади Дониш; 2) Адабиёт дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Аҳмади Дониш; 3) Аҳмади Дониш дар адабиёт ва санъат; 4) Ахбори ҷашнҳои Аҳмади Дониш; 5) Дастурҳои библиографӣ (оид ба) асарҳои Аҳмади Дониш; 6) Гузориш. Дар Феҳристи мазкур адабиёти то соли 1987 нашргардида ҷамъоварӣ шудааст ва он ягона маҷмуаи номгӯйи осори мутафаккир, мақола ва таҳлилҳои илмӣ ва илмӣ-адабӣ оид ба ҳаёт ва эҷодиёти ӯ ба шумор меравад. Дар муддати зиёда аз 45 соли ахир ин ташаббус дигар такрор нашудааст ва ҳол он ки дар даврони истиқлоли давлатии Тоҷикистон қариб тамоми осори илмӣ, таърихӣ ва бадеии худи Аҳмади Дониш рӯйи чоп омада, даҳҳо асари таҳлилӣ ва садҳо мақолаи илмӣ, инчунин асарҳои бадеӣ доир ба ин симои тамаддуни миллати тоҷик эҷод ва чоп гардиданд.

Чунон ки мушоҳида гардид, дар самти шинохти чеҳра ва симои Аҳмади Дониш дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ корҳои шоистаи таҳсин анҷом ёфтаанд ва онҳо сазовори таҳқиқ ва идома мебошанд. Бо вуҷуди чунин пешравиҳои кор, дар ин масъала ҳанӯз ҳам норасоиҳои зиёде ҷой доранд, ки зикри чанде аз онҳо барои кори ояндаи адабиётшиносони ватанӣ зарур аст. Ин камбудҳо дар ду самт ба назар мерасанд, ки яке вобаста ба осори то имрӯз интишорёфта ва таҳқиқи он ва дигаре интишору таҳлили баъдии он мебошад.

Дуруст аст, ки осори Аҳмади Дониш пайваста ба чоп мерасад ва ин иқдом дар тули истиқлоли кишварамон бештар ва беҳтар ба роҳ монда шудааст. Дар заминаи нашри осори мутафаккир таҳлилҳо, яъне осори алоҳидаи таҳлилӣ, таҳқиқоти илмӣ ва мақолаҳои зиёди таҳлилӣ арзи ҳастӣ намудаанд, ки дар самти аҳмадидонишшиносӣ саҳми сазовор мегузоранд. Бо вуҷуди ин, дар ин ҷода ҳанӯз камбудҳо ба назар мерасанд, ки сетои онҳоро чун заъфи асосӣ зикр кардан зарурат дорад, то дар оянда ба онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардад ва барои аз байн бурдани онҳо саъй шавад.

Яке аз ин камбудҳо то ба ҳол ба нашр нарасидани ҳамаи асарҳои Аҳмади Дониш мебошад. Барои мисол, метавон гуфт, ки ашъори воқеии мутафаккир то ба ҳол комилан маълум нест, ҷамъоварӣ нашудааст ва нашр нагардидааст. Ҷойи зикр аст, ки дар асоси нусхаи дастхатти ганҷинаи Институти ба номи Абурайҳони Берунии АИ Ҷумҳурии Узбекистон «Девони Аҳмади Дониш» мураттаб ва нашр гардид, ки то ба ҳол моли мутафаккир будани он аз ҷониби муҳаққиқони адабиёти тоҷик тасдиқ ё инкор нашудааст. Инчунин, маълум нест, ки то куҷо ҳамаи намунаи ашъори дар девон ҷамъомада моли Аҳмади Дониш ҳаст. Худи мутуни «Наводир-ул-вақоеъ», ки аз беҳтарин намунаи осори мансур ва муҳимтарин сарчашма дар муайян намудани афкори Аҳмади Дониш ба шумор меравад, то ба ҳол ба таври комил чоп нашудааст ва ҳар як нашри он аз дигараш тафовут дошта, нусхаҳо дорои камбудҳо ва заъфи алоҳида мебошанд. Бар замми ин, қимати асари мазкур то ба ҳол барои илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷикӣ ба таври бояду шояд маълум нашудааст.

Дар китоби «Наводир-ул-вақоеъ» ҳикояву ривоятҳо оварда мешаванд ва инчунин, худи тарҳи нақли муаллиф низ як навъ истифода аз шаклу намуд ва унсурҳои фолклори мардуми тоҷикро пеши назар меоранд. Ин масъала то ба ҳол дастнорасида аст ва бояд аз ҷониби фолклоршиносони тоҷик мавриди таҳлил қарор дода шавад.

Аз назари илми адабиётшиносӣ, бадеияти осор ва гуфтори Аҳмади Дониш то ба ҳол ба таври васеъ ва комил баррасӣ нашудааст. Сабку усули иншо ва нақли ҳодисаҳо, муқоисаи онҳо бо муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии замони мутафаккир ба таври илмӣ берун аз таҳлил мондааст. Мақоми Дониш дар шеъри тоҷики асри XIX ва ибтидои асри XX ба таври воқеӣ муайян нагардидааст.

Дар бисёре аз маводди таҳлилию таҳқиқии ба осори Аҳмади Дониш бахшидашуда аксар масъалаҳо танқиди замон ва ҳукуматдорони давр, ки, воқеан, афкори пешқадам буданд, ба таври муфассал ироа мегарданд ва ба афкори ғайри ин, махсусан андешаҳои қафомондаи Аҳмади Дониш, танҳо

ишораҳо мешаванду бас. Зарур аст, то хонандаи муосир аз ин пҳлуи масъала низ огоҳ гардад ва хулоса барорад, зеро ҳам андешаҳои пешқадам ва ҳам фикрҳои қафомондаи як шахсият сабабу заминаҳои худро доштанд ва онҳо бояд ошкор гарданд. Барои мисол, андешаҳои мутафаккир роҷеъ ба мақоми зан ва ҳуқуқҳои вай, ки аз назари як фарди муҳити шарқии асри худ баён шудаанд, бояд бо сабабҳо ва заминаҳояш таҳлилу натиҷагирӣ шавад.

Дар тӯли қариб 130 соли пас аз даргузашти Аҳмад-Махдуми Дониш танҳо ду феҳристи осораш омода гардидааст ва дар ин бора дар боло маълумот дода шуд. Ҳарчанд ки дар даврони истиқлоли давлатии Тоҷикистон қариб кулли осори илмӣ, таърихӣ ва бадеии Аҳмади Дониш рӯйи чоп омада, даҳҳо осори таҳлилӣ ва садҳо мақолаи илмӣ, инчунин асарҳои бадеӣ доир ба ин симои тамаддуни миллати тоҷик эҷод ва нашр гардида бошанд ҳам, дар омода намудани феҳристи мукаммали осори ӯ ҳанӯз иқдоме нашудааст.

Яке аз заъфҳои калидӣ дар ҷодаи аҳмадидонишшиносӣ сифати нашри баъзе аз мақолот ва маҷмуаҳо мебошад. Ба ҳайси мисол, соли 2017 ба муносибати 190-солагии Аҳмади Дониш маҷмуаи мақолаҳои муҳаққиқон ва донишмандони соҳаҳои гуногуни илм роҷеъ ба Аҳмади Дониш, ҳолу аҳвол ва осору афкори ӯ бо номи «Аҳмад Махдуми Дониш ва хориқаи таърихии фарҳанги тоҷикон» аз нашр баромад [44], ки, воқеан, як падидаи арзишманд ба шумор меравад. Вале сифати нашр ва аксари мақолаҳо дар ин маҷмуа ба талаботи омода намудани мақола ҷавобгӯй нестанд ва аз таҳрир нагузаштаанд. Нисфе аз ин мақолаҳо аз сарчашмаҳои дигар ба таври нусхабардорӣ ва бидуни мувофиқ сохтани онҳо барои маҷмуаи илмӣ оварда шудаанд. Талабот ба мураттабсозии матни мақола ва манобеи истифодагардида, умуман, риоя нашудааст ва дар он ҳар мақола ба таври худ тартиб дода шудааст. Инчунин, баъзе мақолаҳо бе муқаддима оварда шудаанд ва дар дохили як мақола метавон саҳифаҳои тозаро бидуни чопи ягон ҳарф дучор омад. Ин камбудиҳо бояд дар оянда аз байн бурда шаванд.

Дар мавриди сирф андешаҳои адабии Аҳмади Дониш он мақолаҳо ва гузоришҳое, ки нашр ва ироа гардидаанд, аксаран масъалаи асосии таҳқиқ комилан ҳаллу фасл нагардида ва дар муқоиса бо андешаҳои назарияпардозони пешин гузошта нашудааст. Баръакс, андешаҳои Аҳмади Дониш ба таври умумӣ таъкид шуда, муҳаққиқон дар давоми онҳо ба таҳлили бевоситаи ашъори худи шоир дахл кардаанд.

Ва билохира, аксари таҳқиқоти марбут ба муҳтавои осори Аҳмади Дониш, ки ба нимаи дуюми асри XX рост меояд, дар чаҳорчӯб ва талаботи тафаккури коммунистӣ ва аз нигоҳи методи марксистӣ-ленинӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Мутаассифона, таъсири чунин таҳлил дар баъзе аз осори пажӯҳишии даврони муосир низ ба назар мерасад ва он бояд ислоҳ гардад. Бо ин андеша, мо гуфтанӣ нестем, ки таҳлилу таҳқиқҳои пешин ва махсусан даврони Шуравӣ, камарзиш буданд, баръакс, онҳо асоси илмӣ ва методологии тамоми тадқиқоти баъдиро дар самти аҳмадидонишшиносӣ фароҳам овардаанд, аммо зарурат ба таври густарда ва васеъ омӯхтани ҳаёт ва муҳтавои осори Аҳмади Дониш, бо дарназардошти махсусиятҳои даврони мутафаккир ва арзиши он барои худшиносии миллии мо – тоҷикон, боқӣ мемонад.

**Хулоса,** ҳадафи боби аввали кори диссертатсионӣ аз муайян намудани раванди шинохти Аҳмади Дониш дар сарчашмаҳо (тазкираҳо) ва таҳлилу таҳқиқи аҳволу осори ӯ дар адабиётшиносии тоҷик иборат мебошад. Дар натиҷаи таҳлил ва ҳаллу фасли мавзуъҳои вобаста ба масъалаи асосии таҳлили боб маълум гардид, ки Аҳмади Дониш ҳамчун мутафаккир, хаттот, наққош, муҳандис, шоир ва мунаққид аз ҷониби ҳамасрони хеш эътироф гардида, зикри ҳолу аҳвол ва ҳунару истеъдодаш дар тазкираҳои давр ва баъд аз он бо эҳтиром омадааст.

Дар илми муосири тоҷик оғози шинохт ва муаррифии Аҳмади Дониш аз устод Садриддин Айнӣ сарчашма мегирад. Устод Айнӣ на танҳо дар тазкираи машҳури хеш – «Намунаи адабиёти тоҷик» саҳифаҳои алоҳидаеро ба таҳлили андешаҳо ва осори Аҳмади Дониш бахшидааст, балки чеҳра ва шахсияти ӯро тавассути асари безаволаш «Ёддоштҳо» ҷовидона сохт. Пас

аз ин омӯзиши ҳаматарафаи Аҳмади Дониш дар Тоҷикистон оғоз гардид ва олимоне чун С. Улуғзода, Ш. Ҳусейнзода, Х. Мирзозода, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, Н. Маъсумӣ, А. Маниёзов ба ҷанбаҳои мухталифи афкори мутафаккир таваҷҷуҳ зоҳир намуданд ва ин таваҷҷуҳ дар ду самт идома ёфт: якум, нашри осори Аҳмади Дониш ба роҳ монда шуд ва дуюм, дар хусуси ҳолу осори ӯ мақолаҳо ва асарҳои тадқиқотӣ навишта шуданд. Дар замони истиқлоли Тоҷикистон ин ташаббус дучанд афзуд ва олимони адабиётшинос, мисли С. Амир, А. Девонақулов, Ҷ. Назриев, Х. Олимӣ, М. Абдураҳмонов, С. Иброҳимов ва чандин нафарони дигар дар масъалаҳо ва мавзуъҳои гуногуни ашъори Аҳмади Дониш изҳори андеша намуданд ва асарҳо ба нашр расонданд.

Бинобар он ки Аҳмади Дониш мутафаккир буд ва дар тамоми масъалаҳои таърихӣ, сиёсӣ, фалсафӣ, кайҳонӣ ва динӣ андешаҳои худро дошт, муҳаққиқони ин соҳаҳо низ роҷеъ ба фаъолият ва дониши ӯ дар ин ҷода асарҳо эҷод намуданд ва ба раванди аҳмадидонишшиносӣ дар Тоҷикистон саҳми назаррас гузоштанд. Дар ин бора дар диссертатсия ба таври муфассал маълумот дода шудааст ва аз асарҳои ин олимон ном бурда шудааст.

Мушоҳида ва таҳлили раванди аҳмадидонишшиносӣ дар Тоҷикистон нишон дод, ки бо вуҷуди пешравиҳои назаррас, дар ин масъала ҳанӯз ҳам норасоиҳои зиёде ҷой доранд, ки, асосан, дар ду самт ба назар расиданд: яке дар вобастагӣ ба осори интишорёфта ва таҳлилу таҳқиқи он ва дигаре интишору таҳлили минбаъдаи масъала. Ба таври мушаххас камбуд ва норасоиҳои кор дар рисола зикр гардиданд.

# БОБИ II
# ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШ ВА ТАҲАВВУЛИ АНДЕШАҲОИ АДАБИИ АҲМАДИ ДОНИШ

## 2.1. Заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихии андешаҳои адабии Аҳмади Дониш

Роҷеъ ба зуҳур, ташаккул ва таҳаввули андешаҳои адабӣ ва бадеӣ дар адабиёти форсу тоҷик аз ҷониби донишмандони ватанӣ таҳлилу таҳқиқоти зиёд ва арзишманде анҷом шудаанд, ки ном бурдани танҳо чанде аз онҳо барои исботи ин гуфтаҳо басанда хоҳад буд. Аз ҷумла, дар баробари мақолаҳо ва гузоришҳои зиёди илмӣ, зикри асарҳои тадқиқотии муҳаққиқон А. Афсаҳзод [1987; 1988; 1989; 2008], Ю. Бобоев [1974; 1987], Қ. Восеъ [2013], С. Давронов [1965; 1976; 1992], Т. Зеҳнӣ [1960; 1967; 1992], А. Маҳмадаминов [1998], А. Мирзоев [1958; 1977], Р. Мусулмониён [1964; 1980; 1987; 1990], С. Наимбоев [1982], М. Назриқул [2004], А. Насриддин [2013], Ш. Раҳмонов [1980; 1987; 1988], Н. Салимов [2002], А. Сатторзода [1982; 2001; 2011], С. Саъдиев [1980], Б. Сирус [1963], У. Тоиров [1991; 1995; 1997; 2005], Р. Тағоймуродов [2012], А. Ҳакимов [1987; 888], Ш. Ҳусейнзода [1980; 1985], Х. Шарифов [2002; 2005; 2017], У. Юсуфӣ [2021] зарур аст, то омӯзиши пайдоиш ва раванди ташаккули афкори адабӣ ва бадеии гузаштагони адабиёти мо муайян ва баҳо дода шавад.

Дар аксари ин осор ва инчунин, пажӯҳишҳои олимони дигар ба масъалаи пайдоиш ва рушди андешаҳои назарии ҳам адибон ва ҳам муҳаққиқони машҳур дахл шудааст, вале таҳқиқоти сирф ба таърих ва таҳаввули афкори назарии назарияпардозони форсу тоҷик бахшидашуда танҳо ба қалами чанд нафар аз муҳақиқони тоҷик тааллуқ доранд. Аз қатори ин муҳаққиқон Раҳими Мусулмониён [103; 104; 105; 106; 107], Худоӣ Шарифзода [158], Абдунабӣ Сатторзода [136], Мисбоҳиддини Нарзиқул [108], Рустам Тағоймуродов [138], Умриддин Юсуфӣ [163]-ро ном бурдан метавон, ки таърихи таҳаввули андешаҳои адабию назариро дар адабиёти тоҷикӣ таҳқиқ намудаанд.

Ҷойи зикр аст, ки мақолоти зиёде ба таври алоҳида дар мавриди назарияпардозони адабиёти мо иншо шудаанд, ки сазовори эҳтиром ва арҷгузорӣ мебошанд, вале олимони мазкур фаъолияти илмияшонро маҳз аз таҳқиқи ҳамин масъала оғоз намудаанд ва рисолаҳои хешро дар ҳамин самт таҳияву чоп кардаанд.

Таҳлили андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш, ки тавассути андешаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва эстетикии ӯ баён гардиданд ва дар маҷмуъ, ҷузъи афкори маорифпарваронаи ӯро фароҳам овардаанд, маҳз дар асоси усул ва равиши таҳқиқи муҳаққиқони дар боло зикршуда анҷом меёбад.

### 2.1.1. Муҳити хонаводагӣ ва истеъдоди фитрию азалии Аҳмади Дониш

Муҳити тарбия ва истеъдоди фитрӣ ду заминаи ибтидоие буданд, ки равиши андешаронии Аҳмади Донишро муайян сохтанд.

Мувофиқи маълумоти дастрас Аҳмади Дониш соли 1827 дар Бухоро таваллуд шудааст. Падари ӯ, аслан, аз Шофирком буд, вале баъдтар ба Бухоро омада, касби камол кардааст ва дар ҳамин шаҳр хонадор шудааст. Муҳаққиқон модари Аҳмади Донишро зани бомаърифат муаррифӣ намуда, аз доштани мактаби хусусияш ҳарф задаанд, ки дар он ба духтарони гузарҳои гирду атрофи маҳаллаашон савод меомӯхт. Аҳмад дар оила фарзанди ягона будаст, зеро фарзандони пеш ва пас аз ӯ таваллудшуда зинда намондаанд. Аҳмади хурдсол савод ва маълумоти ибтидоияшро дар хона, дар пеши модари худ, гирифтааст [150, с. 316-317].

Маълумоте, ки роҷеъ ба гирифтани саводи аввалияи Дониш дар боло оварда шуд, бо такя ба иттилои худи мутафаккир дар асараш «Наводир-ул-вақоеъ» манзур гардидаст, чунончи: «...Ва пеш аз он, ки маро ба дабиристон барои таълиму тааллум ниҳанд, дар хона ба ҳузури атфол пеши модар ба муколамаи абҷад ва тахтаи лавҳ вуқуфе ба хат ва хондани он ва гоҳе мавзун сохтани қофия, бе он ки ӯро маъние бошад, бино бар истеъдоди фитрӣ баҳосил будааст» [14, с. 333].

Фарқияте, ки миёни ин ду маълумот матраҳ аст, дар масъалаи кӯдакони ба таълиму тадрис фарогирифташуда мебошад, ки оё онҳо танҳо духтарон буданд ва ё писарбачагон низ ба ин таълим фаро гирифта шуда буданд. Чун санади асосии ин иттилоъ маълумоти худи нависанда аст, пас атфоли пеши модари Аҳмади Дониш таълим гирифта танҳо аз духтарон иборат набуданд, балки дар он ҷо ҳар ду ҷинси атфол ҳузур доштанд ва ба ин сабаб Аҳмади Дониш дар он таълим худро озод ҳис мекард.

Сиёсатшиноси тоҷик – Ш. Ҷабборов, доир ба омилҳои ташаккули ҷаҳонбинии мутафаккир ва хосса ташаккули андешаҳои сиёсии ӯ ибрози андеша карда, оила ва муҳити зиндагии ӯро аввалин омиле қаламдод намудаст, ки асоси тарбия ва ташаккули Аҳмади Донишро фароҳам овардааст [156, с. 18].

Дар асоси маълумоти дастрас маълум аст, ки волидайни Аҳмади Дониш ҳар ду ҳам шахсони дорои саводи кофӣ будаанд. Аз ҷумла, маълумоте, ки устод Айнӣ аз забони Шарифҷон-Махдум роҷеъ ба падари Аҳмад меорад ва муҳаққиқ Расул Ҳодизода онро дар рисолаи «Аҳмади Дониш» ба кор гирифтааст, собит месозад, ки: «Падари Аҳмад Махдум дар хурдсолӣ дар мактаби деҳаи худ хонда, баъд аз он ба Бухоро омада, мадрасаро тамом кардааст ва пас аз хатми дарсҳо дар яке аз гузарҳои Бухоро имом шуда ва ба тарзи доимӣ дар шаҳр монда, аз гузари Кӯчаи Сангини Бухоро ба худ ҳавличае таҳия намуда, дар он ҷо хонадор шудааст» [148, с .25].

Р. Ҳодизода аз маълумот роҷеъ ба мактаб кушодан ва ба тадриси атфол машғул будани модари Аҳмади Дониш низ ёдовар шуда, волдидайни ӯро, новобаста аз он ки он қадар доро набуданд, аз одамони босаводи замони худ ба қалам медиҳад [148, с. 26].

Табиист, ки саводнокии волидайн омили нахустини тавсеаи мағзи Аҳмади Дониш барои дохил шудан ба дунёи савод ва чуну чарои олам гардид. Бесабаб нест, ки дар дунёи муосир маорифи мамлакатҳои тараққикарда ба рушди барвақтии кӯдакон тамаркуз мекунад, зеро маҳз дар овони аз рӯзи таваллуд то сесолагӣ майдони дарку тахайюли кӯдак ба

суръате тавсеа мегардад, ки дар тули давраҳои дигари умр ба ин дараҷа васеъ намегардад.

Пас, агар модар Аҳмади хурдсолро бо нахустин ҳарфу ҳиҷо шинос намуда бошад, падараш кӯшиши бохабар сохтани ӯ аз бузургии каломи илоҳӣ, яъне Қуръони карим, намуда, ӯро ба мактаби қориён мемонад. Профессор Ҳодизода ин иқдоми падари Аҳмадро таҳлил намуда, хулосаҳои худро дар бораи чаро Аҳмадро падараш ба мадраса намонду ба мактаби қориҳо дод, пешниҳод мекунад, ки асоси воқеӣ доранд. Ӯ, пеш аз ҳама, бо такя бар гуфтаҳои худи Аҳмади Дониш, ки роҷеъ ба шароити сахти зиндагии оилавияш гуфтааст, андешаҳои худро хулоса мекунад: «Аввал он ки падари Дониш ҳамоно меандешид, ки шояд дар муддати дуру дарози таҳсили мадраса писарашро аз ҷиҳати моддӣ таъмин карда натавонад. Аз тарафи дигар, муҳлати хатми ҳифзи Қуръон назар ба хатми таҳсили қариб 20-солаи мадраса камтар буд ва Аҳмади Дониш метавонист баъди ҳифзи Қуръон дар ягон ҷо хатиб ё муаллими маҳалла ё қорӣ шуда, кор кунаду таъмини маишати худашро мутасаддӣ гардад ва ҳам такягоҳи падару модари пираш шавад» [148, с. 29].

Мо тарафдори ҳар ду хулосаи муҳаққиқ дар ин масъала ҳастем, вале новобаста ба ҳамаи он шароити мавҷуда, талаботи муҳити маънавӣ ва ҳадафҳои падар, як масъала равшан аст, ки падари Аҳмад мехост писараш одами босавод ва боилм шавад. Дар замоне ки падари Дониш зиндагӣ мекард, қории Қуръон будан болотар аз ҳар намояндаи илми дигар буд. Аммо ба сабабҳои айниву зеҳнӣ Аҳмади ҷавон мактаби қориёнро тарк кард ва падараш ӯро «ба дарс ва таламмузи арабият» ниҳод, ки муҳаққиқ Ҳодизода «...мурод аз дарс ва талаззуми арабият бешак таҳсили илми мадрасавист» [148, с. 32] гуфтааст. Пас, маълум аст, ки падар ба ҳар роҳ мехост писарашро донишманд гардонад.

Ҳамин тариқ, муҳити хонаводагӣ ва кӯшиши падару модар аз нахустин омилҳои рушду таҳкими тафаккури Аҳмади Дониш гардидаанд ва андешаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва эстетикии ӯ, ки аз ҷониби муҳаққиқон то андозае баррасӣ ва таҳқиқ шудаанд, нишонаи таъсири амиқи тарбия ва

таълим дар муҳити хонаводагии мутафаккир мебошад. Мо бо бовари том гуфта метавонем, ки нахустин хиштҳо барои сохтани андешаҳои адабии Аҳмади Дониш низ маҳз дар муҳити хонаводагӣ ва овони тифлии ӯ гузошта шудаанд. Ба ҳам мувофиқ омадани муҳити саводомӯзии оилавӣ ва истеъдоди фитрии Аҳмади хурдсол боис гардидааст, то дар оянда доираи андешаҳои ӯ ба таври фарогир равнақ ёбад.

Кулли муҳаққиқони зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Аҳмади Дониш дар истеъдоди фитрӣ ва азалии ӯ заррае шубҳа накардаанд ва онро аз воситаҳои марказии дарку омӯзиши илмҳои мухталиф ва яке аз муҳимтарин омилҳои пешрафти андешаҳои маорифпарваронааш шинохтаанд. Таҳлили таъсири истеъдоди фитрию азалии Аҳмади Дониш дар ҳаёту тафаккури минбаъдаи ӯро муҳаққиқон аксаран бар асоси нақли худи мутафаккир анҷом додаанд ва натиҷагирӣ кардаанд.

Аҳмади Дониш дар хусуси он нақл мекунад, ки ҳангоми дар пеши модар ба таълим фаро гирифта шуданаш ба муколамаи абҷад, забти ҳуруф ва хондани онҳо ва ҳам гоҳе онҳоро бидуни ҳеҷ маънои муайян ҳамқофия сохтан машғул мешуд ва инчунин «дар овони туфулият бо қаламу мидод ба деворҳои холӣ болои кулӯх хатҳову шаклҳо» мекашид, «ба ҳандаса мувофиқ ва ҳарфҳо» мениҳод [148, с. 27].

Дар қироату дарки ояҳои қуръонӣ ва махсусан «Чаҳор китоб», Аҳмади Дониш ба зоҳири онҳо қаноат намекард ва маъноҳоро аз «Тафсири Мавлоно Яъқуб» меҷуст ва луғатро ба ҳамдигар татбиқу қиёс мекард ва агар ба фаҳми муқоиса намерасид, дилтанг мешуд. Синну солаш дар ин ҳангом нуҳ ё даҳ будааст [148, с. 27-28]. Барои як навраси нуҳ-даҳсола чунин таваҷҷуҳ, кунҷковӣ ва шавқ танҳо бар асоси фитрати азалӣ ва истеъдоди фитрӣ даст медиҳад.

Расул Ҳодизода – муҳаққиқи ҳолу аҳвол ва осору ашъори Аҳмади Дониш ин гуфтаҳои ӯро ҳамчун мисол оварда, менигорад: «Дар ин ҳикояи хурди Аҳмади Дониш хислати беҳтарини ӯ, яъне фикри ҷӯёи ӯ намоён аст. Вай дар ин синну сол мисли ҳамсолону ҳамсабақони худ ба кӯр-кӯрона ёд кардани ибораҳои душвору номафҳуми арабӣ қаноат накарда, мехостааст,

ки маънии ҳар як ҷумлаю калимаро фаҳмида гирад. Ба ибораи дигар, ӯ ба зоҳири чизҳои хондагиаш қаноат накарда, ба дарк намудани ботини он кӯшидааст. Ин хислат на танҳо дар хурдсолӣ, балки дар тамоми ҷараёни зиндагии Аҳмади Дониш дар тинати ӯ барқарор буд ва ӯ ин хислатро ба дигарон низ ҳамеша талқин мекард» [148, с. 28-29].

Адабиётшинос Расул Ҳодизода дуруст ба қайд гирифтааст, ки фикри ҷӯёи Дониш дар тамоми ҳаёту фаъолияташ таъсири тамом доштааст. Дониш ҳангоми таҳсил дар мактаби қоригӣ ва инчунин, дар мадраса аз дарсу фанҳои таълимии ҳар дуи ин макони таҳсил қаноатманд набуд. Махсусан, ҳифзи Қуръон «бар мизоҷи» Дониш «сахт ва номулоим» омад, зеро лукнати забон доштан ва ҳавсала надоштанаш ба такрори ояҳои қуръон ӯро аз ин кор боз медоштанд. Ба фикри ин ҷониб, дар ин кор ба ҷуз аз ин ду сабаб, кунҷковии Дониш низ таъсиргузор будааст, зеро ӯ ҳама вақт ба дарёфтани чизи нав мекӯшид ва аз ин хотир такрори ҳамешагии ояҳои қуръониро намехост. Вале ин он маъноро надорад, ки Аҳмади Дониш аз Қуръон ва дарсҳои исломӣ баҳра набардошт ва роҷеъ ба таъсири илмҳои динӣ ва Қуръон ба тафаккури ӯ дар поинтари ҳамин қисмати рисола сухан хоҳад рафт.

Чунончи зикр гардид, андешаи ҷӯё ва майнаи ташнаи илми Аҳмади Дониш ҳангоми таҳсилаш дар мадраса бештар вусъат ёфт ва ӯ бо дарсҳои маъмулӣ қаноат накарда, ба таври мустақилона ба омӯзиши илмҳои иловагӣ пардохт ва пешрафти фавқулодае кард. Дар боби аз худ намудани тамоми санъатҳои ҷадвалу зинат ва лавҳу тасвир, ки аз ҷониби мо ёдоварӣ шуд, худ гувоҳӣ медиҳад, ки мавсуф дар ин ҳунар чирадаст будааст. Дӯсти қарине ӯро барои китобати ғазалиёт шавқманд сохтааст ва вақте ки баёз омода мегардад, боз талаби бо тасвиру лавҳи муносиб онро зинат диҳад [16, с. 354].

Дониш пеш ин ҳунарашро насанҷида буд ва бо як нобоварӣ арзи дӯсташро қабул кард ва баёзи ғазалро бо табъи худ орову торо дод, ки он мақбули хотири рафиқаш гардид. Давоми кӯшиши хешро дар самти аз худ кардани ин илму ҳунар Аҳмади Дониш чунин ба қалам овардааст: «Он гоҳ

донистам, ки илми ин санъат аз ҷумлаи лавозимот аст. Ороиши китобҳоро, ки бад он сағиру кабир муҳтоҷанд, хосса хубрӯён, он гоҳ ашрофу подшоҳон [барои гузоридани ном]. Пас аз абвови духули он даромада, ба арбоби ин фан ихтилот намуда, ба хушомаду нифоқ [ва мулозамат] ҷустуҷӯ намуда, дар арзи як сол [ин муҳимро ба камол расондам ва] аз ин сӯйи илм даромада, ба он тараф берун рафтам» [16, с. 354-355]. Ҳамин шавқи аз худ кардан дар андӯхтани илмҳои дигар низ замина гузошт ва аз ҷумла дар аз худ кардани илми нуҷум, ки онро Аҳмади Дониш «мафхари аҳли қалам» номидааст, ба ду доия дар ин илм шуғл намуданашро изҳор намудааст [14, с. 367-368], таъсири зиёд дошт.

Ҷойи ёд овардан аз як андешаи мутафаккир аст, ки ба фарзандонаш изҳор доштааст. Дар ин андеша, агарчи ишора як илм бошад ҳам, вале кулли дигар масъалаҳо ва муаммоҳоро таҳти он баррасӣ менамояд. Ӯ фарзандонашро бештар «ба таҳсили сирати инсонӣ» тарғиб намуда, пас аз овардани ду ояи қуръонӣ роҷеъ ба кӯшиши худ дар шинохти сирати инсонӣ изҳори андеша мекунад.

Аз ҷумла, ба фарзандонаш мегӯяд, ки ӯро дар шинохт ва дарки ин илм, ки аксари мардум аз он бехабаранд, на ҷилди кутуб ва саҳифаҳои авроқ раҳнамун сохтаанд, балки бисёрии фикр дар дарёфтани ҳақиқати масъалаҳо бо саволҳои ин чиз чаро инчунин аст ва аз чӣ ин чунин шуда ва чист, ки ин чунин нашуда, пайдо гардид. Андешаашро дар ин самт идома дода, мутафаккир нақши мушоҳидаи афъолу саъйи мардум дар ҳар умурро, ки барои чӣ ин ё он корро кардаанд ва бахри чӣ мекунанд ва самараву натиҷаи он, ки кардаанд ва мекунанд чист, аз усулҳои дарки илм ва дарёфти дониш меҳисобад [14, с. 329-330].

Метавон хулоса кард, ки фитрату истеъдоди азалӣ аз омилҳои дигаре буданд, ки ба ташаккули ояндаи Аҳмади Дониш ҳамчун симои илму ҳунар таъсири назаррас доштанд. Аммо онҳо омилҳои ягона набуданд, балки дар пайвастагӣ ба сабабҳо, вазъ ва муҳити дигари тарбияву таълими Аҳмади Дониш дар шахсияти ӯ кора карданд. Аз ҷумла, шиносоии том бо Қуръон, аҳодиси набавӣ ва соири осори исломӣ аз ҷумлаи омилҳои дигаре маҳсуб

мешаванд, ки дар фароҳам овардани афкору андешаҳои илмӣ, адабӣ, бадеӣ ва албатта, сиёсиву иҷтимоии Аҳмади Дониш таъсири бевосита доштанд.

### 2.1.2. Таъсири осори исломӣ ва маҳфилҳои қиссаю таърихxонӣ дар таҳаввули андешаҳои Аҳмади Дониш

Чунон ки дида шуд, Аҳмади Дониш дар хурдсолӣ ба омӯзиши пайваста ва қироати Қуръон дил набастааст ва дақиқтараш, бинобар лукнати забон ва хуш надоштанаш ба такрор аз ин кор канора гирифтааст. Кор ба ҷое мерасад, ки Аҳмади хурдсол қариб бистарӣ шавад, чун руҳу равонаш тоқати сабақи якмаром ва батакрорро надошт [14, с. 334-335]. Аммо ин он маънoро надошт, ки Аҳмади Дониш омӯзиши Қуръон ва илмҳои исломиро якумр канора гузошт, баръакс, дар оянда ӯ ҳамчун як нафар чеҳраи мусулмон ва шахсияти илм масъалаҳои илму маърифатро дар доираи ояҳои қуръонӣ, ҳадисҳои набавӣ ва гуфтаҳои бузургони ислом дар тарозуи мантиқ мегузорад. Инчунин, Аҳмади Дониш аксари андеша ва хулосаҳояшро бо ояҳои Қуръон ва гуфтаҳои Пайғамбари ислом тақвият мебахшид: «Мааҳозо, он чи ки мо дар ҳар ҷо сабт кардаем, пас аз муддате назир ва амсоли онро аз Каломуллоҳи маҷид ва ҳадиси расули ваҳид, салла-л-Лоҳу алайҳи васаллам, ё аз суханони акобири машоих муқаррар ёфтаем, ки мутобиқ ва мувофиқ афтода ва дар офоқу анфус мурофиқ ва муониқ» [14, с. 330].

«Акобири машоих»-е, ки Аҳмади Дониш гуфтааст, аксаран дар «Наводир-ул-вақоеъ» ёд гардидаанд ва ё аз гуфтаҳояшон иқтибос шудааст. Инҳо Ғаззолӣ, Наҷмиддини Кубро, Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор, Яҳёи Бохарзӣ, Алӣ ибни Шаҳобиддини Ҳамадонӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедил ва дигар бузургони фарҳанги исломӣ ва фарҳанги миллӣ мебошанд. Ҳақ ба ҷониби муҳаққиқи сиёсатшинос Шариф Ҷабборов аст, ки Аҳмади Донишро  бо таълимоти дини ислом мусаллаҳшуда тавассути аз бар намудани Қуръон медонад. Муҳаққиқ тафаккури фалсафӣ ва андешаҳои сиёсии Аҳмади Донишро таҳлил намуда, ҳадисҳои пайғомбари

ислом, анъанаҳои давлатдории хулафои рошиддин, анъанаҳои беҳтарини давлатдории ниёгон ва андешаҳои бузургтарин мутафаккирони форсу тоҷик, халқҳои араб ва Юнонро заминаҳои асосии пайдоиши онҳо меҳисобад. Қайд мегардад, ки асари барҷастаи ӯ «Рисола дар назми тамаддун ва таовун»-ро зери таъсири «Китоб-ал-мадинатул-фазоил», «Ассиёсат-ул-мудуния»-и Абунасри Форобӣ, «Насиҳат-ул-мулук»-и Муҳаммади Ғаззолӣ, «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Захират-ул-мулук»-и Мир Саййид Алии Ҳамадонӣ, асарҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон эҷод шудааст. Аз ин бештар, ташреҳ дода шудааст, ки Аҳмади Дониш аз китобҳои «Зинат-ут-таворих»-и Байҳақӣ, «Салҷуқнома»-и Заҳириддини Нишопурӣ, «Таърих-ул-русул ва-л-мулук»-и Абуҷаъфар Муҳаммади Табарӣ, «Низом-ут-таворих»-и Абдуллоҳи Байҷавӣ, «Аҳком-ус-султония»-и Мовардӣ, «Ғиёс-ул-имом»-и Ҷувайнӣ ва ғайра ба таври комил баҳравар будааст.

Ва билохира, Ш. Ҷабборов такяи бештари Аҳмади Донишро дар ифшои андешаҳои сиёсӣ, фалсафӣ ва иҷтимоияш бар Абунасри Форобӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ, Мир Саййид Алии Ҳамадонӣ гуфтааст ва барои исботи фикраш менависад, ки Дониш аз рисолаҳои ин мутафаккирон иборaю ривоятҳои пурраро иқтибос меорад [156, с. 19-20].

Ба ин иқтибос ҷойи иловаи ҳарфе набошад ҳам, метавон гуфт, ки на танҳо андешаҳои таърихию сиёсии Аҳмади Дониш аз сарчашмаҳои зикршуда маншаъ гирифтааст, балки андешаҳои адабӣ, бадеӣ ва зебоипарастии ӯ низ дар доираи ҳамин сарчашмаҳо бо иловаи ашъори ҷовидонаи Саъдӣ, Ҳофиз, Бедил ва амсоли ин симоҳои адаби миллӣ пайдо гардида, ташаккул ёфтаанд.

Ҳарчанд дар миёни он асарҳое, ки Аҳмади Дониш аз онҳо ба таври мустақим ва ғайримустақим ёду иқтибос намудааст, ҳеч асари назарӣ ва амалии илмҳои бадеъ, вазн ва қофия дида нашавад ҳам, афкор ва ашъори ӯ гувоҳи он аст, ки мутафаккир аз ин илмҳо низ огоҳии комил доштааст.

Ҳамин тариқ, дар эҷоди кулли осораш ва махсусан дар навиштани «Наводир-ул-вақоеъ», Аҳмади Дониш ба аҳкоми исломӣ такя намуда, онро дар замон ва макон ҳамаҷониба тадқиқ намудааст [110, с. 16].

Дар баробари таъсири Қуръон ва аҳкоми исломӣ ба андешаву афкори Аҳмади Дониш, маҳфилҳои қиссахонӣ ва таъриххонӣ низ ба тафаккуру муносибати ӯ бо ҷомеа таъсири калон доштанд.

«Ҳамин ки аз мактаб берун мешудам, дар маъракаи тавориххонон ҳозир мешудам ва бар он рағбате ва шавқе дар табиат доштам, ки аҳволи гузаштагонро аз анбиё ва улуламр муфассалан дар ин маҷлис мешунидам ва ҳоли маорик ва ҷидоли салотин дар мамлакатдорӣ бидонистам [ва боз аз сари мулк ба осонӣ бархостан ва ба катми адам рафтанро донистa, ба инқилоби аҳволи ҷаҳониён вуқуфи куллӣ ҳосил кардам]. Аз ин ваҷҳ борҳо силию қафо аз падар ва муаллими [худ] хӯрда, мунзаҷир намешудам, ки агар маро дар хона гум кунанд, аз маъракаи қиссахонон меёфтанд» [14, с. 334].

Дар суханони фавқ Аҳмади Дониш ду бор аз маъракаи таъриххонон (қиссахонон) ёд кардааст, ки аз чашми падару муаллим гурехта, ба онҳо мепайваст. Ӯро шавқу рағбати хеле зиёд ба ин маърака меовард ва арзиши чунин маъракаҳоро дар таҳаввул ва рушди андешаҳояш худ ба қалам овардааст.

Мусаллам аст, ки дар ин маъракаҳо китобҳое чун «Шоҳнома», «Қасас-ул-анбиё», «Таърихи мулук» ва дигар осори дар боло зикршуда қироат мегардиданд, ки барои рушди афкори ояндаи ноқил заминаи кофиро ба вуҷуд оварда буданд. Худи мутафаккир, ба тариқи киноя бошад ҳам, аз ду асари дар миёни мардум (қиссахонон) машҳур ёд намудааст, ки яке «Сайқалинома» ва дигаре «Бумуслимнома» мебошанд [14, с. 17]. Бояд гуфт, ки суннати қиссахонию таъриххониро Аҳмади Дониш барои муоширати мулук ва базми салотин низ аз муҳимтарин мешуморад ва дар ин бора дар «Рисола» шарҳи нисбатан комиле мавҷуд аст. Аҳмади Дониш қайд мекунад, ки пас аз шарҳи маҷлиси базм навбати суҳбат ба уламо ва машоих ва пирони ҷаҳондидаи таърихдон мерасад. Ин мардум роҷеъ ба

ҳамаи шунидаҳову дидаҳо (самоъу нағамот, дидани гулрухону маҳрӯён, дастболо гардидани қуввати шаҳвонӣ бар қувваи ақлонӣ ва мисли инҳо) нақл мекунанд ва баъд аз ин бошад, навбат ба мавъизаву насиҳат ва сулуки хулафои рошидин ва тафсиру ҳадис ва хондани қисасу таворих меравад, то нафси саркаш аз туғён фуруд ояд ва дил нарм гардад ва ба адлу эҳсон ғарояд ва аҳволи гузаштагон ва бесуботии ҷаҳон бидонад ва ба сазои бадкорон ва ҷазои накӯкирдорон мутталеъ гардад, то соати даҳум тамом шавад [22, с. 119].

Дар ҳар сурат, ин осор на танҳо диди таърихию сиёсии Аҳмади Донишро, балки тарзи эҷод, бадеият, усули нақл ва роҳҳои образофариниро низ дар майнаи мутафаккир ҷо намуд, ки баъдтар боис гардид, то осори гуногуншаклу гуногунмазмунаш бо тамоми махсусиятҳои фарҳанги миллӣ ва диди таърихии бадеӣ рӯйи кор ояд. Дар ин ҷо аз таъсир ва бардошти Аҳмади Дониш аз «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ ёд овардан зарур аст, ки ба таври комил ва асоснок дар таҳлили Субҳон Амир бо номи «Фирдавсӣ ва мактаби адабии Аҳмади Дониш» инъикос ёфтааст [42].

### 2.1.3. Нақши ашъори гузаштагон ва муҳити адабии замони Аҳмади Дониш дар таҳаввули афкори адабӣ ва назарии ӯ

Аҳмади Дониш шахсияти дар руҳияи фарҳангу адаби миллӣ тарбиятёфта буд ва яке аз воситаҳои тарбияти ӯ шеъру адаби классикии форсу тоҷик ҳисоб мешуд. Хато нахоҳад буд, агар гӯем, ки дар баробари падари бодонишаш, модари босаводи ӯ бо намунаҳои фолклорӣ ва ашъори китобии бузургтарин шоирони адабиёти мо шиносоии комил дошт ва онҳоро аз синни тифлӣ ба Аҳмад ёд дода буд. Мо аз он ёд кардем, ки Аҳмади хурдсол калимаҳоро бо ҳам мечаспонду қофиядор месохт, пас, ӯ наво, ритм ва зарбу мувозинати ҳарфу калимаву ҳиҷоҳоро ҳис мекард, зеро рубоӣ, дубайтӣ ва ғазалро пайваста аз модараш мешунид. Ин буд, ки шавқи ӯ ба мутолиаи ашъори шоироне чун Фирдавсӣ, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз, Соиб ва Бедил пайваста меафзуд ва дар иншои осораш, аз ҷумла

«Наводир-ул-вақоеъ», ӯ бидуни истифода аз суханони ин бузургон ҳикояту нақлеро оғозу анҷом намебахшад. Ҷолиб он аст, ки дар камтар мавридҳо ном ё тахаллуси касе аз ин бузургонро ба қалам оварад, дар аксар мавридҳо танҳо ашъорашонро истифода мекунад, бо бовари он, ки ҳар як хонанда медонад порча аз кист, зеро хонандаи осори Аҳмади Дониш хонандаи закӣ ва бохабар аз таъриху фарҳанги хеш бояд бошад. Масалан, бо истифода аз ин қитъа аз «Гулистон»-и Саъдӣ аз муаллиф ёд нашуда ва он барои таҳкими муҳтавои нақл истифода шудааст:

Шунидам, гӯспандеро бузурге
Раҳонид аз даҳону дасти гурге.
Шабонгаҳ корд бар ҳалқаш бимолид,
Равони гӯспанд аз вай бинолид,
Ки аз чанголи гургам даррабудӣ,
Чу дидам, оқибат гургам ту будӣ. [14, с. 145].

Мушаххас намудани муаллифони бархе аз байтҳову мисраъҳо умуман заҳмати алоҳидаро талаб мекунад ва ёфтани муаллифони воқеии ин абёт ва инчунин, ҷудо намудани байту бандҳои худи Аҳмади Дониш аз вазифаҳои адабиётшиносон дар оянда хоҳад буд. Истифодаи фаровон аз шаклҳои гуногуни шеърӣ ҳангоми ҷамъбаст ё хулосаи нақлу ҳикоятҳо гувоҳи ба таври комил бархурдор будани Аҳмади Дониш аз шеъру адаби гузашта мебошад.

Дар миёни он бузургони фарҳангу адаби тоҷик, ки Аҳмади Дониш аз осори манзуми онҳо истифода намудааст, Абдулқодири Бедил мавқеъ ва манзилати хоссаро соҳиб мебошад. Таваҷҷуҳи Дониш ба Бедил заминаҳо ва сабабҳои худро дорад ва дар ин бора муҳаққиқони тоҷик андешаҳои қобили қабул баён намудаанд. Устод Садриддин Айнӣ дар рисолаи «Мирзо Абдулқодири Бедил. Замони зиндагӣ, тарҷумаи ҳол ва баёни мухтасари эҷодиёти Бедил» таъсири андешаҳо ва сабки Бедил ба адибони охири асри XIX сухан меронад ва дар мавриди Аҳмади Дониш қайд мекунад, ки ӯ Бедилро зиёд дӯст медошт ва баъзе иборахо ва андешаҳои

душворфаҳми ӯро шарҳ медод. Садриддин Айнӣ дар идомаи ин баҳо ба муносибати Дониш ба Бедил андешаеро изҳор доштаст, ки ба ҳунари адабиётшиносии худи ӯ далолат мекунад. Ӯ мегӯяд, ки бо вуҷуди қоили истеъдоди Бедил буданаш, Аҳмади Дониш на дар назм ва на дар наср услуби ӯро тақлид намекарду ҳамсуҳбатони худро низ аз пайравӣ ва тақлид кардан ба ӯ манъ менамуд [49, с. 109].

Бо вуҷуди он ки Аҳмади Дониш пайравону ҳамсуҳбатони худро аз тақлид ба услуби Бедил манъ кардааст, худ шефтаи гуфтаҳои Абулмаонӣ будааст. Муҳаққиқ Расул Ҳодизода, ки ба пажӯҳиши рӯзгору осори Аҳмади Дониш машғул буд, дар ин хусус иҳзори назар карда, менависад, ки Аҳмади Дониш аз ҳар як асари Бедил иқтибосҳои фаровонеро барои исботи фикраш ҳамчун гувоҳу шоҳидҳо меоварад ва дар бисёр саҳифаю варақҳои парешон байту мисраъҳои шоирро шарҳу тавҷеҳ медиҳад. Ин иқтибосу қайдҳо дар тамоми асарҳои мутафаккир, дар фаслу бобҳои нотамоми дафтарҳои мусаввада ва ёддошту хотираҳояш ба чашм мерасанд. Аз ин ҷо муҳаққиқ хулоса мекунад, ки Аҳмади Дониш аз ҳамаи гузаштагони худ ба Бедил ихлос ва эҳтироми хоссае доштааст ва то охири умраш Бедилро мехондааст, ҷойҳои муҳимтарини асарҳои ӯро барои худ навишта мегирифтааст ва дар бисёр мавридҳо ба ӯ ҳамраъю ҳамфикр будааст [148, с. 230]. Дар воқеъ, муҳаққиқ зимни таҳлили масъалаи истифодаи Аҳмади Дониш аз Бедил дар «Наводир-ул-вақоеъ», роҷеъ ба ин таъсирпазирӣ дар осори дигари мутафаккир низ иҳзори назар намудааст [148, с. 230-238].

И.С. Брагинский, муҳаққиқи чирадасти адабиёти тоҷикӣ, «таъсири бештари унсурҳои эҷодии Бедил ба тамоми Осиёи Миёна дар қарнҳои XVII-XIX то аввали асри XX»-ро махсус таъкид намудааст [61, с .205].

Хулоса, таъсири андешаҳои фалсафӣ ва иҷтимоии Бедили Деҳлавӣ ба тафаккур ва осори Аҳмади Дониш чунон аст, ки муҳаққиқи адабиёт ва шоир Рустами Ваҳҳоб Аҳмади Дониш ва Садриддин Айниро аз пайравони Мирзо Бедил қаламдод намудааст: «Дур аз ҳақиқат нест, агар бигӯем, ки ду нафар аз бузургтарин ва ҷомиътарини мардони фарҳанги ҷадиди тоҷик

Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ беш аз тамоми бузургони пешин аз Мирзо Бедил таъсирпазир будаанд ва монандии услуби (на услуби зоҳирӣ) онҳо ба Мирзо Бедил мушоҳида мешавад» [64, с. 28].

Хулосаи муҳаққиқон ва чанд нуқтаи дигари таъсирпазирии ашъори Дониш аз Мирзо Бедил дар мақолаи муҳаққиқ Хосият Олимӣ «Бедил ва Аҳмади Дониш» оварда шудааст [119, с. 300-304] ва мо аз идомаи таҳлили ин масъала худдорӣ меварзем, то аз мақсади аслӣ дар канор намонем.

Ёди мо аз Бедил ва таъсири афкору осори ӯ ба Аҳмади Дониш ба ду сабаб вобастагӣ дорад: 1) Шеър барои Аҳмади Дониш воситаи таҳкими андешаҳо ва бурҳони исботи хулосаҳои хеш ба шумор мерафт. 2) Дар симои Бедил ва намунаи ашъори ӯ Дониш қувваи кашфу мушоҳидаро медид.

Бесабаб нест, ки Дониш Мирзо Бедилро сазовори маснади нубувват дониста будааст [13, с. 36-37]. Хулосаи мо дар ин маврид ин аст, ки андешаҳои адабии Аҳмади Дониш, ки дар қисм-қисми асарҳояш ҷой дода шудаанд, аз таъсири ашъору афкори Бедил орӣ набудаанд.

Дар радифи таъсири осори гузаштагон ва махсусан андешаву афкори Мирзо Бедил ба Аҳмади Дониш муҳити адабии худи мутафаккир ҳам дар ин раванд ба тафаккури бадеии ӯ бетаъсир набуд.

Муҳите, ки Аҳмади Дониш дар он ҳаёту фаъолият дошт, бо тазодҳои зиёдаш мақбули ақлу дониши ин шахсият набуд, зеро на муҳити сиёсӣ, на вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва на вазъи фарҳангӣ талаботи ӯро қонеъ гардонда наметавонист. Аз ин хотир, мутафаккир ба тарғибу ташвиқи амирон аз як ҷониб ва аҳли зиё аз ҷониби дигар, ба дигар сохтани ҷомеа тавассути таҳкими аркони маориф пардохт. Маълум аст, ки ин амал ва ҳадафаш ба амирону аҳли дарбор хуш наёмад ва онҳо ба ҳар роҳ дар пайи дур сохтани Аҳмади Дониш на танҳо аз дарбор, балки аз кулли умуроти зиндагӣ иқдом намуданд. Ин буд, ки иҳотаи Аҳмади Донишро ду қувва фароҳам оварданд: яке дарбориён ва дигаре пайравони мутафаккир.

Қувваи аввал ба ҳар роҳ мехост Донишро аз тамоми воситаҳои зиндагӣ дасткӯтоҳ намояд, вале қувваи дигар, ки аз аҳли қалам иборат буд,

бар ҳимоят ва дилдории мутафаккир бархост. Дар ин бора устод Айнӣ, ки дар ибтидо худ низ бо шахсияту андешаҳои Аҳмади Дониш шиносоии камтар дошт, таҳайюри худро изҳор намуда, зикр мекунад, ки, воқеан, дар як шаҳр, дар як вақту замон, дар як қишри ҷомеъа, ки ҳамаи онҳо, н납ва новобаста аз дараҷаи дониш ва савияи идрокашон, мансуби табақаи уламо дониста мешуданд, чӣ тавр мумкин буд, ки дар ҳаққи як нафар ба ин дараҷа тавсифҳои мутаноқиз (зидди якдигар) мавҷуд бошанд [2, с. 464].

Ҷойи тазаккур аст, ки ҳар ду қувва ҳам барои Аҳмади Дониш ба таври худ имкон фароҳам оварданд, то ӯ афкору андешаҳои пешқадамашро таҳким бахшад, такмил диҳад ва пешниҳод намояд. Душманаии амир ва дарбориён пӯсидагии сохти аморатро дар назари Дониш ошкортар месохт ва имкон медод ӯ андешаҳояшро возеҳтар, пуртаъсиртар, ҳадафрасу бодалел баён намояд. Дастгирии аҳли маърифату дониш ба ӯ дар ин иқдомаш матонату иродаи бештар мебахшид, чунончи муҳаққиқ Расул Ҳодизода дар ин бора менависад: «Аҳмади Дониш дар мавриде менависад, ки ба хонаи ӯ Шоҳин, Музтариб ва Тамкин ҳам гоҳо (*ба нудрат, гоҳ-гоҳе*) омаду рафт доштаанд. Инак, ҳаминҳо буданд, ки дар атрофи Дониш ҷамъ омада, ӯро аз ҳамлаи иртиҷоъпарастон ҳимоя менамуданд ва фикрҳои пешқадами ӯро ба андозаи фаҳму идроки худ тақвият ва тарғиб менамуданд» [148, с. 55].

Чунин муҳит ба Аҳмади Дониш имкон дод, ки ӯ қабоҳати ашъору афкори шоирони дарбор ва хайрхоҳии шоирони асилро ошкор созад. Маҳз ҳамин муҳит ба ҳайси омили дигари изҳори андешаҳои бадеии Аҳмади Дониш амал кард ва дар ин хусус дар боби сеюми рисола таҳлил анҷом хоҳад шуд.

### 2.1.4. Омӯзиш ва шиносоӣ бо фарҳангу тамаддуни халқҳои дигар

Кулли муҳаққиқони осору афкори Аҳмади Дониш шиносоии ӯро бо ҳаёту тамаддуни мардуми Русия ба таври мустақим ва бо фарҳангу зиндагонии мардумони Аврупо тавассути Русия ва ҳикояту нақлҳои

дӯстону ҳамсафарон аз муҳимтарин ва асоситарин омили пайдоишу ташаккули афкори маорифпарваронааш медонанд. Масалан, муаррих ва аллома Бобоҷон Ғафуров дар сабақ гирифтани бисёре аз мутафаккирон ва шоирони Осиёи Миёна аз намояндагони зиёиёни пешқадами Русия сухан карда, таъсири маданияти пешқадами Россияро ба ташаккули ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш (1826-1897) калон меҳисобад [65, с. 279].

Дар бисёре аз ҳикояҳову нақлҳои дӯстон, ҳамнишинон ва ҳамсафарони Аҳмади Дониш сухан аз муъҷизаҳо ва пешравиҳои билоди Руму Фаронсаву Ингилистон меравад ва дар тасвири ин нақлҳо таваҷҷуҳ ва иҳзори ҳамраъйии нависанда равшан ба назар мерасад ва маҳз чунин лаҳзаҳо майнаи зудқабулкунандаи Аҳмади Донишро сайқал медоданд. Барои мисол, порчаеро аз «Дар ҳикояти фаромӯшхона ва баёни қурби соат» бознақл мекунем, ки гуфтаҳои моро тақвият мебахшанд: «Мизбон боз туғён карда, хост, ки аз ин миён худро ба канора гирад ва аз кашмакаши ёрон халосӣ ёбад. Ҳар кадом ба доманаш овехтанд ва иброму илҳоҳ оварданд, ки он чи гӯӣ, тасдиқ кунем ва муораза [ва мубохала] нанамоем. Ночор шуда, баъзе аз умури аҷиба ва саноеъи ғариба, ки дар Фарангистону Руму Рус дар ин наздикӣ шуюъ ёфта [буд], тақрир дод: аз роҳи оҳанӣ ва киштию аробаи оташӣ ва тилгироф [барои гирифтани хабарҳо] ва тӯпу туфанги ҷадид ва низоми оташхона ва намудани уъҷубаҳо дар чароғони шаб ва базмхона ва рафтани сад фарсах роҳ ба бист соат ва бисёрии асокиру номаҳсурии тӯпу ғанбура, ки шарҳи ҷузвиёти ин саноеъро дафтарҳо бояд» [14, с. 111].

Аз ин нақл чунин бардошт ба даст меояд, ки аксари ин «умури аҷиба ва саноеъи ғариба» маҳсули дидаҳову мушоҳидаҳои худи Аҳмади Дониш аст, ки аз номи ноқил онро ба хонанда мерасонад. Воқеан, ҳикоятҳо ва нақлҳое низ ҳастанд, ки ба кишварҳои Ҳинд ва Араб мутааллиқанд ва ҳамаи ин собит месозад, ки Аҳмади Дониш таваҷҷуҳи зиёде ба ҳаёту фарҳанги мардумони кишварҳои дигар доштааст, то қабоҳати давлату давлатдории худро беҳтар ҳис кунад. Чун шиносоии Аҳмади Дониш бо тамаддуни мардумони дигар минтақаҳои олам назари интиқодии ӯро ба

ҳаёт ба таври умумӣ ва ба сохти давлатдории Аморати Бухоро ба таври махсус ташаккул дод, дар ин миён андешаҳои адабии ӯ низ сайқал ёфтанд. Ёди танҳо он, ки шоҳи Русия барои эҷоди мувашшаҳ дар ҳаққи духтараш ба Дониш чӣ қадар илҳом бахшид, ин фикрро тақвият медиҳад ва ин ягона ҳодиса набуд.

## 2.2. Назари маорифпарваронаи Аҳмади Дониш ва таъсири он ба андешаҳои адабии ӯ

Файласуфони тоҷик – Мусо Диноршоев ва Ғаффор Ашуров, Аҳмади Донишро, дар баробари нависанда, шоир, хаттот, мусаввир ва ситорашинос буданаш, ҳамчун нафаре аз симоҳои арҷманди фалсафа ва ҷомеашиносии тоҷик дар даврони охири феодалӣ ном мебаранд. Онҳо баррасии масъалаҳои машҳури фалсафиро дар осори мутафаккир ба қайд гирифта, ба ин натиҷа мерасанд, ки Аҳмади Дониш дар ҳалли ин муаммоҳо чизи наверо ба андешаҳои пешгузаштагони худ илова накардааст. Аммо дар самти ҷомеашиносӣ ӯ тавонист аз мутақаддимони худ нисбатан пеш рафта, дар таърихи фалсафаи тоҷик самти нав – фалсафаи иҷтимоии маорифпарвариро асос гузорад [66, с. 112-131].

Агар мо инро самти фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ, таърих, фарҳанг, адаб, сиёсатшиносӣ ё кадом самти дигари илм нагӯем, дар маркази он мафҳуми маорифпарварӣ ҷой гирифтааст. Бинобар он ки маорифпарварӣ тарғиби илму маориф ва ба воситаи тарбияти маънавии аъзои ҷомеа дигаргун сохтани худи ҷомеа ба сӯйи ҳаёти беҳтару равшантар аст, ба таври кулл Аҳмади Дониш ба маорифпарварӣ шуҳрат ёфт ва мактаберо бо ҳамин ном асос гузошт. Адабиётшинос Шарифҷон Ҳусейнзода дар мавриди таъсири андешаҳои Аҳмади Дониш ба адабиёти даврааш изҳори назар намуда, ӯро «нависандаи пешқадам ва маърифатпарвари он замон дар роҳи тараққиёти маданияти халқи тоҷик» тавсиф менамояд ва дар идомаи фикраш менависад, ки, бинобар ҷаҳонбинии ӯ, вазифаи иҷтимоӣ ва тарбиявии адабиёт дар навбати аввал меистад [159, с. 17].

Модоме ки вазифаи иҷтимоӣ ва тарбиявии адабиёт дар маркази андешаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш меистод, назари ӯ ба адабиёти бадеӣ, нақш ва вазифаҳои он маҳз дар чаҳорчӯби ҳамин мафҳум шакл гирифтааст. Аз ин лиҳоз, нигоҳ ба андешаҳои маорифпарваронаи мутафаккир зарурат дорад, то раванди шаклгирии андешаҳои адабии ӯ муайян карда шавад.

Дар қисмати пешини ҳамин боби рисола мо аз чанд омили ташаккулёбии шахсият ва андешаҳои адабии Аҳмади Дониш ёдовар шудем ва ҷойи тазаккур аст, ки маҳз ҳамин омилҳо, яъне тарбияи оилавӣ, истеъдоди фитрӣ, шиносоии комил бо фарҳангу адаби гузаштаи миллӣ, муҳити адабии замони мутафаккир, бархурдор будан аз илмҳо ва адабиёти динӣ, шиносоии ӯ бо фарҳангу тамаддуни кишварҳои Русия ва Аврупо ва таъсири бевоситаи афкору осори Бедил аз омилҳои асосии пайдоиш ва ташаккули ҷанбаҳои маорифпарваронаи осор ва андешаҳои Аҳмади Дониш қарор гирифтанд.

Муҳаққиқи соҳаи сиёсатшиносӣ Шариф Ҷабборов дар ташаккулёбии ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш ва инкишофи андешаҳои сиёсии ӯ панҷ омили асосиро муайян намудааст, ки аз инҳо иборатанд: 1) оила ва муҳити зиндагии ӯ; 2) тамаддун, аз ҷумла фалсафаи иҷтимоии ислом; 3) муҳити дарбор; 4) сафарҳо ба Россия; 5) мақоми арзандаи Аҳмади Дониш дар миёни донишмандон, шоирон ва ҳунармандони давр [156, с. 17-27].

Аз миёни ин омилҳо мо аз муҳити дарбор, ки, воқеан, чашми Аҳмади Донишро ба аксари масъалаҳои сиёсиву иҷтимоии давр кушод, ёд накардем. Шиносоии Аҳмади Дониш бо дарбору дарбориён натанҳо заъфи давлатдории аморатро дар назари ӯ ҷилвагар сохт, балки муҳити бесавод ва дур аз фарҳангро низ барояш муаррифӣ намуд. Ӯ дастбӯсии уламо ва мадҳи муболиғаомези шоирон дар ҳаққи амир ва гумоштагонашро дида, ба ҳолашон ҳам механдид ва ҳам раҳмаш меомад. Масалан, дар яке аз бобҳои «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» амали бархе аз намояндагони пешаҳои гуногунро, ки ғаразашон талабидани подоше аз расондани хидматашон буд, ин тавр гуфтааст: «Табиб гӯяд: муолаҷаи бадан кунаму

ҳаққулқадам гирам. Шоир гӯяд: мадҳ гӯяму мутаваҷҷеҳи силаам. Муқаллид гӯяд: тақлид кунам – ҳаққ-ун-назар чашм дорам. Ба ин қиёс: наққол – ҳаққуллисон ва баққол - ҳаққулмизон» [21, с. 43]. Аҳмади Дониш чунин вазъро мушоҳида карда, ҷонибдори доштани «ашхоси мунсиф ва аҳли қалам дар ҳар фавҷ»-и аморат мебошад [21, с. 42].

Яке аз насиҳатҳое, ки Аҳмади Дониш ба амирони давр мекунад, зарурати доштани раиси бадоеъ аз табақоти аҳли қалам аст, зеро ба қавли мутафаккир дар табақоти аҳли қалам раисе бояд вазъ кунад, ки мустақил ва соҳибамр бошад. Ӯ бояд танҳо барои холӣ намудани касе аз масъулият (вазифа) иҷозати подшоҳро гирад, дар дигар умур соҳибамр аст ва бояд ба ҳамаи илмҳо, аз ҷумла илмҳои шариат ва бадеъ олим бошад. Дар идомаи суханаш Аҳмади Дониш шарҳи бештарро дар ин маврид оварда, таъкид мекунад, агар инчунин шахс пайдо набошад, мешавад то ду раис бар ин кор водор гарданд, ки яке барои шароеъ, дигар барои бадоеъ бошанд. Ва ҳамчунон, ки хоси тафаккури Дониш аст, шароеъ ва бадоеъро низ шарҳ медиҳад, чунончи: шароеъро амри қазо ва тадрису истифто ва маҳзароту сукук ва тақсиму таракаи мерос ташреҳ медиҳад ва бадоеъро бошад нуҷуму тиббу шеър ва таснифу таълиф ва муҳосаботу ҳандаса ва хututу нуқуш мегӯяд [21, с. 44].

Бар асоси ақидаҳои худи мутафаккир ва хулосаҳои таҳлилу таҳқиқи муҳаққиқони соҳаҳои гуногун роҷеъ ба андешаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш, мо кӯшиш мекунем муҳимтарин ҷанбаҳои ин андешаҳои ӯро ба таври алоҳида ҷудо намуда, таъсири онҳоро ба пайдоиш ва ташаккули афкори адабиаш муайян созем. Чунин тарзи таҳлил ба мо имкон медиҳад, то масъалаи пайдоиш ва ташаккули андешаҳои адабии Аҳмади Дониш ва аҳаммияти онҳоро барои илми адабиётшиносии тоҷикӣ, хосса қисмати назарияи адабиёти он, дар боби сеюми рисолаи илмӣ батафсил ҳаллу фасл намоем.

Андешаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш аз пешниҳоди худшиносӣ ва худошиносии одамӣ оғоз мегардад ва дар ин шиносоӣ афъоли «андешидан» ва «ҷаҳду кӯшиш» мақоми аслӣ доранд, чунончи:

«Пас, воҷиб аст, ки одамӣ дар иллати вуҷуди худ биандешад. Сабаби вуҷуди ӯ маърифати Холиқу худу изҳор бувад, чи мартаби изҳор бе маърифати Холиқ ва худ сурат набандад. Ва ҷаҳду кӯшиш кунад, то масдари зуҳури олами нур гардад ва ба дараҷаи авлиё ва асфиё бирасад» [21, с.12].

Мавриди таваҷҷуҳ ба давоми андешаҳои зикргардидаи мутафаккир аст, ки маърифату илмро хайри одамӣ қаламдод кардааст ва мегӯяд, ки баъд аз вуҷуд хайри одамӣ дар маърифату илм бошад ва ба ихтиёри тан ба коҳилию ҷаҳл надиҳад, зеро маърифатро мутафаккир аз хоҳиши руҳ медонад, вале коҳилиро аз хоҳиши нафс маънидод мекунад [21 с. 13].

Амири одил ва соҳибандеша аз дуюмин ҷанбаи андешаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш ба шумор меравад ва ӯ мисли гузаштагони хеш бовар дорад, ки «вилоят доштан кори бузург асту халифагии Ҳақ таоло кардан аст ва дар ҳама авомиру навоҳӣ иктидо ба сулуки илоҳӣ намудан». Чизе, ки дар ин миён шоистаи зикри махсус аст, асли вилоятдорӣ ва ҳукумат аст, ки мутафаккир муайян намудааст. Ба қавл ва шинохти Дониш, асли вилоятдорӣ ва ҳукумат кардан илму амал аст ва ҳоким (султон)-ро зарурат ба он қадар илме бошад, ки омадани худро дар ин олам бидонад ва аз қароргоҳи худ огоҳ бошад, бидонад, ки дунё манзилгоҳи вай аст, на қароргоҳи вай [21, с. 17].

Аҳмади Дониш илму маърифатро на танҳо барои амир ва аморатдор ҳатмӣ мешуморад, балки ходимони соҳибзавқ ва соҳибмаърифатро барои дарбор аз рукнҳои эътимодбахши давлатдорӣ ба шумор меорад. Дар ин бора дар фасли дуюми «Рисола дар назми тамаддун ва таовун», ки «Дар муомилаи мулук бо умарову сипоҳ ва тансиқи уммолу мутасаррифон ва услуби аскардорӣ» ном дорад, андешаҳои бикри мутафаккир изҳор шудаанд ва дар фарҷоми фасл онҳо ба ин тарз ҷамъбаст гардидаанд: «Ва султонро гузир набувад аз вуҷуди мардумони зирак аз ҳар табақа, то дар аозими мақом истишора аз ҳар қавме кунад. Балки дорулмашвара таъйин кунад ва бар он раисе адиб мансуб гардонад ва мавоҷиб муқаррар гардонад, то ҳар рӯзе дар он аз табақоти мардум гирд оянд; дар умури

мулкию молӣ ва ободии вилоят мушоварат мекунанд ва манофеъ ва мазорри ҳар маслиҳатро мешумаранд, то ба як амр иттифоқ афтад ва ба раис медиҳанд, вай ба султон мерасонад» [21, с. 62].

Ибораи «мардумони зирак аз ҳар табақа» ибораест, ки Аҳмади Дониш аксаран бо он аҳли қаламро ном мебарад ва мо шарҳи ин касбҳоро дар қисмати «Дар васоёи фарзандон ва баёни ҳақиқати касбу пешаҳо» аз китоби «Наводир-ул-вақоеъ» мушоҳида мекунем [14, с.313-425]. Аз «мардумони зирак» бояд «дорулмашвара» таъин шавад ва мусаллам аст, ки дорулмашвара баробар аст ба шурои қарорқабулкунанда ва маслиҳатдиҳанда, ки дар замони муосир бо номи «парлумон» машҳур аст.

Ибораи дигари қобили таваҷҷуҳ дар ин хулосаҳои мутафаккир «раиси адиб» аст, ки ишора аст ба шахси бомаърифат, ҳунарпеша, адабшинос ва аз илмҳои мухталиф бохабар. Пеш аз ин гуфтем, ки Аҳмади Дониш дар табақоти аҳли қалам раисеро барои вазъ лозим медонад, ки олим бувад ба ҳамаи фунун аз шароеъ ва бадоеъ ва агар чунин шахс мавҷуд набошад, зарурат ба доштани ду раис аст, ки яке дар шароеъ ва дигаре дар бадоеъ мумтоз бошанд [21, с. 44]. Ин раис масъулиятҳои зиёдеро бар дӯш дорад ва яке аз ин тааҳҳудот омода намудан, яъне имтиҳон кардани «касоне, ки лаёқати суҳбати мулук доранд аз удабою фузало, базлагӯю ширинсухан» ва мисли инҳо [21, с. 118].

Вобаста ба андешаҳои иҷтимоии Аҳмади Дониш, ҷомеа бояд аз чаҳор табақаи асосӣ иборат бошад, ки дутои онҳо аввал ва дутои дигар баъдӣ ҳастанд. Ӯ ба султон мурочиаткунон талаб мекунад, то султон бидонад, ки баъди аҳли сайфу аҳли қалам раият боз ба ду фирқа ҷудо мешавад ва инҳо аҳли ҳирфа ва аҳли деҳқанат мебошанд [21, с. 66]. Дар ин ҷо ёд овардан аз қасидаи «Таъдод-ул-фазоил», ки дар он Аҳмади Дониш султонро панд медиҳад, ки чӣ қисмате аз ҳунармандон бояд дар дарбор дар хидмат бошанд, айни вақт аст. Байтҳои ин қасида маҳз аҳли қаламро дар назар доранд, чунончи:

Шунидаам зи ҳакиме, ки подшоҳонро
Ба чанд тоифа бояд кушуд роҳи висол.

Ҳама ҳунарвару донишпажӯҳу динпарвар,
Ҳама суханвари санҷидаи малеҳмақол.
Нахуст олими доно ба илми дин зи усул,
Фуруъро бишиносад ба ҷумлаи аҳвол.
Дигар табиби масеҳодаме, ки гоҳи касал
Барад зи тинати гул сардии насими шамол.
Дигар мунаҷҷими моҳир, ки розҳои сипеҳр
Баён кунад зи сууду нуҳусу авҷу вабол.
Дигар муғаннии хушлаҳҷаи тарабангез,
Ки бистурад зи тибои қалил занги малол.
Дигар дабири ҳумоюнхате, ки гоҳи рақам
Ниҳад зи хушқаламӣ бар рухи Аторуд хол.
Дигар суханвари шоир, адиби болиғфан,
Ки васфи шоҳ кунад дар ҷамеи қолу мақол.
Дигар мусаввири беҳзоддасти моникилк,
Ки нақшаи фалаку арзро кашад тимсол.
Вуҷуди ҳар як аз ин қавм зеби мамлакат аст,
Ҳузури ҳар як аз ин фирқа мулкрост ҷамол. [11, с. 239-240].

Расул Ҳодизода роҷеъ ба мафҳум ва мазмуни ин қасидаи Дониш изҳори назар намуда менависад, ки Дониш дар ин қасидаи худ таваҷҷуҳи амирро ба қадршиносии аҳли илму ҳунар ҷалб намудааст. Чунин изҳори ақида ва ҳадафи гуфтор бар хилофи аксари шоирони дарборӣ сурат гирифтааст, зеро маддоҳон бо таърифу тавсифҳои доманадорашон амир ва салтанати ӯро ба осмон мебардоштанд. Аҳмади Дониш бошад, аввал таваҷҷуҳи султонро ба қадршиносӣ ҷалб намуда, танҳо баъд аз ин аз касбу ҳунарҳои худ ёд мекунад ва аз аҳволи вазнини худ шикоят мекунад ва ин шикояти ӯ дарди дили ҳамаи дигар ҳақасбонаш буд [149, с. 15].

Ҷанбаи дигари маорифпарварии Аҳмади Донишро пешниҳоди дигар сохтани системаи таълиму маориф ташкил медиҳад. Таҷрибаи шахсии таҳсил дар мадраса ба мутафаккир имкон додааст, то онро бо усули таълим

дар кишвари Рус дар муқоиса гузорад ва ба тарғиби ҷорӣ намудани фанҳои барои ҳаёт зарурӣ пардозад. Инчунин, мутафаккир омӯзиши забонҳоро яке аз воситаҳои маърифатнок сохтани ҷомеа медонад, вале ин омӯзиш бояд мақсаднок ва системанок бошад, на ба он тавре ки дар мадрасаҳои Бухоро ба роҳ монда шудааст. Андешаҳои мазбури донишмандро аз нақли «Дар ҳикояти Ҳоҷӣ ва манофеи сафар ва хислати занон» ба равшанӣ хондан ва дарк кардан мумкин аст [14, с. 130-133] ва таваҷҷуҳ ба таҳлилу муқоисаи омӯзиши забони арабӣ дар мадрасаҳои Бухоро ва дар мактабҳои Русия аз ҷониби Аҳмади Дониш ин вазъро ба таври ошкоро баён месозад.

Ниҳоят, андешаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш бо танҳо маърифатнок ва саводнок кардани дарбору дарбориён ва таҷдиди фанҳои тадрисии мадрасаҳои Бухоро анҷом намепазиранд, балки ӯ пешниҳоди босавод намудани кулли мардуми қаториро мекунад, ки баландтарин нуқтаи ташаббуси маорифпарваронааш ба шумор меравад. Ба қавли муҳаққиқ Р. Ҳодизода таъкиди Аҳмади Дониш бар он будаст, ки некӯаҳволии халқро ба воситаи равнақи илму маърифат таъмин намудан имкон дорад [149, с. 29].

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки андешаҳои адабии Аҳмади Дониш қисмате аз андешаҳои маорифпарваронаи ӯро фароҳам меоваранд, зеро асли онҳо маърифати тарбиявии адабиёти бадеӣ мебошад. Нақди Аҳмади Дониш аз шеъру шоирӣ, адибу осори замонаш воқеӣ буда, ҳадафи он нишон додани манзилати сухани ҳақ ва тасвири шоирона мебошад.

**Хулосаи боби дуюм** ин аст, ки ҳар як падидаи адабӣ сабаб ва заминаҳои пайдоиш ва ташаккули худро дорад ва андешаҳои адабии Аҳмади Дониш аз ин қонунмандӣ истисно нестанд. Новобаста ба он, ки Аҳмади Дониш илми бадеъ ва қофияро, ба эҳтимоли кулл алайҳи шоирони чоплус ва мадеҳи ағниё, инкор карда бошад ҳам, ӯ аз тамоми нозукиҳои ин илмҳо бохабар буд ва андешаҳои адабии худро дар заминаи афкори мутақаддимон аз як ҷониб ва мушоҳидаҳои фардии хеш аз ҷониби дигар иброз намуд. Дар боби дуюми диссертатсия тамоми паҳлӯҳои ин мавзуъ таҳлил гардида, муайян шуд, ки:

– Аҳмади Дониш ҳамчун мутафаккири замони худ аз тамоми нозукиҳои илми каломи бадеъ ва назари гузаштагони хеш роҷеъ ба шеъру шоирӣ ва сухану суханварӣ бохабар будааст.
– Муҳити хонаводагӣ, истеъдоди фитрӣ ва азалӣ, Қуръон ва соири осори исломӣ, маҳфилҳои қиссахонӣ ва таърихxонӣ, таваҷҷуҳи жарф ба мафҳуми ашъори гузаштагон, муҳити адабӣ ва муҳтавои ашъори шоирони давр, омӯзиш ва шиносоӣ бо фарҳангу тамаддуни халқҳои дигар аз қабили он заминаҳои муҳимми таърихӣ ва иҷтимоие буданд, ки андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Донишро ба вуҷуд оварда, ташаккул додаанд. Илова бар ин, назари ислоҳотхоҳона ва андешаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш дар пайдоиш ва ташаккули ҳунари ноқидӣ ва андешаҳои адабии ӯ таъсири босароҳат доштанд.

# БОБИ III
# ТАҲЛИЛИ АҚИДАҲОИ АДАБӢ ВА НАЗАРИИ АҲМАДИ ДОНИШ

## 3.1. Муносибати Аҳмади Дониш ба шеъру шоирӣ

Қавли Аҳмади Дониш дар масъалаи шеъру шоирӣ ду гуна аст. Ӯ, аз як ҷониб, пешаи шоириро «хислати ҳамида ва санъати писандида» шинохта бошад, аз ҷониби дигар, ба ин пеша, дақиқтараш ба шоирону шеъри давраааш, бо таъну надомат бархӯрд мекунад. Ин андешаҳои Аҳмади Дониш бо назари бисёре аз шоирони пешин, аз ҷумла Абдурраҳмони Ҷомӣ мувофиқат пайдо мекунад. Дар ин қисмати рисола кӯшиш карда мешавад, то ҳар ду қавли Аҳмади Дониш дар мавриди шеъру шоирӣ аз лиҳози воқеӣ ва ба он тавре ки мутафаккир дарк намудааст, баррасӣ ва таҳлил гардад. Ҳамзамон, дар мавридҳои барои таҳлил зарурӣ андешаҳои ҳар ду мутафаккир дар муқоиса гузошта мешаванд.

Дар хусуси он, ки шоирӣ ва шеър бастан аз пешаҳои «аҳли қалам» аст, Аҳмади Дониш дар қисмати «Дар васоёи фарзандон ва баёни ҳақиқати касбу пешаҳо» аз «Наводир-ул-вақоеъ» шарҳ меоварад ва тарафҳои хубу нохуби ин пешаро дар радифи пешаву касбҳои дигар баён месозад. Барои дуруст муайян намудани мақоми пешаи шоирӣ ва шеър гуфтан дар миёни пешаҳои дигари баёнгардида зарурат ба мухтасар овардани андешаҳои Аҳмади Дониш роҷеъ ба ҳамаи пешаҳои пеш меояд.

Дар ибтидои андешаҳояш роҷеъ ба пешаву ҳунарҳо Аҳмади Дониш пешаҳои силоҳу саворӣ ва тиру туфанг, куштӣ ва донистани дақоиқи он ва илми ҷангу ҷидолро махсуси аҳли сайф, заргарию ҳаддодӣ, гилкорию бофандагӣ ва хайётиву таббохӣ ва амсоли инҳоро пешаҳои аҳли ҳунар, тартиби ниҳолу заръ ва боғу бӯстон ва нигоҳдошти меваҳо дар давоми фаслҳои сол ва саноеъи баққолон бо фуруъоти мутакассираро василаи аҳли даҳқанат қаламдод мекунад [14, с. 358].

Дар идомаи шарҳи пешаҳо омадааст: «Ва аммо пешаҳое, ки аҳли қалам бад-он нон талабанд, музовалати улуми зоҳир аст; аз фиқҳу фароиз ва ҳисоб ва илми фатвову сиҷилл ва тиббу нуҷум ва шеъру китобат ва хатту

накш ва муаллимию дабирӣ ва ғайри золика, ки ҳам масолеҳи ҳикмати маданиро муинанд ва ҳам тараққӣ дар ҷавҳари ақлу руҳро замин, аз ҳар ду сӯ маҳмуданд» [14, с. 358].

Ҷойи таваҷҷуҳ аст, ки дар ҷамъбасти пешаҳои аввал мутафаккир изҳор медорад, ки ҳамаи ин пешаҳо хубанд (маҳмуданд), зеро онҳо барои обод намудани ҷаҳон воситаанд, масолеҳи ин ободкориро фароҳам меоранд, вале аз тарафи дигар, онҳо дар ҷавҳари руҳу ақл нуқсон ворид месозанд ва аз ин лиҳоз онҳо мазамматшуда (мазмум) мебошанд [14, с. 358].

Пас, ба андешаи Аҳмади Дониш, пешаҳои аввал, аз ҷиҳати «масолеҳи ободии ҷаҳонро восита» буданашон маҳмуданд, яъне писандидаанд, аммо чун бар «ҷавҳари руҳу ақл нуқсон меоранд», мазмуманд, яъне бад ва мазамматшуда мебошанд.

Дар мавриди пешаҳои дигар, ки шеъру китобат ва хатту накш низ шомили онҳост, мутафаккир онҳоро аз ҳар ду ҷониб, яъне аз лиҳози он, ки онҳо «ҳам масолеҳи ҳикмати маданиро муинанд ва ҳам тараққӣ дар ҷавҳари ақлу руҳро замин» писандида ва хубанд. Барои комилан расидан ба маънои гуфтаҳои мутафаккир донистани хоссият ва маҳсули ин ҳар ду гурӯҳи пешаҳо зарур аст.

Пешаҳои аввал, ки ҳосилу ҳадафашон воқеист ва ба ободии олами зоҳир равона шудаанд, корҳои писандида ҳастанд, вале бино бар воқеӣ будани ҳадафу маҳсул онҳо ба ҷавҳари руҳу ақл таъсири манфӣ мерасонанд, ҳирсу тамаъ ва дороиву нодориро ба вуҷуд меоранд ва аз ин ҷиҳат онҳо мазамматшаванда мебошанд. Пешаҳои гурӯҳи дуюм масолеҳи ободонии зоҳири олам набуда, балки ба олами ботин ва мадании инсон дохиланд ва барои ҷавҳари ақлу руҳ ҳамчун замин, яъне ҳосилдиҳанда хидмат мекунанд. Аз онҳо нуқсон нест, балки фоида аст. Вале ягона коре, ки ҳамаи пешаҳоро мазмум месозад, ба ғарази нонталабӣ истифода шуданашон мебошад [14, с. 358]. Зарур аст ба ҳадафи Аҳмади Дониш андар шарҳи пешаҳо нигарист, то муҳтавои пешниҳодшуда нисбат ба ҳар касбу ҳунар маълум гардад.

Дар идомаи васоёи роҷеъ ба шарҳу тафсири пешаҳо Аҳмади Дониш ин андешаҳоро баён доштааст, ки ба як назар хилофи ҳамдигар метобанд: «Ва ман қабоҳати он пешаҳо, ки муфтахари арбоби қалам аст, алалҷумла баён мекунам ва бад-он ҳоли ҳамаи пешаҳо маълум шавад, ки сойири халқ бад-он саъю тараддуд оранд. Ва ҳол он ки пешаҳои аҳли қалам бар ҳамаи саноеъ шараф дорад, чунки худи аҳли қалам ашрафи табақоти мардуманд» [14, с. 358].

Аз як ҷониб, мутафаккир ҳадафи худро, ки кушодани қабоҳати пешаҳост, изҳор медорад, пешаҳое, ки намояндагони онҳо ҳамагӣ аҳли қалам ҳастанд ва аз ҷониби дигар, ҳамин аҳли қаламро ӯ «ашрафи табақоти мардуманд» мехонад.

Ҷоиз ба такрор аст, ки мақсади аслии нависанда нишон додани қабоҳат, зиштӣ, бадӣ ва қабеҳии пешаҳост ва ин мақсад воқеан дар шарҳи ҳар як пеша зоҳир мешавад. Ва худи мутафаккир низ баъд аз ташреҳи пешаҳо ба фарзандон ин мақсадро ошкор месозад ва мегӯяд, ки мақсад аз намудани пешаҳои зарандуда ба фарзандон ин аст, ки онҳо (фарзандон) ба зоҳири ин касбу пешаҳо ғарра нашаванд ва фиреб нахӯранд [14, с. 378].

Барои мисол, ба шарҳи ду пешаи аслӣ таваҷҷуҳ мекунем, ки яке илми тиб ва дигаре илми нуҷум аст ва дуюмӣ барои Аҳмади Дониш онест, ки бад-он анбиёву ҳукамои илоҳӣ тамассук кунанд:

«Дигар пеша, ки дар таҳсили комуммидд бошад, илми тибб аст. Дидам, ки аксари аҳли он нодонанд ва таламмуз нокарда ва ба хидмати устод норасида. Ва он чи аз тарокиб [ва маоҷин] кунанд ва он чи аз аҷзои маоҷин гӯянд, ҳам аз нусхаҳо будааст ва мизоҷи давову дору ношинохта ва амалу феъли онро имтиҳон нанамуда, бисёр касонро ба ҳалокат овper» [14, с. 367].

«Дигар пеша, ки мафхари аҳли қалам аст, илми нуҷум аст. Ва он муҳтавист бар фунуни мутакассира ва илми ҳайат ва ҳандаса ва илми ҷуғрофиё ва масоҳату ҳисоб ва маърифати само ва арз. Ва агарчи фанни шариф аст, ба воситаи музовалат ва мубошарати баъзе ахиссо, ки онро василаи касби нон кардаанд, мақдуҳу маҷруҳ шуда» [14, с. 367].

Ҳамаи пешаҳоро Аҳмади Дониш ба ҳамин тариқ шарҳ медиҳад ва маълум аст, ки чаро чунин мақсадро мутафаккир пеш гирифтааст. Ҳадаф дар он аст, ки фарзандонро, пеш аз ҳама, аз тарз ва мақсади истифодаи ин касбу пешаҳо ҳушдор диҳад, яъне агар пешаҳоро василаи давлату маишату нонёбӣ қарор диҳанд, он гоҳ пешаи интихобшуда, новобаста ба ҷавҳари асосияш, ба қабоҳат мегарояд ва  мазаммат мегардад. Чунин дарк нисбат ба пешаи шеъру шоирӣ низ ҳаст ва мо онро дар қисмати дигари ҳамин зербоб баррасӣ мекунем. Дар ҳоли ҳозир мақому манзилати шеъру шоириро ҳамчун касб ё пеша аз назари Аҳмади Дониш баррасӣ менамоем.

Роҷеъ ба манфиат ва дараҷаи ин пеша мутафаккир изҳори андеша намуда, онро пешае мегӯяд, ки аҳли қалам бо он ифтихор мекунад ва гиромӣ медорад, онро чун маншаи фазилату лутфу марҳамат қабул доранд. Ин пеша қавли ашъори мавзун ва гуфтани шеърҳои бомазмун аст [14, с. 368].

Муҳаққиқ М.С. Абдураҳмонов ин андешаи Донишро тафсир намуда, се нуктаи муҳимро, ки ба  нуқтаи назари адабиву эстетикии Аҳмади Дониш дар бораи мақому мартабаи шеър дар зиндагию ҷомеа тааллуқ доранд, ба мушоҳида гирифтааст. Ин се нуқтаи назар аз инҳо иборатанд:

1. Шеър ба аҳли қалам мояи мубоҳоту (фахру) ифтихор аст;

2. Шеър ба аҳли қалам бартариву фазилат мебахшад;

3. Маншаи ин ду – қавли ашъори мавзун ва гуфтани шеърҳои бомазмун аст [37, с. 105-106].

Дар ин шарҳи М.С. Абдураҳмонов, ки танҳо андешаҳои Донишро ба тарзи шуморавӣ тақсимбандӣ намудааст, чизи нав ба назар намерасад, ҳол он ки дар гуфтаи боло назарияи мутафаккир нисбат ба шеър, ҳадафи иншои он, интизориҳои гӯянда ва шунаванда аз шеър, фазилати шеър, ки ба шоир интиқол меёбад, муносибати шаклу мазмуни шеър (муқовала – мувофиқати қавли ду чиз, ба ҳам мувофиқат кардан) баён ёфтааст ва мо онро дар доираи масъалаи моҳияти шеър аз нигоҳи Аҳмади Дониш ба таври алоҳида ва муфассал баррасӣ хоҳем кард. Дар ин ҷо давоми андешаҳои мутафаккирро дар бораи шеъру шоир зикр мекунем, ки назари

воқеии ӯ роҷеъ ба ин касб аст: «Ва алҳақ, шеър кардану гуфтан хислате ҳамида ва санъате писандида аст, агар муҳтавӣ бувад бар ҳамду наът ва сифати ҳақ ва мавъизаю насиҳат» [14, с. 369].

Пас, маълум аст, ки Аҳмади Дониш шеър ва шоири асилро мепазирад ва онро эҳтиром мегузорад, ҳарчанд ба шоирони мамдуҳи замони хеш эътимод надорад. Ибораи «шеър кардану гуфтан» ба шоир тааллуқ дорад ва он «хислате ҳамида» хислате хубу писандида аст. Ибораи дуюм, яъне «санъате писандида» ба шеър мутааллиқ аст ва он дар баробари хислати писандида, санъати писандида аст. Ин мазмун ба чигунагии шоир ва шеър дахл дорад, ки, воқеан, қобили баҳсу шарҳ мебошад.

Дар идомаи фикррониҳои хеш Аҳмади Дониш дар як ҷо шеърро муродифи «сухан» қарор медиҳад ва ҳамон қавли Шайх Саъдиро дар хусуси «то мард сухан нагуфта бошад» бо суханони худ ва байти Саъдӣ меорад:

«Оре, шеър турфа маҳакест, ки сара ва ғашши ҳар нафасеро биайниҳӣ изҳор мекунад ва нафосату хабосати гавҳари инсониро маълум мегардонад:

Чун мард сухан нагуфта бошад,
Сирри дили ӯ нуҳуфта бошад». [14, с. 370].

Ягона фикреро, ки метавон нисбат ба ҳадафи Аҳмади Дониш аз ин суханонаш изҳор намуд, ба шоирони давр нигаронда шудани он мебошад, Дар ин ҷо мутафаккир на сухани одӣ, балки сухани мавзунро дар назар дорад, ки на ҳар кас ба гуфтану эҷод намудани он ҳунари комил дошта метавонад. Дар ин бора низ ҳангоми таҳлили мафҳум ва ҳадафи шеър аз нигоҳи мутафаккир таваққуф хоҳад шуд.

Ба он ки Аҳмади Дониш ба шеъри асил ва шоири ҳақгӯю воқеъбин хушбин буд, шакке нест ва инро дар асоси се санади дигар метавон таҳким бахшид ва исбот намуд. Аввалан, чуноне ки зикр гардид, аксари афкори худро мутафаккир бо байту банд ва гоҳо рубоӣ, қитъа ва шеърҳои комили шоирони маъруфи адабиёти мо ҷамъбаст менамуд, ки аз ҷиҳати муҳтаво ва

мазмун ба суханонаш мувофиқати тамом доштанд. Дуюм, Аҳмади Дониш агарчи пешаи шеърнависиро гӯё қасдан (бар қасди шоирони мадҳиягӯй) тарк карда бошад ҳам, то охири умр аз ин пеша даст накашидааст ва ба эҷоди шеър майли қавӣ доштааст. Ва билохира, ӯ шеърро воситае донистааст, ки қабоҳати ҳар корро метавонад пӯшонад ва ба гӯяндааш эҳтироми беандоза оварад. Дар хусуси андешаи охир ба мисолҳо ва тасвирҳои мутафаккир, ки ҳосили ҳодисаву воқеъаҳо ҳангоми будан дар сафорати Абдулқодирбек ва базм ва ҷашни Русия буданд, таваҷҷуҳ мекунем.

Дар ин қисса сухан аз рафтан ба Петербург барои муборакбодӣ ва тӯйи духтари подшоҳ меравад. Ноқил иттилоъ медиҳад, ки бино бар хабари мутарҷими қофқозӣ, ки бо ӯ садоқат ва муҳаббат дошт, боре Турробек ном элчӣ аз Кошғар дар таърифи Петербург чанд байти [номазбут ва номарбут] эҷод карда буд ва онҳоро тарҷума карда ба подшоҳ пешниҳод намудааст ва подшоҳ бисёр хушдил шуда будааст. Инро гуфта, мутарҷим аз Аҳмади Дониш хостааст, то ба хотири тӯйи духтари подшоҳ чизеро иншо кунад, то онро ба подшоҳ маъруз дорад. Аз тасвири ин муколама ва вазъ маълум мегардад, ки ин дархост танҳо барои эҷоди як шеъри сода не, балки шеъри бо санъати мувашшаҳ бояд буд ва номҳои духтари подшоҳ ва домоди ӯ бояд дар он дарҷ бошанд. Инчунин, шеър бояд таърихи тӯйро низ акс кунад.

Мутарҷим дар давоми дархости хеш мегӯяд, ки он шеър метавонад боиси хурсандии подшоҳ ва эътибори махсуси Аҳмади Дониш гардад, зеро рӯзи тӯйи духтари шоҳ хеле наздик аст. Ва як нуқтаи дигари муҳимми ин суҳбат дар он зоҳир аст, мутарҷим ба Аҳамади Дониш мегӯяд, ҳусни шеъри ӯ метавонад боиси пӯшидани камбудиҳои зиёди ӯзбакиҳо, яъне сафирони Бухоро гардад. Асли ин нақл дар саҳифаи «Наводир-ул-вақоеъ» сабт аст [14, с. 171].

Ҷумлаи охири ин қисса ба қурб ва арзиши шеъри асил ва воқеӣ далолат дорад, ки ҳатто заъфу камбудҳои дипломатиро метавонад

пӯшонад ва чунон ки аз давоми нақл маълум мешавад, дар ҳақиқат, шеъри иншошуда боиси эҳтироми шоир ва ҷомаи заъфи сафирону сафорат шуд.

Дониш менигорад, ки баъд аз он ки мувашшаҳ бо исми арусу домод ва моддаи таърих омода гардид, ба лафзи русӣ мутарҷам гардид ва аз назари подшоҳ гузаронда шуд, аз ҷониби подшоҳ эҳсон ва сила дар шакли ангуштарини аз алмос ва тилло бо теъдоди муайян бар вазни се мисқол пешниҳод шудааст [14, с. 173]. Ва ҳатто дар шаби арусии духтараш шоҳ намояндагони Бухороро ба маъракаи ақди никоҳи духтараш металаб ва онҳоро бо ҳурмату иззати махсус меҳмондорӣ мекунад.

Ҳурмату арҷгузории ҳунари Аҳмади Дониш аз ҷониби императори Русия бо ҳамин ба охир нарасид, балки вобаста ба ҳар шароит зоҳир мегардид. Дониш дар ҷойи дигари ҳамин қисса аз рӯ ба рӯ омаданаш бо подшоҳ ва духтари ӯ хабар медиҳад, ки подшоҳ боре ҳамроҳи духтараш даст ба даст дар рӯ ба рӯйи ӯ меояд ва ба ӯ мурочиат карда қаноатмандӣ ва хурсандии худро аз мувашшаҳи дар васфи духтараш навишта изҳор мекунад. Ҳатто гуфтааст, ки он басо маъниҳои баланд дошт [14, с. 176].

Муколамаи ин вохӯриро муаллифи қисса давом дода, дар идомаи он изҳор медорад, ки пас аз ин ҳам ҳангоми бо духтари худаш дар кӯчаҳои шаҳр гаштан ва замони Донишро дидан, подшоҳ ба духтари худ аз ӯ ишораҳо мекард ва аз мувашшаҳ ёдовар мешуд ва мегуфт, ки он мадҳ тӯйи духтарамро оро дода буд [14, с. 177].

Дар ҳамин нақл инчунин ду намунаи дигар аз ҳунари шеъргӯии Аҳмади Дониш, ки яке дар васфи овозхони порисӣ Аделина Паттӣ ва вобаста ба зиёфати Императори Русия аст, дарҷ гардидааст ва низ маҳсули меҳрубонӣ ва арҷгузорӣ ба ин ҳунар мебошад.

Назари Аҳмади Дониш ба шеър ҳамчун ба рукне аз ғояти фазлу камол моил аст ва онро яке аз фазлҳои подшоҳон медонад. Мо ин андешаи мутафаккирро дар тавсифи ӯ роҷеъ ба Амир Ҳайдар аз «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» мебинем, ки мегӯяд: «Ин амир дар ғояти фазлу камол расида ва ба ҳама улуми муктасибӣ ва фунуни

ғариба зуфунун буда, аз шеъру тиббу кимиёву ҷафр (фолбинӣ) соҳибвуқуф» [15, с. 127].

Аҳмад Махдуми Дониш бо вуҷуди устод, шоир, мунаққид буданаш ва изҳори андешаҳои бикр дар масъалаҳои назарӣ ва амалии адабиёт, аз шоир ва шеър дилгир буд ва ҳар дуро ҳам мазаммат мекард. Дар ин қисмати кор саъй гардид, то сабабҳои мазаммати пешаи шеъру шоирӣ аз ҷониби мутафаккире, ки худ шеър мегуфт ва кулли андешаҳояшро бо шеъри дигарон тақвият мебахшид, муайян карда шавад.

То он ҷое, ки маводди дастрас ба мо маълумот медиҳад, дар хусуси аз кӯдакӣ ба шеър шавқу ҳавас пайдо намудани Аҳмади Дониш қариб ҳамаи муҳаққиқон ибрози назар кардаанд, вале дар хусуси даст кашидан аз ин шуғл, ба ҷуз аз адабиётшинос Расул Ҳодизода, касе чизе нагуфтааст. Бинобар ин, мо дар таҳлили масъалаи асосӣ бар гуфтаҳои худи Аҳмади Дониш ва таҳлили мухтасари муҳаққиқ Расул Ҳодизода иктифо мекунем.

Воқеан, Аҳмади Дониш аз синни бисёр хурдӣ ба қофия бастани калимаву ибораҳо пардохта будааст ва ин исботи шавқу ҳаваси ӯ ба иншои шеър мебошад. Ба қавли муҳаққиқ Расул Ҳодизода Аҳмади Дониш беқадрии шеъру шоирӣ ва ҳарзагӯйии шоирони хушомадгӯйи дарбор мушоҳида намуда, баъдтар аз ин пеша даст мекашад ва ҳатто нисбати он як навъ нафрат ҳам пайдо менамояд [148, с. 139-140].

Муҳаққиқ дар идомаи фикраш аз гуфтаҳои худи мутафаккир дар ин бора иқтибос овардааст ва воқеан, дар ин суханони Аҳмади Дониш тарки пешаи шоирӣ карданаш изҳор гардидааст. Он чи, мегӯяд Аҳмади Дониш, ба забони ман меомад, якмаротибагӣ ва бидуни такаллуф буд ва дар мавриду мавқеъҳои алоҳида навишта мешуд ва беш дар ин санъат шуғл нанамудам [14, с. 371].

Ду масъалае, ки шарҳи бештар талаб мекунанд, пурра даст кашидани Аҳмади Дониш аз иншои шеър ва нафрат пайдо кардани ӯ ба пешаи шоирӣ мебошанд. Дуруст аст, ки Аҳмади Дониш ин ду масъаларо таъкид карда буд ва ин гуфтаҳояш аз мавқеъ, вазъ, ҳолат ва муносибатҳои воқеӣ вобаста буданд.

Пеш аз ҳама, зарурат ба таваҷҷуҳи жарфтар дар гуфтаҳои Аҳмади Дониш аст, ки мегӯяд: «Ва он чи бар забони ман вуруд ёфта, дафъӣ ва бетакаллуф буда, ки дар маворид ва мавоқеъ навиштаам ва беш дар ин санъат шуғл нанамудам» [14, с. 371]. Чанде аз иборот дар ин андешаи мутафаккир кирои тафсир мекунанд. Чунончи ибораи дар ин санъат шуғли беш нанамудани Аҳмади Донишро дар пайвастагии мантиқӣ бо «он чи бар забони ман вуруд ёфта...дар маворид ва мавоқеъ навиштаам» ташреҳ додан зарур бувад, зеро ҳадафи гӯянда ин аст, ки ӯ танҳо дар мавриду мавқеъҳои муайян, дақиқтараш дар мавридҳои воқеӣ шеър эҷод мекард, на дар ҳама ҳолат. Чунин бардошти маъно аз гуфтаи мутафаккир дуруст ба назар менамояд ва инро вазъиятҳои эҷоди шеър аз ҷониби Аҳмади Дониш собит месозад.

Муҳаққиқ Расул Ҳодизода низ ҳамин ҳолро таъкид намудааст, чунончи: «Дар воқеъ, он манзумаҳои парокандае, ки аз Аҳмад Махдум боқӣ мондааст, ғолибан ба ягон муносибат ва ё дар ягон мавқеу мавриди муносиб гуфта шудааст. Чунончи, ӯ дар қасидаи машҳураш, ки ба амир Музаффар бахшида ва қариб дар ҳамаи тазкираҳои он давр дарҷ гардидааст, аз мавриди мадҳ истифода намуда, тариқи ҳамидаи давлатдорӣ ва сиёсатрониро ба амир талқин намудааст; дар Петербург ба илтимоси мутарҷим Козимбек дар таҳният ва муборакбодии тӯйи духтари императори рус қитъаи таърих навиштааст; дар сипосгузорӣ аз туҳфаи Стремоухов, ки кураи арз ва осмонро ба ӯ тақдим дошта буд, қитъаи миннатдорӣ менависад; дар вақти сафари Москаву Петербург аз таассуроти сафар ва ҷашнҳои шоҳона манзумаи калоне ба тарзи маснавӣ иншо мекунад. Монанди ҳамин ашъори дар мавридҳои гуногун навиштаи ӯ дар «Наводир-ул-вақоеъ» ва Рисолаи таърихӣ ҳар ҷо-ҳар ҷо сабт гардидааст» [148, с. 141]. Пас, собит мешавад, ки Аҳмади Дониш ба куллӣ тарки шеъру шоирӣ накардааст.

Дар масъалаи дуюм, мутолиаи андешаҳои Аҳмади Дониш нисбат ба пешаи шеъру шоирӣ амиқан нишон медиҳанд, ки ӯ то чӣ андоза ба ин кору пеша эътимоду эҳтиром зоҳир мекард ва нафрати ӯ танҳо ба шоирони

мадҳияпардоз ва худнамо, шоироне, ки ҳама афъолу аъмоли худро зебову ҳасана бинанд, буд. Ин ҳамон шоиронеанд, ки ба қавли мутафаккир ба мардум изҳор мекунанд, то мардум бидонад, ки онҳо доно ҳастанд ва ҳол он ки бо ин нодонии худро собит месозанд [14, с. 370]. Барои исботи он, ки Аҳмади Дониш шоирони риёкорро нафрин мекард, на шеъру шоириро, ба шарҳи баъзе аз андешаҳои мазамматноки ӯ мепардозем.

Дар мавриди ба омӯзиши мустақил даст заданаш Аҳмади Дониш ба фарзандон нақл карда, чунин як ҷумлае дорад, ки муносибати ӯро ба аҳли арбобони дониш ва ҳамзамононаш муайян мекунад, ки шоирон низ шомили ҳамин гурӯҳ ҳастанд: «Ва он чи дақоиқ ва ҳақоиқ, ки маро аз маҳабби файз дар хотир рехтааст, шатто ва мутафарриқ ба ҳар ҷо навиштаем, чунки арбоби [дунё] ва абнои рӯзгор қобили муҳоварат ва муколамат набуданд» [14, с. 330]. Ҷолиб аст, ки Аҳмади Дониш маҳз чизҳои дақиқ (ҷузъи нозук ё нуктаи нозуки касбу ҳунаре) ва ҳақиқатро кирои муҳоварат ва такаллуми ҳамзамононаш намедонад, зеро онҳо дақиқназар ва ҳақшинос нестанд.

Дар ҷойи дигари ҳамин қисмати васияташ низ ба воситаи дарёфти нону сила табдил додани ҳунарҳо ва пешаҳоро мазаммат мекунад, чунончи: «Ва халқро медидам, ки ҳама тазйеъи авқот мекарданд ва ба дари султон таваҷҷуҳу тавассул меоварданд; баъзе ба илми зоҳирӣ ва баъзе ба шеъру шоирӣ ва баъзе ба саноеъу ҳунармандӣ ва баъзе ба тавассути силоҳу саворӣ. Ва он чи меҷустанд, намеёфтанд ва он ки наметалабид, мерасид» [14, с. 357].

Мазаммати пешаи шеъру шоирӣ аз ҷониби Аҳмади Дониш ҳамоно аз мағрурӣ, мутакаббирӣ ва нодонию дунёталабии арбоби шеъру қофия сар мезанад: «Ва ман медидам, ки аксаре арбоби шеъру қофия мағрур ва мутакаббир буданд ва шеъри номарбути худро фазилате аъло эътиқод мекарданд ва ба ҳар дари касу нокас ба мадҳу қасида мерафтанд ва таваҷҷуҳи силаву ҷоиза мекарданд ва ғайри шуароро аз ҳаййизи эътибор соқит медонистанд. Ва шеъри эшонро дар нафс ба ҷуз таҳаййуҷи шаҳват ва тамаккуни фуҳуш ҳеч таъсире набувад, ё ҳаҷви касе, ё музахрафоти ботила.

Ва аз шеъри мамдуҳ билмарра отил буданд, чунки аҳли он набуданд» [14, с. 370-371].

Мутафаккири дигари пешкисвати Аҳмади Дониш, Абдурраҳмони Ҷомӣ, ба таври нисбатан васеъ ва бо абёту шарҳи зиёдтар роҷеъ ба ин масъала таваққуф кардааст. Муҳаққиқи тоҷик Абдунабӣ Сатторзода муносибати Ҷомиро ба шеъру шоирони давраи мутафаккир мавриди таҳқиқ қарор дода, онро чунин шарҳ медиҳад: «Абдурраҳмони Ҷомӣ шоирони рӯзгори хешро, пеш аз ҳама, барои он мазаммат намудааст, ки онҳо бефазлу ҳунар ва хасис буда, табъи лаим доштаанд» [135, с. 488].

Муҳаққиқ ин масъаларо тибқи таҳлили боби «Интиқол аз накуҳиши шеъру суханварӣ ба мазаммати шуарои рӯзгор» аз маснавии «Силсилат-уз-заҳаб» натиҷагирӣ намудааст. Дар идомаи шарҳ муҳаққиқ иброз медорад, ки ин гурӯҳи шоирон бо лофу газофи муболиғаомез нокасону сафеҳонро васф менамуданд ва ин тавсифҳо танҳо аз рӯйи ҳирсу тамаъ буд на аз рӯйи инсофу ҳақиқат [135, с. 489]. Воқеан, Ҷомӣ нисбат ба шеъру шоирӣ талхгӯиҳои зиёде доштаст, ки сабабҳои он дар рисолаи «Назариёти адабии Абдурраҳмони Ҷомӣ» мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд [135, с.488-489; 510-514].

Чуноне ки мушоҳида мегардад, андешаҳои ҳар ду муатафаккир ҳам дар рисолати шоир ва ҳадафи иншои шеър ба ҳам мувофиқат доранд. Мувофиқатии ақидаҳо, пеш аз ҳама, аз тинати худи ин ду симои бузург сар мезанад, ки бар пок ва беолоиш нигоҳ доштани сухан тарбият ёфтааст. Инчунин, онҳо ҳамчун муаллими ҷомеаи хеш мехостанд роҳу равиши дурустро ба аҳли зиё, аз ҷумла ба адибон, нишон диҳанд.

Хулосаи ҳамаи ин гуфтаҳо ба ду нукта такя дорад:

1. Пешаи шоирӣ барои Аҳмади Дониш ифтихор ва маншаи бартарию фазилати аҳли қалам аст, агар он барои изҳори воқеият дар шакли мавзун ва маънои пурмазмун адо шуда бошад.

2. Агар шеър бар мадҳи дурӯғин ва фаҳшу лағву ҳиҷо бунёд ёфта бошад, пас, он бадхислат аст. Бо ин андеша ва хулосаи хеш Аҳмади Дониш ба пояи гузаштагони фарҳанги миллӣ, аз ҷумла Носири Хусрав, Саноии

Ғазнавӣ, Амирхусрави Деҳлавӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Мирзо Бедил, мерасад, ки мадҳи дурӯғин, махсусан мадҳи амирону султононро бадтарин хислат эълом дошта буданд ва бо ҳамзамонони мадҳиягӯяшон ба ҷанг хестанд.

### 3.2. Истилоҳоти адабӣ ва истифодаи онҳо дар осори Аҳмади Дониш

Ҳамчунон ки дар қисматҳои пешини кор зикр гардид, кулли муҳаққиқони осор ва афкори Аҳмади Дониш назари адабӣ ва эстетикии ӯро таъкид кардаанд, вале ба таври мушаххас аз андешаҳои адабии ӯ таҳлил анҷом нашудааст. Ба назари мо, мушкили масъала дар он аст, ки андешаҳои адабии мутафаккир на ба таври алоҳида ва на дар дохили як асар, балки ба таври ҷузъе аз масъалаҳои асосии осори ӯ изҳор гардидаанд. Аз ин лиҳоз, ҳукми муҳаққиқ Хосият Олимӣ дар хусуси он ки «Дониш роҷеъ ба шеър таҳқиқотеро низ ба анҷом расонида...» нисбӣ аст ва ба назар чунин мерасад, ки дар ин ҷо ғараз аз гуфтани «таҳқиқот»-и Дониш роҷеъ ба шеър ҳамон қисмати васоёи фарзандон мебошад, ки ба пешаи шеъру шеърнависӣ бахшида шудааст, зеро «навиштани шеърро барои худ зарур» надонистани Дониш «ва шеърҳое агар таълиф карда бошад ҳам, асосан, оид ба ҳодисае навишта шудаанд», маҳз дар ҳамин қисмат баён гардидаанд [119, с. 301].

Як масъалаи дигари баҳсталаб, ки адабиётшиноси маъруф Расул Ҳодизода дар хусуси он изҳори ақида намудааст, тасдиқи худи Аҳмади Дониш роҷеъ ба он, ки ба дарёфтани рукнҳои шеър, аз қабили вазну қофия ва арӯз, ҳеч кӯшиш накардааст ва «балки надида ва нашунида, ки шеър чунин рисолаҳо ва чунин мизонҳо дорад» [14, с. 371].

Муҳаққиқ Расул Ҳодизода ин суханони Аҳмади Донишро мазмунан такрор намуда, хулосаи худро ба тарзе саволу ҷавоб изҳор доштааст. Аз ҷумла, ӯ савол мегузорад, ки оё эътирофи Дониш роҷеъ ба таваҷҷуҳ надоштанаш ба масъалаҳои вазну қофияву радиф ва мисли инҳо заминаи воқеӣ дорад ё не. Аммо бо такя бар мафҳуми осор ва ақидаҳои адабию

эстетикии ӯ муҳаққиқ менигорад, ки эътирофи Дониш дар ин масъала, бе шак, аз шикасти нафс будааст, вале дар асл бошад, ӯ аз қоидаву зобитаҳои шеър ва назарияи назми классикӣ ба хубӣ воқиф будааст [148, с. 143].

Хулосаи мазкури профессор Ҳодизода комилан дуруст аст ва иловаи мо ба он ин аст, ки чун Аҳмади Дониш аз шоирони давр домангир буд, илми шеърро низ инкор кард. Дар зимн он масъалаҳое таҳлил ва баррасӣ мегарданд, ки комилан огоҳ будани Аҳмади Донишро аз хусусиятҳои назарию амалии илми каломи бадеъ, махсусан, насру назм собит месозанд.

### 3.2.1. Мафҳум ва ҳадафи сухан аз нигоҳи Аҳмади Дониш

Ҳаммаслакон ва пайравони Дониш ӯро талқин бад-он мекарданд, ки осори худро, махсусан нусхаи нақлу ҳикоёти «Наводир-ул-вақоеъ»-ро аз дигар осор ҷудо намояд ва онро дар як шакли алоҳида нигоҳ дорад. Дониш инро чунин нақл мекунад:

«Ва билҷумла онон, ки бо ман мизоҷдон буданд, баъд аз бурду оварди нусхаҳои ман ва ташаттути авроқи он ва тақаддуму тааххури ривоёт ба воситаи дахли ҳикоёти дигарон ибром овардаанд, ки ҳайф бошад, ки он чи навиштаӣ, ба бод равад ва дар об афтад ва хок шавад ва ё бисӯзад. Онро аз суханони дигар ҷудо кун ва ба як ҷо ҷамъ овар, ки аз ту ҳамин боқӣ монад ва муҷиби ёдоварии аҳбоб шавад, то набошию бошӣ ва мирию намирӣ» [14, с. 18]. Аз ин гуфтаи Аҳмади Дониш чанд андешаи ӯро роҷеъ ба мафҳум ва ҳадафи сухан метавон ҷудо намуд:

Аввалан, сухан фақат лафзу овоз ва калимаву ибора нест, балки сухани аслӣ сухани иншогардида аст.

Дуюм, сухани иншошударо на ҳар кас дониста метавонад, балки кас бояд мизоҷдони соҳиби сухан бошад.

Сеюм, сухани асл бояд аз сухани ғайриасл ҷудо шавад.

Чорум, сухан мояи ҷовидонагии номи нависанда аст.

Панҷум, сухан муҷиби ёдоварии аҳбоб, яъне ҳабибон аст.

Шашум, соҳиби сухан абадӣ нест, вале суханаш абадӣ мемонад, аз ин рӯ, ӯ мемираду намемирад.

Барои Аҳмади Дониш сухан «калимаи ҳикмат» аст ва ин мафҳумро метавон дар як мисоли кӯтоҳ, ки аз ҳаёти Афлотун овардааст, дарк кард. Ба назар мерасад, ки ин вазъ ҳангоме рух дода будааст, ки Афлотун ба шарҳи сухани ҳикмат банд буда ва ноқисе ба ӯ эътироз мекунад ва мегӯяд, ки ин гуфтаатро касе қабул намекунад [14, с. 32].

Истилоҳҳое, ки Аҳмади Дониш дар мавриди сухан истифода намудааст, «сухани ҳаққ», «сухани рост», «сухани талх» ва мисли инҳост. Пеш аз иқтибоси боло Аҳмади Дониш аз номи асҳоб роҷеъ ба сухани ҳаққ чунин мегӯяд: «Асҳоб гуфтаанд: Чун рӯйи сухан ба асбоби фазилат аст, на бар арбоби разилат, мард агар ба дарёфти сухани ҳаққ муваффақ шавад, аз гуфтану навиштани он худро муоф надонад ва аз қабулу радди касон наяндешад, то шукри неъмати илоҳӣ гузорида бошад, ки табъи салим файз аст, ирси падар набошад» [14, с. 32].

Чунон ки зикр рафт, ин гуфта пеш аз ҳикояти Афлотун омада ва сухани ниҳоии Афлотун маҳз ҳамин маъниро дорад, яъне ман (Афлотун) ба гуфтану навиштани калимаи савоб маъмурам ва онро иҷро мекунам, корам ба пазируфтану напазируфтани мардум нест.

Аҳмади Дониш сухани ҳақро файз ва неъмати илоҳӣ медонад ва ба гуфтану навиштани он саъю ташвиқ мекунад. Дар ин маврид андешаи ӯ ба аҳли ирфону тасаввуф мувофиқат пайдо мекунад, зеро намояндагони аҳли тасаввуфу ирфон сухани ростро ситоиш мекарданд, ки ҳақиқати илоҳиро мекушояд.

Маълум аст, ки назарияи «Аш-шеъру акзабуҳу аъзабуҳу» (*шеър, ончи бардурӯғтар, пурфурӯғтар*), ки решаи пайдоишаш ҳанӯз ба давраҳои тоисломӣ мерасад, дар адабиёти форсу тоҷик ба муқобилияти равиш ё назарияи дигари адабӣ дучор шуд, ки «сухани рост» ё «шеъри рост» буд. Назарияи «сухани рост» ё «шеъри рост» дар ду самт арзи вуҷуд намуд ва тарғиб мешуд, ки яке, чуноне гуфтем, сухани ҳақ ё худ маърифати Офаридгор ва дуюм мадҳи султонон ва шоҳони давр буд.

Табиист, ки самти дуюм аз муҳити сиёсию мавқеи иҷтимоии гӯянда сахт вобастагӣ дошт. Дар хусуси назарияи ҳақиқати шеър мулоҳиза ронда, муҳаққиқи тоҷик Худоӣ Шарифзода чунин менависад: «Нуқтаи назарҳои ин ё он низоми ҷамъиятӣ, ҳарчанд аз якдигар дур бошанд ҳам, аз рӯйи моҳияти худ ба ҳам қаробате доранд ва бо ин ё он роҳ хешӣ зоҳир менамоянд. Ҳамин ҳолатро дар масъалаи нуқтаи назарҳо оид ба шеър ҳам дида метавонем. Маълум шуд, ки масъалаи ҳақиқати шеър дар назми нимаи аввали асри XI ба шахсияти мамдуҳ алоқаманд буда, мамдуҳ нафақат асоси шеър, балки ҳамаи ӯ доништа мешуд. Масъалаи ҳақиқат дар шеъри тасаввуф ҳам ба ҳамин назарияи «ҳама ӯст» алоқаманд мебошад. Аммо дар ин маврид ин идеал ба номи Худо ва ваҳдати ӯ алоқаманд карда мешавад» [158, с. 138-139].

Чун баҳси шеъру шоирӣ аз нигоҳи Аҳмади Дониш дар қисмати дигари ин боби рисола матраҳ аст, мо дар ин ҷо танҳо аз сухани ҳаққ, сухани рост ҳарф мезанем, то муносибат ва ҳамоҳангии андешаҳои ӯро ба намояндагони равияҳои боло муайян созем. Дақиқтараш, муайян шавад, ки сухани ҳаққи Аҳмади Дониш ба назарияи кадоме аз ин равияҳо рост меояд.

Пеш аз изҳори баъзе мулоҳизаҳои дигар перомуни мафҳуми сухани ҳаққ дар тасаввур ва тафаккури Аҳмади Дониш ёд овардан аз «хубсухан»-и Носири Хусрав зарур аст, ки низ бо «сухани ҳаққ»-и Дониш ҳаммаъноӣ пайдо мекунад. Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар ибрози тамоми ақидаҳои фалсафӣ ва эътиқодияш пайваста аз ибораи «сухани хуб» истифода мекард. Профессор Абдунабӣ Сатторзода ин масъаларо мавриди пажӯҳиш қарор дода, менависад, ки ғараз аз хубсухани Носири Хусрав панд, яъне насиҳат, ҳикмат, яъне хирад, илм, дониш ва зуҳд, яъне дин аст [134, с. 182].

Худоӣ Шарифзода дар таҳқиқоти хеш, ки аз он ёд шуд, изҳори назар намудааст ва ягонагию тафовуте назари Носири Хусрав ва шоирони аҳли тасаввуф роҷеъ ба ҳақиқати шеър ва шеъри рост мулоҳизаҳои қобили таваҷҷуҳро манзур намудааст [158, с. 140-141].

Дар мавриди сухани ҳаққ як иқтибоси дигарро аз Аҳмади Дониш ёдрас намудан бамаврид аст, ки дар «Хотима»-и «Рисола дар назми

тамаддун ва таовун» гуфта шудааст. Дар ибтидои қисмати «Танбеҳ»-и «Хотима» мутафаккир аз гузоришҳои худ дар ин рисола бо унвони «ин миқдор суханони арҷманду нукоти дилписанд» «аз нӯги хомаи ҳақиқатнигор ва қалами сеҳркирдор» ба рӯйи сафҳаҳо ёд намуда, гила аз набудани гӯши суханшунав ва чашми равшанбин мекунад ва мегӯяд, ки аксари умаро ва ҳукамо афсонаву мазҳакаро аз ҳақиқат бартар мешуморанд. Дар ин замина, мутафаккир сухани афсонаро «ширин» ва сухани ҳақро «талх» мегӯяд, чунончи: «Ин гуфтор кӣ кунаду ин рафтор кӣ дар амал орад, вазнею вақъе наниҳанд ва афсонаю ҳарзае пиндоранд ва агар он чи исғоъ мекунанд ширин аст, бардоранд ва он чи талхтар аст, радд кунанд» [21, с. 129].

Пас аз ин мушобеҳ карданҳо Аҳмади Дониш ба шарҳи таъсири сухани рости талх («агар ту зино кунӣ, ҷойи ту дар дӯзах аст») ва сухани ширин («агар зино накунӣ, ҷойи ту дар биҳишт аст») мепардозад ва албатта, таъсири сухани рости талхро таъсирбахштар аз сухани ширин мегӯяд. Давоми ин андеша, агарчи ҳадафаш насиҳати султону салтанатдорон бошад ҳам, вале аз нуқтаи назари мантиқ ба масъалаи иншо ва ҳунар дуруст меояд, чунончи идома медиҳад ва мегӯяд, ки маҳз сухани талх дар нафси сомеъ муассир ояд, зеро он сухани рост аст. Агар касе рост гуфтан хоҳад, бояд талх гӯяд вагар не, пас беҳтар аст, сухан нагӯяд ва хомӯш бошад. Мутафаккир ибораҳои сухани ростро муҳиб гуфтаст, яъне ҳавлнок, тарсонанда, аз ин рӯ вай талх аст [21, с. 129-130].

Дар аввали ин суханаш Аҳмади Дониш роҷеъ ба мушобеҳати сухани ширин ва сухани талх ба ҳазми ғизои ширину талх дар меъда омадааст, ки муқоисаи он бо чанд андешаи Саъдии Шерозӣ дар ин масъала аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд.

Роҷеъ ба мафҳум ва рисолати иҷтимоии шеър аз нигоҳи адибон таҳлилро анҷом дода, профессор А. Сатторзода гуфтаҳои Саъдии Шерозиро ин тарз иқтибос мекунад ва шарҳ медиҳад: «Вай (*яъне Саъдии Шерозӣ – Ш.Ш.*) сухани ҳақро ба доруи талхе монанд мекунад (Насиҳат, ки холӣ бувад аз ғараз, Чу доруи талх аст дафъи мараз) ва мегӯяд, ки барои

каси ранҷур доруи талх судманд аст, на қанди ширин (Вабол аст додан ба ранҷур қанд, Ки доруи талхаш бувад судманд). Саъдӣ ба ҳамин муносибат аз забони марди доруфурӯш овардааст:

Чӣ хуш гуфт он марди доруфурӯш:
«Шифо боядат, доруи талх нӯш!»
Агар шарбате боядат судманд,
Зи Саъдӣ ситон доруи талхи панд.
Ба парвезани маърифат бехта,
Зи шаҳди иборат баромехта». [138, с. 86-87].

Акнун ин таҳлил ва маънову мазмуни суханони Саъдиро бо гуфтаҳои зерини Аҳмади Дониш муқоиса мекунем ва маълум мешавад, ки ҳар ду мутафаккир ва адиб мафҳум, манзалат ва арзиши сухани талхро барои ҷомеа ва махсусан сухангӯй (адиб) яксон медонанд:

«Ин гуфтор кӣ кунаду ин рафтор кӣ дар амал орад, вазъею вақъе наниҳанд ва афсонае ва ҳарзае пиндоранд ва агар он чи исғоръ мекунанд, ширин аст, бардоранд ва он чи талхтар аст, радд кунанд. Ва надонанд, ки давои ширин дар меъда ба ҷойи ғизо равад ва ҳеҷ манфаат надорад ғайри пурии меъда. Ва манфаат он чи ҳаст, дар давои талх аст, ки мизоҷи ҳолро бигардонад ва кайфияти тоза дар нафс эҳдос кунад, агарчи аз даҳон талх бигузарад. Пас аз фурсате меъдаву даҳонро мутайяб гардонад ва боз манофеи он мавҷуф бошад, то ки аз меъда бигузарад. Ва ҳамчунин сухани ҳақ бе иборати талх фароҳам наёяд ва агар ба иборати ширин адо кунанд, дар нафс қарор нагирад» [21, с. 129].

Сухани рост барои Аҳмади Дониш «калимаи ҳаққ», «сухани ҳикмат» ва «сухани талх» аст. Чунончи, зимни насиҳат ба фарзандонаш мефармояд, ки ҳаногми иҳзори калимаи ҳаққ ва сухани ҳикмат, дар ҷойи мувофиқ, ба ҳар кӣ бошад, бигӯед ва агар натавонед, онҳоро дар варақҳо сабт кунед» [14, с. 415]. Калимаи ҳаққ ва сухани ҳикмати Аҳмади Дониш ҳамон сухан аст, агар он бар ҳамду наът қарорёфта бувад ва сифати ҳалли ҳаққро кунад ва инчунин дар он ваъз ва насиҳат бошад [21, с. 369]. Ин хоссиятро Аҳмади

Дониш барои ашъори мавзун ва шеърҳои пурмазмун муайян намудааст ва мо онро дар қисмати дахлдори рисола ба баҳс мекашем.

Дар ин қисмат бошад, боз як андешаи мутафаккир Абдурраҳмони Ҷомиро дар таҳлили адабиётшинос Абдунабӣ Сатторзода мушоҳида мекунем, ки роҷеъ ба сухани рост аст ва он аз ҷиҳати мафҳум ва ҳадафаш бо андешаҳои болои Аҳмад Махдуми Дониш пайвастагии мантиқӣ дорад.

Барои Абдурраҳмони Ҷомӣ ростӣ «беҳтарин зевари сухан» аст:

Нагардад хотир аз нораст хурсанд,
Агарчи гӯӣ онро ростмонанд.
Суханро зеваре чун ростӣ нест,
Ҷамоли маҳ ба ҷуз нокостӣ нест...

Бо овардани чанд байти дигари ин порча аз маснавии «Ҳафт авранг», муҳаққиқ ба ин натиҷа мерасад, ки муаллифи маснавӣ ростиро дар сухан аз ҷумлаи талаботе донистааст, ки худ ҳам дар амалия ва ҳар дар назария ба он риоят кардааст [136, с. 518-519]. Ин тасдиқро метавон айнан дар хусуси Аҳмади Дониш ба кор бурд.

Ҳамин тариқ, сухани ҳақ ва ростеро, ки Аҳмади Дониш дар назар доштааст, ба назарияи аҳли тасаввуф ва андешаҳои Носири Хусрави Қубодиёнӣ бештар мувофиқат дорад, зеро ҳамаи онҳо мадҳу ситоиши мавҷуди воҳидро пеша карда буданд ва дуюмӣ ситоиши аҳли байтро, ки ба ҳайси тавассул миёни банда ва Офаридгор баромад мекарданд. Аз ин лиҳоз, пайравони ин назария мадҳу ситоиши ҳар султону амир ва подшоҳу вазирро кори паст ва берун аз сухани ҳаққ мепиндоштанд.

### 3.2.2. Мафҳуми истилоҳи «аҳли қалам» дар осори Аҳмади Дониш

Ибораи «*аҳли қалам*» дар осори Аҳмади Дониш ҳамчун истилоҳ истифода мешавад ва ғолибан ба маънои қишре аз ҷомеа фаҳмида мешавад. Вале бояд гуфт, ки истилоҳи «*аҳли қалам*» аз назари Аҳмади Дониш гурӯҳи иҷтимоиест, ки дар таҳкими давлату давлатдорӣ ва тақдири

халқу мамлакат нақши калидӣ дорад. Муҳим ин аст, ки аҳли уламо, удабо ва шуаро низ марбути ҳамин гурӯҳ ҳастанд ва онҳо дар сиёсатдории султон рисолати махсус доранд. Барои таҳлили мо муҳим аст нақши адибону шоиронро дар ин рисолат баррасӣ намоем, зеро бисёре аз андешаҳои Аҳмади Дониш роҷеъ ба мақому манзилати шоиру шеър дар доираи ҳадафҳо ва вазифаҳои маҳз «*аҳли қалам*» баён гардидаанд.

Ба назар мерасад, ки истифодаи истилоҳи «*аҳли қалам*» аз ҷониби Аҳмади Дониш аз «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» оғоз мегирад. Чунончи, дар фасли дуюми «Рисола...», ки «Дар муомилаи мулук бо умарову сипоҳ ва тансиқи уммолу мутасаррифон ва услуби аскардорӣ» [21, с. 35-63] баҳс мекунад, ба шарҳи тартиби аскардорӣ пардохта, менигорад: «Ва султон тартиби аскар аз ду табақа муҳайё дорад: аҳли сайф ва аҳли қалам. Барои қатъи низоъу даъвӣ ва ҷамъи мол аҳли қаламро насб гардонад; ва барои дафъи аъдо ва ҳарбу ҷидолу қитол аҳли сайфро махсус донад. Ва муҳимми ҳар кадомро ба дигаре тахлиту тамзиҷ надиҳад, ки ҳар ду муҳим муаттал монад; яъне кори аҳли сайф ба аҳли қалам роҷеъ надорад. Ва ба аҳли қалам амали асҳоби сайфро насупорад» [21, с. 38].

Ба пиндори Аҳмади Дониш, тахти ҳар як султон бар чаҳор қоима: сипоҳу раоё ва зару об муштамил аст ва султон бояд донад, ки тамоми ҳимматашро барои мустаҳкам намудани ин чаҳор асл равона созад [21, с. 36]. Вазифаи ин ҳар чаҳор аслро Аҳмади Дониш дар идомаи андешаҳояш оварда, менигорад, ки обро ҷамъияти халқ барои зироату иморат истифода барад, то молу зари лозима ҷамъ оварда шавад ва бо ин молу зар аскар омадаву нигоҳ дошта шавад. Аскар, ки аз лавозимоти зарурии салтанат аст, дар навбати худ барои ҳифзи раият ва забти об муваззаф аст. Раият чун ба ионати султон соҳиби обу замин гаштанд, бояд «ушру хироҷи иртифооти мамлакатро ба хазина расонанд» ва барои султон заррур аст, аз ин хироҷ одамонеро тарбият намояд, онҳоро аз хасм муҳоифзат кунад, аз шарру бадӣ онҳоро пок созад ва агар норозигию низоъе дар миёни онҳо афтад, ба он хотима бахшад [21, с. 37-38].

Ва чунон ки дар боло иқтибос шуд, тартиби аскарро Дониш аз ду табақа - аҳли сайф ва аҳли қалам, донистааст ва масъулияту вазифаҳои онҳоро муайян намудааст.

Дар масъалаи ҳадди нафақоти аскария Аҳмади Дониш изҳори андеша намуда, роҳнамоӣ мекунад, ки агар нафар аз «аз аҳли қалам аст ё асҳоби сайф» бошад, аммо комил набошад, ба вай нафақаи миёна аз хизона ба ҳукми қадрдонӣ ҷудо намоянд ва ӯро ба хидмат гузоранд [23, с. 39]. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки Аҳмади Дониш султонро роҳнамоӣ ба он мекунад, то аҳли қалам ва аҳли сайфро на танҳо ҳангоми шоистаи хизмат буданашон дастгирӣ намояд, балки дар тамоми ҳолат онҳоро кӯмак ва қадршиносӣ намояд ва мувофиқи ҳавсалаву зарфияташон хидмат фармояд.

Дар мавриди дигар муаллифи «Рисола...» вазифаи аҳли қаламро мушаххастар месозад ва зикр мекунад, ки дар фавҷи султон бояд шахсони боинсоф аз аҳли қалам мавҷуд бошанд, то ҳунармандонро аз беҳунарон ташхис диҳанд ва ҳаққи ҳунарпарваронро зоеъ насозанду напӯшонанд [21, с. 43].

Аҳли қалам дар миёни фавҷ ва аскария масъулияти хосса ба уҳда доранд ва ин масъулият иборат аст аз тарбияву таъмини адолат ва расондани ҳаққи ҳар ҳунарманд мувофиқи ҳунар ва фаъолияти ӯ. Аҳли қаламро шахсе бояд раҳнамоӣ ва идора кунад, ки олим бувад ба ҳамаи илмҳо. Ин раис бояд ва ҳатман мустақил ва соҳибамр бошад ва танҳо ӯ ҳуқуқи ба пеши султон даромадан, барои касеро аз мансаб дур кардан ва ё ба мансаб гуморидан дораду халос. Агар чунин нафар вуҷуд надошта бошад, пас бояд ду нафар дар ин кор баргузида шаванд, ки яке масъули масоили шароеъ, дигар масъул барои бадоеъ [21, с. 44].

Аҳмади Дониш «раиси бадоеъ»-ро ба ҳайси дидбоне медонад ва насиҳати мулук мекунад ва мегӯяд, ки дар пайи ҳар амалу шуғл дидбоне бояд мисли раиси бадоеъ бошад, то асл (ҷавҳар)-и мардумро ба султон намояд [3, с. 46]. Бо амри султон ва бо кӯшиши раиси бадоеъ аҳли қаламро

бояд аз як кор ба кори дигар ва аз як ҷой ба ҷойи дигар фиристонда шаванд, то агар ношоистагие карда бошанд, маълум гардад [21, с. 58-59].

Бино ба қавли Аҳмади Дониш, ҷомеа аз чаҳор табақаи асосӣ иборат аст ва инҳо аҳли сайфу аҳли қалам ва пас аз онҳо боз раъияти ду фирқаи дигар – аҳли ҳирфа ва аҳли деҳқанат доранд [21, с. 66]. Аҳли ҳирфа, яъне ҳунармандону косибон ва деҳқанат, яъне аҳли деҳқонон, ки ҳар дуи онҳо истеҳсолкунанда мебошанд. Онҳо раият ҳастанд ва хироҷсупоранда, аҳли сайф ва аҳли қалам муҳофиз ва тарбиятгар, таъминкунандаи адлу дод ва расонандаи ҳақ ба ҳақдор.

Акнун тасниф ва шарҳи аҳли қаламро дар саҳифаҳои алоҳидаи боби «Дар васоёи фарзандон ва баёни ҳақиқати касбу пешаҳо» аз китоби «Наводир-ул-вақоеъ» мушоҳида мекунем [14, с. 358-374]. Дар ин сафаҳот мутафаккир аз ибтидо ба тариқи умумӣ пешаҳои махсуси аҳли сайф ва аҳли қаламро ном бурда, ҳадафи шарҳу таснифи онҳоро чунин баён доштааст: «Ва ман қабоҳати он пешаҳо, ки муфтахари арбоби қалам аст, алалҷумла баён мекунам ва бад-он ҳоли ҳамаи пешаҳо маълум шавад, ки сойири халқ бад-он саъю тараддуд оранд. Ва ҳол он ки пешаҳои аҳли қалам бар ҳамаи саноеъ шараф дорад, чунки худи аҳли қалам ашрафи табақоти мардуманд» [14, с. 358].

Сабаби «баёни қабоҳати он пешаҳо» аз ҷониби Аҳмади Дониш сирф ба сиёсати нодурусти замони мутафаккир ва беқадрии илму ҳунар вобаста аст, ки шарҳи онро дар зерқисмати пешин оварда будем. Аммо лозим ба такрор ин аст, ки Аҳмади Дониш шарафи аҳли қаламро бар тамоми саноеъ ва ҳунарҳои дигар бартарӣ дода, худи аҳли қаламро «ашрафи табақоти мардум» меҳисобад. Роҷеъ ба ин масъала чанд андеша манзур гардида буданд [72, с. 49-53.] ва дар зайл тасниф ва ташреҳи бештари пешаҳои аҳли қаламро аз ҷониби Аҳмади Дониш дида мебароем ва хулосаҳои хешро роҷеъ ба мафҳуми ин истилоҳ дар афкор ва осори ин мутафаккир баён хоҳем дошт.

Аҳмади Дониш илми русум ва дарсу тадаррус ва таълиму тааллумро дар ҷойи аввал (мувофиқи тартибе, ки дар «Наводир-ул-вақоеъ» баён

шудаанд) мегузорад ва онро аълову ашрафи пешаи аҳли қалам номидааст, ба шарте ки ихтиёраш «холисанлиллоҳ» бошад ва аз он ғарази дунявӣ аз ҷоҳу мансаб ва қаробат бо ҳокимон дар миён набошад [14, с. 358-359].

Мансаби қозигию раёсатро Аҳмади Дониш аз он пешаҳое ном мебарад, ки писандидаву дилкаш ҳастанд ва аҳли қалам дину имонашонро бар сари онҳо кунанд [14, с. 364].

Дар шарҳи пешаи навбатӣ Аҳмади Дониш аҳли қаламро бо муродифи он – **арбоби қалам** ном бурдааст ва ин пешаро мансаби мушрифӣ ва дабирии доруссалтанат ном мебарад, ки интиҳои таманно (мунтаҳои мутаманно), яъне хоҳиши ниҳоӣ ва ягонаи аҳли арбоби қалам аст [14, с. 365].

Пешаи дигар, ки, ба қавли мутафаккир, аҳли қалам дар «таҳсили кому маром» ба он чанг мезананду мечаспанд илми фатво ва таҳрир ва маҳзароту сикказанӣ мебошад. Ва илми тибро пас аз ин дар таҳсил коммумидд номида, илми нуҷумро ифтихори аҳли қалам маънидод мекунад [14, с. 366-367].

Тафсири шеъру шоирӣ, ки дар навбати таснифи пешаҳо ҳафтум омадааст, боиси таваҷҷуҳи махсус буда ва унвони пурраи он чунин аст: «Дигар пеша, ки аҳли қаламро бад-он мубоҳоту ифтихор ояд ва маншаи тафаввуқ ва тафаззул гардад, муқовалаи ашъори мавзун ва гуфтани шеърҳои бомазмун бошад…» [14, с. 368].

Пешаи охирине, ки мутафаккир аҳли қаламро бад-он мумтоз медонад, ин хаттотӣ (навиштани хутути мутаориф) ва наққошиву тасвиркунӣ мебошад. Шарҳи пешаҳоро ҷамъбаст намуда, Аҳмади Дониш гуфтаҳояшро ҳақиқати ҳоли пешаҳо ва саноеъ гуфтааст ва муҳимм ин аст, ки онҳоро афзояндаи ҷавҳари ақлу руҳ меҳисобад [14, с. 371-372].

Ҳамин тариқ, ҳамаи пешаҳои номбурда марбут ба аҳли қалам ҳастанд ва онҳо аз чанд ҷиҳат ва вобаста ба чанд хоссияту ҳадафашон ба ҳамдигар робитаи қавӣ доранд.

Пеш аз ҳама, аҳли қалам соҳиби савод ва илми комил аст ва аз ин хотир Аҳмади Дониш лозим медонад, то «дар мамлакат аз пайи ҳар амалу

шуғл дидбоне чун раиси бадоеъ омода бувад» ва маҳз ҳамин раис ҷавҳари мардум, яъне ба кадом ҳунар даст доштани одамонро ба султон менамояд [16, с. 46].

Дуюм, онҳо пешоҳанги кулли мардум дар ҳамаи умур мебошанд ва ҳатто аҳли сайфро низ онҳо тарбиятгар ҳастанд.

Сеюм, ин табақоти мардум аз адлу адолат бохабар ҳастанд ва низоми адлу додро таъминкунанда мебошанд. Бо ҳамин мақсад Аҳмади Дониш мегӯяд, ки аҳли қалам барои «қатъи низоъу даъвӣ», яъне ҷудо кардани ҳақ аз ноҳақ ва расондани ҳақ ба ҳақдор зарур аст.

Чаҳорум, ин қишри ҷомеа баинсоф аст ва нисбат ба кулли вазъу корҳо мунсифона рафтор мекунад. Аз ин рӯ, мутафаккир мефармояд: «Ва бояд, ки ашхоси мунсиф аз аҳли қалам дар ҳар фавҷ мансуб бошанд, то беҳунаронро аз ҳунармандон мумтоз гардонанд ва ҳаққи ҳунарпарваронро зоеъ насозанду напӯшонанд» » [21, с. 43].

Панҷум, онҳо аксаран аҳли адабанд. Аҳли қалам, пеш аз ҳама, дар андеша ва осори Аҳмади Дониш маънои мардуми аҳли саводу илм буда, онҳо тавассути дониш ва хиради хеш неку бади оламу одам, иҷтимоъ ва иқтисодро ҷудо карда метавонанд. Бо вуҷуди чунин мазмун доштани истилоҳи «аҳли қалам» дар осори Аҳмади Дониш, ин истилоҳ ба маъно ва мазмуни «аҳли адаб», ба истилоҳи имрӯза - «намояндагони шеъру адаб» низ аз ҷониби мутафаккир истифода гардидааст, чунончи дар ин ҷумла: «Ман доим ба паҳлӯ афтода будам ва нафаси ман ба хизмати абнои ҷинс ризо намедод, чунон ки аҳли қалам санъатеву китобате кунанд (ва) музду уҷре бардоранд, магар ба қадри зарур» [18, с. 272]. Ҳамчунон дар ҷойи дигари ҳамин хотирот, бо зикри «аҳли қалам» мутафаккир сирф аҳли шеъру адабро дар назар дорад, чунончи аксаран панҷ-шаш нафарро доим ба давраш муҷтамеъ гуфтааст, ки аз аҳли қаламу табақоти зухравия будаанд [18, с . 272-273].

Ҳамин тариқ, агар аҳли сайф барои нигоҳдории марзу буми кишвар ва тартиботи раоё мувазаф бошад, пас, аҳли қалам барои тарбияи ахлоқу одоб, таъмини сиҳативу солимӣ, барқарор намудани адлу дод ва таҳкими

илму маорифи ҷомеа вазифадор мебошад. Аҳли сайф ҳам то андозае тобеи аҳли қалам аст, зеро, чунонки гуфта шуд, мутафаккир аҳли қаламро ашрафи табақоти мардум гуфтааст [14, с. 358].

### 3.2.3. Шарҳ ва истифодаи истилоҳҳои «шароеъ», «саноеъ», «бадоеъ», «фасоҳат» ва «балоғат» аз ҷониби Аҳмади Дониш

Калимаи «шароеъ» ҷамъи «шариат» буда, қонунҳои исломро бар асоси Қуръон, аҳодис ва қиёс муқаррар мекунад ва албатта, Аҳмади Дониш ҳамчун як мусулмон ва ҳамчун як мутафаккири исломӣ қонунҳои шариат ва танзими онҳоро дар ҷомеа дар ҷойи аввал мегузорад. Аҳмади Дониш шароеъро чунин ташреҳ додааст: «Шароеъ» амри қазо бувад ба тадрису истифто (*талаби фатво кардан, фатво хостан - Ш.Ш.*) ва маҳзароту сукук (*ҳукм ва фатвои қозӣ, санад, ҳуҷҷат; сикказадан, муҳр - Ш.Ш.*) ва тақсиму тарақаи мерос» [21, с. 44].

Ҷойи таъкид аст, ки барои Аҳмади Дониш шароеъ ҳамеша бо бадоеъ дар як мартаба қарор дорад ва раисе, ки дар табақоти аҳли қалам ба роҳбарӣ масъул мегардад, бояд ва ҳатман «олим бувад бар ҳамаи фунун аз шароеъ ва бадоеъ». Бадоеъро мутафаккир «нуҷуму тиббу шеър ва таснифу таълиф ва муҳосаботу ҳандаса ва хутуту нуқуш» медонад [21, с. 44]. Давоми андешаҳои Аҳмади Дониш дар ин масъала чунин аст, ки агар шахси бар ҳар ду фунун олим пайдо нашавад, пас, ду раис бояд, яке дар шароеъ ва дигаре дар бадоеъ.

«Бадоеъ» ҷамъи «бадеъ» аст ва дар луғатҳо ба маънои *ҳар чизи нав, тозабаромад, аҷиб, ҳайратангез, нав, ҷадид, тоза* ва ғ. меояд. Маънои истилоҳии «бадеъ» «тобеи маънӣ ва баён аст» ва он ба воситаи ваҷҳи каломи бадеъ омӯхта мешавад [158, с. 67].

Аз ин нигоҳ, маълум мегардад, ки Аҳмади Дониш мафҳуми «бадоеъ»-ро танҳо ба як илми бадеъ мунҳасир нанамуда, балки барои илмҳои дигар низ ба кор бурдааст.

Сифат ё хоссияте, ки ҳамаи он илмҳои шомил ба «бадоеъ»-ро муттаҳид месозад, дутост: яке хоссияти тарбият ва бакамолрасонӣ ва дигаре маҳсули ин илмҳост, ки «ҳам масолеҳи ҳикмати маданиро муинанд ва ҳам тараққӣ дар ҷавҳари ақлу руҳро замин» [14, с. 358]. Аммо дар миёни ин ҳама масъалаҳои марбут ба шеъру шоирӣ, шоири комилу камоли шеър, навъҳои назм ва мисли инҳо мавқеи хосса доранд ва аз онҳо дар қисматҳои поёнии ҳамин боб ёд хоҳад шуд. Дар ин ҷо танҳо ба як-ду ҳолати истифодаи калимаи «бадоеъ» аз ҷониби Аҳмади Дониш таваҷҷуҳ мекунем, ки маҳз ба мафҳуми истилоҳии худ, яъне ҳамчун илми бадеъи қисмати улуми адабӣ, омадааст. Масалан, ҳангоми изҳори рӯзгори хеш ба фарзандонаш ва ёди илмомӯзии худ мегӯяд, ки дар китобхонаи оилавии онҳо ба ғайри панҷ шаш ҷузв ҷузъҳои нуҷумии ба ория гирифташуда аз арабӣ ва форсӣ китоби дигаре на аз «луғату истилоҳ» ва на аз «бадоеъу калом» мавҷуд набудаст [14, с. 330]. Ба назар мерасад, ки ибораи «бадеъу калом» маҳз ба маънои истилоҳияшон дар ин гуфтор таъкид шудааст.

Яке аз истилоҳоти дигаре, ки аксаран дар канори истилоҳи «бадоеъ» истифода шудааст ва маҳз мафҳуми истилоҳии ин калимаро тақвият мебахшад, вожаи «саноеъ» мебошад.

«Саноеъ» дар луғат асосан ба ду маъно корбаст мешавад, ки яке *ҳунар*, *пеша* ва дигаре *истеҳсолот ва тавлидот* аст. Дар илми адаб он, асосан, ба ҳунари эҷодӣ ва санъатҳои бадеӣ тааллуқ дорад. Бояд гуфт, ки ҳангоми истифодаи ин калима дар радифи калимаи «бадоеъ» аз ҷониби Аҳмади Дониш он ба мазмуни истилоҳии худ наздик мешавад, чунончи дар ин ҷумла:

«Дигар, бидонед, ки ҳакими комил ва ҳунарманд ё саннои нодиркор ҳеч розӣ набошад, ки ҳунару санъати ӯ пӯшида бимонад, балки ҳамеша дар фикри ишҳор ва изҳори он бошад, то ҳамгинонро ба иқтидори ӯ дар камол вуқуфе бошад ва ин устоди моҳир дар саноеъ ва бадоеъ, ки мекунад, ҳаддалимкон ба таҳияи асбоб ва адавот мекӯшад, ки он санъат бе он ки ӯро ранҷе ва малоле оид шавад, ба зуҳур ояд ба ваҷҳе ҳасан» [14, с. 328].

Агар дар ҷумлаи боло калимаи «саноеъ» аксари маврид ба маънои санъат ва саноат омада бошад, дар ҷумлаи навбатӣ, ки мутафаккир андеши худро роҷеъ ба қасидаи Шамсиддини Шоҳин дар ҳаққи ӯ ва мухаммаси Музтариб бар ин қасида изҳор намудааст, сирф маънои санъатҳои бадеӣ (шеърӣ)-ро дорад. Ӯ қасидаи Шоҳинро ба услуби сода ва забони омма сароидашуда гуфта, аҷобати онро маҳз дар риояти истилоҳоти тоифаи мардум медонад ва татаббу бар луғати оммаро аз саноеи бадеаи шеър хондааст [18, с. 294].

«*Фасоҳат*» ва «*балоғат*» аз истилоҳоти илми каломи бадеъ мебошанд, ки аз ҷониби назарияшиносони форсу тоҷик аз ибтидои пайдо гардидани ин илм мавриди баррасию таҳлил қарор гирифта буданд. Аз ҷумла, назарияпардозоне ба мисли Родуёнӣ [26], Шамси Қайси Розӣ [27], Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ [33] ва дигарон роҷеъ ба балоғату саноати калом ба таври умумӣ ва балоғату фасоҳати шеър ба таври алоҳида изҳори назар намуда буданд. Мо дар ин қисмати кор ҷамъбасти мазмун ва мафҳуми ин ду истилоҳро баррасӣ намуда, назари Аҳмади Донишро роҷеъ ба онҳо муайян мекунем.

Мусаллам аст, ки маънои луғавии балоғат ҷавон ва расидан ба мунтаҳои чизе, комил шудан, расоӣ дар сухан ва зебоӣ мебошад, вале мафҳуми истилоҳии он сифати сухан ва гӯянда аст [90, с. 23]. Муҳаққиқ Худоӣ Шарифзода таърифи истилоҳи «балоғат»-ро аз ҷониби Шамси Қайси Розӣ оварда, онро чунин шарҳ медиҳад: «Мувофиқи ин таъриф, сухани балоғӣ расо, рехта, кӯтоҳу дур аз пургӯӣ ва дар ҳадди талаботи маънӣ бояд бошад. Балоғат дар се навъи сухан пайдо мешавад. Якум, дар эъҷози сухан, ки дар лафзи андак маънии фаровон ғунҷоиш меёбад. Дуюм, дар мусовот, ки баробарии маънии лафзу суханро мегӯянд. Сеюм, басти сухан аст, ки шарҳи маъниро бо алфозу ваҷҳу василаи бисёр меноманд» [157, с. 43].

Воқеъан, Шамси Қайс Розӣ аз балоғати шеър на ба таври мустақим ҳарф мезанад, балки таърифу тавсифи онро тахти шарҳи маҳосини шеър ва

саноати мустаҳсан, аз ҷумла шеъри мутакаллиф ва матбуъ овардааст [27, с. 349-350].

Шевоӣ ва равонии суханро фасоҳат меноманд ва маънои истилоҳии он истифодаи лафзи фасеҳ аз ҷониби адиб аст. Дар хусуси лузуми шоирӣ сухан гуфта, Аллома Шиблии Нуъмонӣ чунин иҳзори ақида мекунад: «Бар шоир лозим аст, ки кӯшиш кунад алфози маънус ва фасеҳ пайдо карда, истеъмол намояд ва аз ба кор бурдани алфози маънуси ғайрифасеҳ эҳтироз ҷӯяд, агарчи фасоҳатро аҳли адаб аз рӯйи мантиқ чунин таъриф кардаанд, ки «Ҳуруф аз танофур холӣ бошад ва ҳамчунин алфоз, ғайримаънус ва бо қиёси луғавӣ мухолиф набошад», вале ҳақиқат ин аст, ки ташхиси фасоҳат бо завқи солим асту бас, чи мумкин аст дар як лафз танофири ҳуруф, нудрати истеъмол, мухолифат бо қиёс набошад, баръакс, лафзи дигар ба куллӣ ғайримаънус ва нодирулистеъмол бошад ва боз фасеҳ хонда шавад» [109, с. 77].

Аҳмади Дониш дар хусуси он ки сухан бояд чӣ гуна бошад, бисёр гуфта, вале мустақиман аз фасоҳату балоғати калом нахустин бор дар мавриди шарҳи як вазъ бо истифода аз ин байти Бедил ибрози назар кардааст:

Фасоҳат нест ҷуз фаҳми мизоҷи мустамеъ, варна,
Ба қубҳи васфи номафҳум дашноме намебошад.

Фасоҳату балоғат каломи мавзун гуфтан ва ба маонии борик расидан аст, – мегӯяд Аҳмади Дониш. Ҳамин як ҷумлаи мутафаккир маъно ва мафҳуми истилоҳии ҳар ду калимаро барои хонанда мекушояд, яъне фасоҳат латофату салосати мавзуни лафз, ки барои шунидан гуворо бошад ва балоғат расондани хонанда ба маънои сухани гуфташуда аст, ки Дониш онро «ба маонии борик расидан» мегӯяд. Дар идомаи суханаш мутафаккир аз мафҳуми «маонӣ» сухан меронад ва зимни ташреҳи сухани Бедил онро чунин ба қалам кашидааст: «Яке аз маонӣ фаҳмидани мизоҷи мухотаб ва мустамеъ бошад ва ҳоло Абулмаонӣ ба салби куллӣ мефармояд, ки фасеҳи балиғ он аст, ки ташхиси ахлоқи мустамеъ тавонад кард ва ғайри ӯро

фасеҳи балиғ намегӯем ва ғайри ӯ ҳар кӣ бошад аз шуарову булаҕо ва аз уламои илми баёну калом, фасеҳи изофӣ бошад» [18, с. 305].

Фаҳмидан ва расидан ба мизоҷи шунаванда, яъне донистану дарк кардани мизоҷу хоҳишу ахлоқи шунавандаи сухан яке аз ҳадафҳо ва маонии сухани гуфташуда аст, ки бояд салису равон ва мукаммал бошад. Дар ин маврид он фасеҳи балиғ аст ва ғайри ӯ фасеҳи изофӣ хоҳад буд.

Муҳаққиқи шинохтаи тоҷик Худоӣ Шарифзода ҳамин маъноро бар асоси гуфтаҳо ва назариёти гузаштагон роҷеъ ба балоғати калом ҷамъбаст намуда, сифатҳои суханеро, ки бояд дар ҳадди камоли маънӣ ва мутобиқи завқи мухотаб бошад, нишон медиҳад. Ин сифатҳо дониши мувофиқи хониш, ақлу дониш ва завқи мухотаб ва алфози мувофиқ мебошанд [157, с. 55]. Ҳамин андешаро низ Аҳмади Дониш дар зеҳн доштааст.

Зимнан бояд гуфт, ки муҳаққиқи андешаҳои адабӣ ва эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон – М. С. Абдураҳмонов, дар шарҳи байти Бедил ва андешаи Аҳмади Дониш роҷеъ ба он ба ғалат роҳ додааст. Ин муҳаққиқ мафҳуми фасоҳатро аз баёни мутафаккир изҳор дошта, онро на танҳо изҳори каломи пурмазмун, балки расидан ба дарки мизоҷу хислати гӯянда дар сухани гӯянда гуфтааст [37, с. 109]. Ғалат маҳз дар шарҳи шинохти хислат ва мизоҷ, ки нисбати кӣ – гӯянда ё шунаванда гуфта шуда бошад, сар задааст, зеро Бедил на шинохтани мизоҷу хислати гӯянда дар каломи ӯро дар назар дорад, балки мизоҷи шунавандаро.

Андешаҳои боло ва назарҳои баъдии Аҳмади Дониш роҷеъ ба «фасеҳи комил», «фасеҳи балиғ» ва «фасеҳи изофӣ» ӯро ба пояи мутафаккирони илми каломи бадеъ баробар месозад. Чунончи, фикрҳояшро идома дода, мутафаккир «фасеҳи балиғ» ва «фасеҳи изофӣ»-ро ташреҳ медиҳад, ки ба соҳибсухан, яъне ба гӯянда, дахл доранд. Гӯяндае, ки аз мизоҷ ва ахлоқи шунавандааш бохабар аст ва суханро бар асоси ҳамин иблоғ мекунад, ӯ «фасеҳи балиғ» аст ва агар ин ҳунар ва қобилият надошта бошад, вале сухани фасеҳ мегӯяд, он «фасеҳи изофӣ» аст. Мисоли «фасеҳи изофӣ»-ро Дониш тавассути як пораи қитъамонанди Саъдии Шерозӣ шарҳ додааст ва андешаҳои ин ду мутафаккирро зоҳиран

мунокизи ҳамдигар медонад, чунончи: «Зимнан, Саъдӣ низ ба тарики куллӣ даъво карда, ки хабоиси нафси инсонӣ ба солҳои бисёр, балки то марг маълуми касе нашавад. Тибқи қавлайни азизайн (*Бедил ва Саъдӣ – Ш.Ш.*) чӣ навъ шавад, ки зоҳиран мунокизонанд ба ҳамдигар. Гӯем: «Саъдии Шерозӣ... низ аз марди ориф фасеҳи изофиро хостааст»...» [18, с. 306].

Аз шарҳи баъдии мафҳуми «фасеҳи балиғ» маълум мегардад, ки Аҳмади Дониш онро дар шинохти Абулмаонӣ Бедил «аҳли кашфу шуҳуд» донистааст, зеро мефармояд, ки мардум (авоми мардум), агар ҳоли ҳамдигарро надонанд, ба шинохти ҳоли уламо ва фузало нахоҳанд расид. Аммо сухани Бедилро аз истилоҳи фасеҳи балиғ аҳли кашфу шуҳуд донистааст, ки новобаста аз дар зовияи тангу торики маъвои худ қарор доштанашон, дар нимшаби тираву тор шаш ҷиҳати оламро дар нисфуннаҳори рӯзи равшан бо тамоми ҷузъиёту ашёву аҷсом ва ҳаракоту сукунатҳои аҳли он бинанд [18, с. 306].

Аҳмади Дониш «фасеҳи балиғ»-ро бо муродифи он – «фасеҳи комил», иваз намуда, мафҳум, маъно ва мазмунашро чунин баён медорад, ки фасеҳи комил онест, ки мизоҷи мухотабро бидонад, ки вай аҳли кашфу шуҳуд аст ё марде гирифтори пиндори худ, вай саид аст ё шақӣ, ҷаннатист ё ҷаҳаннамӣ, аммо илму идроки ӯ ба худии худ, вақте ки даҳан ба гуфтан мекушояд, фаҳм ва маълум мегардад [18, с. 306].

Дар ин маврид Аҳмади Дониш аз мавқеи аҳли ирфон ҳимоят мекунад ва онҳоро бар ҳар сирри пӯшида огоҳ мешуморад. Пас, маълум мегардад, ки Аҳмад-Махдум аз шоирону фозилон маҳз шоирону фозилони орифро сазовори сухани ҳақк, рост ва фасеҳ донистааст. Онҳое, ки ҳанӯз ба ин дараҷа нарасидаанд, вале сухани фасеҳ мегӯянд, бояд такмил ёбанд ва ба дараҷаи фасеҳи балиғ расанд.

Воқеан, масъалаи камол ёфтан ва такмил додани маҳоратро Аҳмади Дониш ба кулли ҳунармандон ва махсусан шоирон низ, раво дидааст ва мо онро дар мавриди зарурӣ мавриди таҳлил қарор медиҳем. Дар анҷоми таҳлили масъалаи фавқ ду истилоҳи дигарро, ки Аҳмади Дониш истифода

намудааст ва онҳо хилофи истилоҳҳои «фасоҳат»-у «балоғат» ҳастанд, ёдрас мешавем. Ин истилоҳҳо «балоҳат» ва «сафоҳат» мебошанд, ки ҳар ду ҳам ба маънои беақлию нодонӣ истифода шудаанд ва ба шахсони алоҳида, се нафар вазири вақт, тааллуқ доранд [18, с. 308]. Агарчи ин ду истилоҳ ба баёну бадеъ ва балиғу фасеҳ алоқа надоранд, вале ба назар мерасад, ки истифодаи онҳо маҳз дар вазн ва муқобили «балоғат»-у «фасоҳат» сурат гирифтааст.

### 3.2.4. Истифодаи истилоҳоти навъ ва жанрҳои адабӣ дар осори Аҳмади Дониш

Мусаллам аст, ки кулли осори адабӣ ба ду навъи асосӣ ҷудо мешавад, ки яке наср ва дигаре назм аст. Дар осори Аҳмади Дониш аз ин ду истилоҳ, агарчи зиёд истифода нашудааст, вале онҳо бо ҳамон маънои истилоҳии худ, яъне сухани ғайримуназзам, аммо мазмунан ва мантиқан ба ҳам алоқаманд ва сухани муназзами дорои вазну тартиби махсус истифода гардидаанд. Барои мисол, ҳангоме ки Аҳмади Дониш роҷеъ ба «маҷлисе сурония» нақл мекунад ва ҳунарнамоии моҳрӯёни маҷлисро васф менамояд, тарзи ҳикоят карданашонро ростистода ба қалам овардааст, ки бо овози дилфиреб аз забони худ онро ё бо назм ва ё бо наср иҷро менамуданд [14, с. 165-166]. Ва ё масалан, дар «Рисола» ҳикоятеро меорад бо чунин ҷумлаи муқаддимавӣ: «Ин маъниро Мавлавӣ Ҷомӣ дар силсилаи назм оварда» ва ҳикояти муҳташамзодаи пуртакаббурро аз осори Ҷомӣ овардааст [21, с. 103-104]. Зери мафҳуми «Силсилаи назм» Аҳмади Дониш дар шакли маснавӣ, яъне силсилаи байтҳои ҳамқофия омадани ҳикоятро дар назар доштааст.

Ҳангоме ки Аҳмад Дониш аз базми тӯйи духтари Император мурахҳас мешавад, дар ҳаҷми 70 байт маснавиеро дар васфи ин базм эҷод менамояд ва онро «дар силки назм даромад» мегӯяд [14, с. 178].

Ҳангоми мутолиаи осори Аҳмади Дониш маълум гардид, ки ӯ қариб аксари навъҳои ин ду навъи осори адабиро бо маънои истилоҳияшон

истифода намудааст ва бо ҳамин огоҳии комил доштанашро аз улуми адабӣ собит месозад. Ба таҳлили чанде аз анвоъ ва жанрҳои насру назм, ки аз ҷониби Аҳмади Дониш истифода шудаанд, мепардозем ва инчунин, андешаҳои назарии ӯро дар бораи онҳо баррасӣ менамоем.

***Жанрҳои мансур*:** Яке аз жанрҳои насрие, ки Аҳмади Дониш ба сароҳат аз он истифода менамояд, ин жанри **ҳикоят** аст. Муҳаққиқ Худоӣ Шарифзода маънои луғавии ҳикоя(т)-ро, ки сухан гуфтан ва аз чизе хабар додан аст, зикр намуда, шакли адабӣ гирифтани онро дар он вақт пазируфта меҳисобад, ки «вай барои чизе ва амалу кирдоре намуна бошад». Омӯзандагии ҳикояро муҳаққиқ дар монандиаш ба зиндагӣ қаламдод кардааст, ки асоси воқеӣ дорад [157, с. 244].

Адабиётшиноси тоҷик – Раҳими Мусулмониён, жанри ҳикояро вобаста ба талаботи замони муосир таҳлил намуда, воқеаи нисбатан хурд, вале яклухту томро хосси он медонад. Муҳаққиқ инчунин сужети ҳикояро равшан ва зиддиятҳояшро ошкор маънидод намуда, доираи персонажи онро аз латифаву тамсил васеътар мегӯяд [103, с. 133].

Аҳмади Дониш, пеш аз ҳама, ҳикоятро ҳамчун қисмати нақлҳои хеш дар осораш, аз ҷумла дар «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Рисола», барои тақвияти андешаҳояш меорад. Барои мисол, дар «Рисола» ҳикояте аз забони яке аз сайёҳон оварда мешавад роҷеъ ба саволу ҷавоби ҳокими Пешовар. Дар ин ҳикоят саволу ҷавоб роҷеъ ба Самарқанду Насафу Бухоро ва махсусан замину конҳои Бадахшон меравад ва хулосаи калом ин аст, ки подшоҳону амирони сарзамини Бухоро аз дороии сарзамини хеш ғофиланд, ҳол он ки чашму ҳавас ва ҳадафи ҳокимони дигар ба ин сарзаминҳо зиёд аст.

Дар масъалаи он, ки ҳикоятҳои нақлкардаи Аҳмади Дониш, воқеан, дар қолаб ва шакли жанри ҳикоят мувофиқ меоянд, ҷойи баҳс нест. Асли сухан ин аст, ки худи Аҳмади Дониш онҳоро аз мавзуъҳои дигари осораш бо истифодаи истилоҳи «ҳикоят» фарқ кунондааст ва ин маҳз вобаста ба шакл, тарзи гуфтор, иштироки персонажҳо ва ҳадафи нақл ба миён омадааст. Натиҷаи андешаҳои мутафаккир, ки роҷеъ ба насиҳат,

масъалаҳои фалсафӣ, динӣ, офариниш, эътиқод ва амсоли инҳо иброз гардидаанд, сарлавҳаҳои алоҳида ва фарқкунанда дошта, он нақлҳое, ки дар шакли ҳикоя оварда шудаанд, мустақиман маҳз ҳамин истилоҳро дар худ доранд. Нигоҳ ба унвонҳои баъзе аз нақлу андешаҳои Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» ин ҳукмро тасдиқ мекунад, агарчи ин сарлавҳаҳо ба ҳамин тарз аз ҷониби муаллиф шакл дода нашудаанд, вале онҳо дар аввали ин ҳикоёт бо ҳамин ҷумлаҳо сабт шудаанд, чунончи:

Бобҳо роҷеъ ба масъалаҳои насиҳатӣ, динӣ, фалсафӣ, қазову қадар ва ғайра:

Дар таҳқиқи ҳуқуқи абавайн ва ҳадди ҳуқуқи онҳо;

Дар таҳқиқи матои дунё ва ҳақиқати муомилоти он;

Дар сафорати Абдулқодирбек ва баёни аҷоиботи базм;

Дар таҳқиқи ишқу муҳаббати ҳақиқӣ ва маҷозӣ ва одоби ишқбозӣ;

Дар таҳқиқи ҷараёни қазову қадар ва вуқуи он ва он чи воқеъ шуданист;

Дар таҳқиқи руҳ ва нисбати тааллуқи ӯ ба абдон ва кайфияти марг;

Дар васоёи фарзандон ва баёни ҳақиқати касбу пешаҳо.

Ҳикоятҳо:

Дар ҳикояти фаромӯшхона ва баёни қурби соат;

Дар ҳикояти ҳоҷӣ ва манофеи сафар ва хислати занон;

Дар ҳикояти Абдулқосим-бӣ ва сафари Русия;

Дар ҳикояти гирдоби Искандар ва ғинои марди аҷамӣ;

Ҳикояти бӯзинаи таббох.

Яке аз талабот нисбати ҳикоятро Аҳмади Дониш диданӣ ва шуниданӣ будани он медонад, чунончи дар ин ҷумла омадааст: «Чун замона ва аҳли он мустаидди инчунин шуғл набуд, ман худро бад-ин тариқа машғул доштаме, то бад-ин восита ҳикоётуривоёт аз он чи дидаву шунида будам, дар шиққоту авроқ ҷамъ шуда, абнои ҷинс барои тааҷҷуб мебурданд ва мутолаа мекарданд [ва] боз меоварданд» [14, с. 16].

Ҷолиб аст, ки муаллифи «Наводир-ул-вақоеъ» ҳар ҳикоят ва ривоятро дар ин асар воқиф гардида, бар муқаддима ва сабабе гуфтааст. Аз

ин ҷо бармеояд, ки хоссияти дигари ҳикоят дар он аст, ки мазмуну мавзуи онро ҳодисаву воқеъаҳои зиндагӣ фароҳам меоранд ва гуфтани онҳо ҳадаферо пайгирӣ менамояд. Дар суханҳои Аҳмади Дониш, ки дар охири муқаддимаи «Наводир-ул-вақоеъ» сабт шудаанд, маҳз маъноии истилоҳии ҳикоятро метавон дарёфт, зеро муаллифи асар фароҳам омадани онро аз ҳикоят ва ривоят қаламдод намуда, таъкид мекунад, ки ҳар як ривоят ва ҳикояти дар ин асар омада муқаддима, яъне даромаде ва сабаберо доро будааст [14, с. 18].

Ҳикоят метавонад дар шакли наср бошад ва ҳам дар шакли назм. Дар ин ҳол мазмуни ҳикоят бар шакли он чира мегардад ва муҳим ҳадаф ва муҳтавои он аст. Дар боло ёд шуд, ки Аҳмади Дониш дар «Рисола» нақле аз забони яке аз сайёҳон роҷеъ ба суолу ҷавоби ҳокими Пешовар оварда, онро бо ҳикоят дар шакли назм, ки ба қалами Абдурраҳмони Ҷомӣ мутааллиқ аст, ҷамъбаст менамояд. Ба назм ва наср гуфта шудани ҳикоят ҷоиз аст ва инро мутафаккир дар «Дар ҳикояти Абдулқосим-бӣ ва сафари Русия», дар тасвири овозхонӣ шарҳ додаст. Ба мушоҳидаи Аҳмади Дониш, сурудхонӣ одатан ба таври нишаста иҷро мешуд, вале агар ҳикояте мекарданд, рост истода, бо овои дилфиреб ба забони худ ба назм ё наср онро анҷом медоданд [14, с. 166].

Чунин ба назар мерасад, ки Аҳмади Дониш ҳикоят то ҳикоятро аз ҳамдигар тасниф мекард, яъне баъзе ҳикоёт метавонистанд танҳо нақл ва баъзеи дигар нақли ба тарзи аҷоибу ғароиб бошанд. Дар ин маврид ҳикоят ба сомеъин таъсири дигар дорад ва он куллан ба жанри бадеӣ табдил меёбад. Ин мазмунро дар ҷумлаи зер аз ҳикояти боло дарк кардан метавон: «Агар нағмаи аҷиб ё ҳикояте ғариб ба самъи мустамеон расонанд, ғояти тааҷҷуб ва нишоди аҳли маҷлис он аст, ки каф бар каф мезананд, мукаррар то се бор, яъне ин нағма ва ҳикояти ту писанди мо афтод, боз аз сар гир, ё сози дигар бинавоз» [14, с. 166].

Дар мавриди дигар Аҳмади Дониш аз истилоҳи «ҳикоятҳои рангин» истифода намудааст, ки низ далолат ба ҳикоятҳои саршор аз санъатҳо ва гуфтори бадеӣ бар мабнои ҳодисаву воқеаҳои ҳаётӣ бошанд. Ин истилоҳ

дар радифи ибораҳои дигар мисли «базлҳои ширин» ва «нуктаҳои намакин» омадааст, ки низ далолат ба суханҳои бадеӣ доранд. Барои мисол, шарти ошиқ ин аст, ки вай бояд ва ҳатман марде донишманд ва аз ҳамаи фунуну илмҳо бохабар бошад, зеро дар сурати майли маъшуқ ба ҳунар, дар хизматаш ба по истад [14, с. 216].

Андешаи он ки ҳикоят асли воқеӣ дорад, вале афсона асли тахайюлӣ, дар ин шарҳи Аҳмади Дониш бармалост: Ҳангоми шунидани ҳикояти фаромӯшхона, Аҳмади Дониш «ихтирои ин санъат»-ро «бе асл набудааст» гуфта, дар қисас мастур буданашро ёдовар мешавад ва роҷеъ ба ҳикояти ҳаммонанд дар «Хамса»-и Низомӣ изҳори назар мекунад. Дар охири ин нақл бори дигар асл доштани ин ҳикоятро, яъне воқеӣ будани онро, тасдиқ мекунад ва дар ибрози ин фикр аз ибораи «ҳикоят дар сурати афсона» истифода намудааст, ки андешаи сирф назарист, чунончи: «Ва ин ҳикоят, агарчи дар сурати афсона оварда, лекин мумтанеи сирфа нест ва вуқуъаш дар хориҷ мумкин аст, боре аз асле холӣ нест» [14, с. 121]. Чун нақл бар мабнои ҳодисаи воқеӣ асос ёфааст он ҳикоят аст, вале чун ин нақл аз ҷиҳати тасаввури шунавандагони мавҷуда ғайри қобили воқеият аст, он афсонамонанд менамояд.

Воқеан, афсона аз он жанрҳои дигари фолклорию адабист, ки дар суханҳои Аҳмади Дониш ҳамоно ба ҳикояву нақлҳои ғайривоқеӣ ишорат дорад. Масалан, дар тасдиқи яке аз андешаҳои хеш ба хонанда, шунаванда ва умуман сомеъ муроҷиат карда, тавассути як сухани пандомез мегӯяд, ки агар гӯш кар набошад, афсона бисёр ва агар чашм рамад (пардаи сурх) надошта бошад, тамошо бешумор аст [14, с. 411].

Бадеияти ҳикоятро Аҳмади Дониш дар ҷойи дигар низ бо ибораи «ҳикоёти ширин» ифода кардааст. Инро дар мавқеи базми салотин ва мулук ба қалам оварда менигорад, ки пас аз масрафи обу таоми чошти давлатӣ дар ин маҷлис, «тайибу мазоҳ ва нақлҳои рангину ҳикоёти ширин бармедоранд, то арвоҳ дар эҳтизоз оянд...» ва ин кор барои зудудани тирагиву такаддур, ки дар рафъи муҳиммоти мардум бар замири султон нишаста буд, анҷом мешавад [21, с. 118-119].

Нақлҳои рангину ҳикоёти ширин дар радифи таййибу мазоҳ, яъне суханони фораму ҳазломез рафъи муҳиммоти мардум, ки дар замири султон нишастааст, мекунад ва руҳро дар ҳаракат медарорад. Ҷолиб аст, ки Аҳмади Дониш ба руҳ таъсир гузоштани на ҳар нақлу ҳикоят, балки маҳз нақлҳои рангину ҳикоёти ширинро таъкид намудааст, ки мо онро дар идома ба риштаи таҳлил хоҳем кашид.

Дар бисёре аз иқтибосҳои боло мушоҳида мегардад, ки истилоҳи «ривоят» дар радифи ҳикоят истифода шудааст ва на ҳама вақт ҳамчун муродифи он истифода мегардад. Баръакс, ҳангоми истифодаи ин ду истилоҳ Аҳмади Дониш онҳоро дар алоҳидагӣ ва барои фарқ гузоштан миёни ҳамдигар таъкид мекунад. Ин ҳадсро метавон тавассути як сухани Аҳмади Дониш ба субут расонид, ки дар боло иқтибос шуда буд. Дар ин ҷумла таносуби каломи ду ибора: «ҳикоёту ривоёт» - «дидаву шунида» хусусияти фарққунандаи ин ду жанри адабиро муайян мекунад, зеро ҳикоят, чунон ки дида шуд, бар воқеа асос ёфтааст ва ё худи гӯянда ва ё ягон шахси  дигар онро аз сар гузаронда нақл мекунад. Дар ин маврид ҳикоят аз чизи дидашуда нақл мекунад, вале ривоят танҳо тавассути нақл аз фалон ба фалон интиқол мегардад ва касе ба таври воқеӣ дар ҳодисаҳои он ширкат надоштааст ва доштан ҳам наметавонист. Онро дар ҳар давру замон танҳо шунидан метавону халос.

Яке аз истилоҳҳои дигаре, ки аз ҷониби Аҳмади Дониш дар радифи **ҳикоят** корбурд гардидааст, ин истилоҳи **базл** ё **базла** мебошад, ки мазмунаш дар ҷавоб ба таври ҳазлу шӯхӣ ва сухани шӯхиомез гуфтан  аст. Дар илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ онро латифа ва ё аския мегӯянд ва муҳаққиқ Р. Мусулмониён латифаро ҳамчун жанри хурдтарини эпикӣ таҳлил намуда, муъҷазбаёнӣ ва лутфро характери асосии ин жанр менигорад [103, с. 134]. Латифа аз қадимтарин жанрҳои адабӣ ба шумор омада, он дар китобҳои адабӣ, таърихӣ, тасаввуфӣ ва ҳатто дар китобҳои ҳикмат нисбат ба аҳли касбу пешаҳои гуногун сабт гардидааст [157, с. 251-252].

Мушоҳидаи мо вобаста ба истифодаи калимаи базл(а) аз ҷониби Аҳмади Дониш нишон дод, ки мутафаккир маҳз мазмуни истилоҳии онро дар назар доштааст ва агар ҳикоятро нақлҳои ширин ва ғариб гӯяд, базл(а)ро ба ҳукми латифа ё аския кор фармудааст. Барои мисол, дар ҷумлае аз созу нағмаи маҳрӯён дар маҷлис сухан гуфта, ҳикоятгӯӣ ва базлагӯии онҳоро аз ҳунарҳои дигар муаррифӣ намудаст, ки низ дар баробари созу наво дар маҷлисҳо иҷро мегардид [14, с. 165-166]. Ё, масалан, дар ҷумлае, зимни шарҳи ҳунари ошиқ гуфта шуда буд, бо базлҳои ширин ва ҳикоятҳои рангин хуш доштани табъу дили маҳбубро аз ин ҳунарҳо маънидод мекунад [14, с. 216].

Базлагӯён аз зумраи он мардумоне ҳастанд, ки базми шоҳу вазир ва султону амирро оро медиҳанд. Онҳоро дар қатори дигар ҳунармандон раиси бадоеъ аз имтиҳон мегузаронад ва барои гарм намудани базми султон омода мекунад. Инро Аҳмади Дониш чунин гуфтааст: «Ва касон, ки лаёқати суҳбати мулук доранд аз удабову фузало, базлагӯю ширинсухан ва аз имтиҳони раиси бадоеъ баромада, дар он ҷо  пеш аз он ки султон ояд, ҳозир бошанд ва бо султон маҷлис медоранд» [21, с. 118].

Аҳмади Дониш аз истилоҳҳои «қисса», «қисас», «саргузашт» ва «ахбор» низ ёд намудааст ва бояд гуфт, ки истифодаи «қисса», асосан, ба ҳайси муродифи «ҳикоят» омадааст, чунончи дар ин ҷумла: «Ва бар таҳрири ҳар як иллате муқаддам афтода, ки он дар зайли он қисса марқум хоҳад шуд» [21, с. 18]. Дар ҷойи дигар калимаи «қисса» ба мазмуни нақл омадааст ва низ маънои ҳикоятро дорад: «Фарангиён чун дар таҳқиқи ин навъ умури аҷиба хавзе доранд, яҳтамил, ки дар ҳақиқати он қисса ва ҳаққияти он иҷтиҳоде бакамол базл намуда, мисли он шаҳре ё иморате ихтироъ карда бошанд...» [14, с. 121].

Ибораи «ҳақиқати он қисса» аз иқтибоси боло ҷолиби таваҷҷуҳ аст, зеро дар ин маврид қисса ба ҳикоят наздикии қавӣ пайдо менамояд ва мисли ҳикоят бар заминаи воқеӣ такя мекунад. Инро дар ҷумлаи дигари ҳамин нақли муаллиф низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар он аз ихтирои ин санъат ҳарф зада, онро бе асле набудааст, мегӯяд. Муҳимм ин

аст, ки ҷинси чунин санъат (ҳунар)-ро як амри аҷоиб ном бурда, онро дар қисас мастур гуфтааст [14, с. 121].

***Жанрҳои манзум:*** Мусаллам аст, ки жанрҳои гуногуни манзум дар осори Аҳмади Дониш ҳамчун зевар дар ҷомаи шоҳона истифода мегарданд ва барои иншои ҳар вазъу ифшои ҳар маънӣ навъе аз навъҳои шеърӣ ба кор бурда мешуд. Бар замми ин, Аҳмади Дониш мустақиман аз навъу жанрҳои шеърӣ сухан мекунад, ки андешаҳои адабӣ ва назарии ӯро ташаккул додаанд. Ӯ ҳангоми истифода аз шакл ва жанрҳои шеърӣ аксари вақтҳо навъи онро нишон медиҳад. Аз ҷумла, агар мисраъ ё байтеро истифода кунад, онҳоро бо ҳамин ном ёд мекунад ва агар рубоӣ, онро «рубоӣ» менависад. Ба ҳамин тариқ, қитъаву маснавиро низ ном мебарад ва баъзан бидуни мушаххас намудани навъ ё жанри шеърӣ онро бо унвони «назм» ном бурдааст. Аммо мо дар ин қисмати таҳлил аз суханҳои алоҳидаи мутафаккир роҷеъ ба жанрҳои манзум таҳлилро анҷом медиҳем, то назари ӯро дар бораи ба ҳар як шакл ва жанри адабӣ мушаххас намоем.

Ба қавли аҳли адаб, кӯтоҳтарин сухани мавзун мисраъ ва хурдтарин шеър байт аст. Байт асоси шеърро ташкил медиҳад, вале агар танҳо бошад ва аз он шеър сохта нашуда бошад, онро фард мехонанд.

Вожаи «**байт**» дар осори донишманд ҳам ба мафҳуми истилоҳӣ ва ҳам ба маънои намунаи назм истифода шудааст. Масалан, ҳангоми эҷоди қитъа ба ҳайси сипоснома ба туҳфаҳои Остреомухов Дониш аз калимаи «**байт**» ба маънои истилоҳии он истифода намудааст. Мутафаккир мегӯяд, ки дар ивази ҳадяи Остреомухов чизеро лоиқ наёфтааст, ба ҷуз аз бо «ду-се байти мадҳ» онро ҷуброн намояд [14, с. 147]. Инчунин, вақте ки мутарҷим роҷеъ ба иншои чанд байти шеърӣ аз ҷониби элчии кошғарӣ дар васфи Петербург ба Аҳмади Дониш нақл мекунад, мутафаккир зимни бознақли он байтро ба маънои истилоҳӣ истифода намудааст [14, с. 171].

Бар замми ин, дар чанд ҷойи осори мутафаккир «**байт**» ба мафҳуми шеър ё назм ҳам омадааст, ки ҷумлаи зер аз шарҳи як қитъа дар «Наводир-ул-вақоеъ» метавонад барои ин ҳадс мисоли возеҳ бошад: «Маҳалли ишкол

дар ин байти шоир зуҳди фосиқ аст ва меҳмонии бетақлид ва гадоии базӯр» [14, с. 224].

Дар ҷое истифодаи «байт» аз ҷониби Дониш ҳам ба маънои байти алоҳида ва ҳам ба мафҳуми назм ё намунаи шеър омадааст. Дониш аз хусуси ҳаводаҳанӣ ва ифтихори номуносиби Афзал, ки бо ӯ сари душманӣ гирифта буд, ёд карда, роҷеъ ба шеъри ӯ мегӯяд, ки яке аз *байти* ӯро бар исботи даъвояш пеши яке аз фозилон хондам [18, с. 279]. Ба назар мерасад, ки Аҳмади Дониш дар ин ҷумла байт гуфта, ғолибан намунаи назм ё шеърро дар назар доштааст.

Аҳмад-Махдуми Дониш зимни шарҳи як масъала ва маънои як байт аз истилоҳе истифода намудааст, ки он дар асарҳои ба шеъру назм бахшидашуда ба назар нарасид. Ин истилоҳ «часпонибайт» аст, ки нисбат ба байти зер истифода гардидааст:

Гарчи аҳволашон парешон аст,
Илмашон дастгири эшон аст. [14, с. 408].

Чунин ба назар мерасад, ки истилоҳи «часпонибайт» ихтирои худи Дониш буда, он ба маънои байти часпондашуда ё худ байти дар боло омада истифода шудааст. Барои возеҳ гардондани ин ҳол ва ин маънӣ зарурат ба овардани иқтибоси комил аст ва мо онро айнан меорем: «Се тоифа гумроҳтарини халқанд ва бадбахттарини мардум. Яке он, ки касби илм барои дунё кунад, дигар он ки зуҳдро доми ризқ гардонад, сеюм он, ки дар вақти солеҳ ва сооти маҷруҳ аз Худой дунё талабад ва он чи сӯфӣ гуфта:

Гарчи аҳволашон парешон аст,
Илмашон дастгири эшон аст.

Маънои он ин нест, ки уламо ҳар кор, ки кунанд ва ба ҳар рафтор, ки бошанд, дар охират ин илм «ас-самоу фавқано ва-л-арзу таҳтано» ё «фарзу-л-вузуъ-ғусл-ал-ваҷҳи» эшонро дастгирӣ кунад ва аз ҷаҳаннам бираҳонад. Ҳошо, балки маънии рехтаи **часпонибайт** (*таъкид аз мост*) ин аст, ки

уламои ҳақиқӣ, ки бар зоҳир иктифо накунанд ва бар ботин раванд, ҳоли онҳо парешонӣ дорад ва ба воситаи илтизоми фақру риёзат ва маҷҳулҳоланд. Ва кас эшонро ба ҳеч поя насанҷад дар дунё, аммо дар охират ин илм эшонро дастгир бошад» [14, с. 408].

Дар як ҷумла мутафаккир истилоҳи «**тарсеъ**»-ро истифода кардааст, ки сирф ба маънои мисраъ омадааст. Ин истилоҳро Аҳмади Дониш дар овардани мисраи машҳури «Дар Самарқанд гурба ях нахӯрад» истифода кардааст, хулоса мекунад, ки аҳли нодон гуфтани чунин тарсеъро ҳунар шуморанд [14, с. 107]. Аммо дар ҷойи дигар ҳар ду мисраъи ин байтро истифода намуда, онро «байт» мегӯяд [18, с. 315].

Дар масъалаи истилоҳи байтро ҳамчун ҷузъи шеър донистани Аҳмади Дониш ва нуқта гузоштан ба ин масъала аз вазъе ёдовар мешавем, ки ба донишманд рух дода будааст ва сабабаш маҳз байте гардидааст. Аҳмад-Махдум менависад: «Навбате дар авосити умр аз ҷиҳати гурез аз ашғоли дунявӣ ба нияти тарку таҷрид ва ёфтани муршиди комил бо рафиқе ба сари саҷҷода барои истихора нишастам. Субҳ ин байтам маснуъ шуд, ки:

[Назм]

Пеш аз ману ту бар рухи ҷонҳо навиштаанд
Туғрои некбахтиву нили бадахтарӣ.

Бархостам, рафиқро гуфтам: Ту бирав ва ба фулон инобат кун, ки ман маъзун нестам дар ин кор. Яъне ин байт мутобиқи ҳадиси қудсӣ ба назар аст, ки сарвар салла-л-Лоҳу алайҳи ва салламро, мақодири халқ пеш аз офариниши осмону арз ба ду ҳазор сол навишта шуда, ки заррае пасопеш наравад ва дар явмулҳисоб чун ҷаридаи аъмол ва арзоқу оҷол бад-он муқобала кунанд, бе тахаллуф мутобиқ ояд.

Пас, таъвили байт назар ба муқтазои мақом он аст, ки мо туро аз саодату шақоват ва некбахтию бадбахтӣ мақоме муқаррар кардаем. Туро нарасад, ки гӯӣ: Ман ин кор кунам ва ин кор накунам ва бад-ин роҳ наравам ва ба ин роҳ равам. Ба кадом ҷониб, ки туро ҳавола кардем,

мулозими он бош ва бар он ҷода мутараддид. Ман пеш аз ин воқеа ин байтро аз ҳеч кас нашунида будам ва ба ҳеч девон надидам, то рӯзе ин байтро дар қасоиди Саъдии Шерозӣ ёфтам. Сатри муқаддимааш ин байт аст, ки: Байт:

Онро, ки тавқи мудбирӣ андар азал Худой
Тақдир кард, чун накашад зилли мудбирӣ!?» [14, с. 289-290].

Рубоӣ аз ҷумлаи он жанрҳои лирикии шеъри тоҷикии форсист, ки куллан бо мафҳуми истилоҳии худ аз ҷониби Аҳмади Дониш истифода гардидааст. Ба назар чунин менамояд, ки Аҳмади Дониш рубоиро ҳамчун хурдтарин шакли шеърӣ қабул доштааст ва эҷоди як рубоиро ҳанӯз камоли шоирӣ намедонад [21, с. 45].

Худи рубоиро Аҳмади Дониш аз дигар шаклҳои шеърӣ дида, дар асарҳояш хеле зиёд истифода намудааст ва бо овардани ҳар як рубоӣ андешаҳои гуногуни хешро таҳким мебахшад. Махсусан, рубоиҳои Бедил барои Аҳмади Дониш ҳамчун далел ва собитсозандаи андешаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқию тарбиявии мутафаккир истифода гардидаанд.

Истилоҳи «ғазал»-ро Аҳмади Дониш, асосан, ба мафҳуми жанр истифода кардааст ва дар мавриди аввал он дар дохили ибораи машҳури «қавлею ғазале» омадааст, ки ба хондани таронаву ғазал бо оҳангро ифода намудааст. Масалан, Дониш роҷеъ ба базми дарбори Императори рус нақл карда, чунин саҳнаро дар бораи ҳунарнамоии ҳунармандон тасвир мекунад: «... ки дар пеши он самтур ниҳода буд, менишастанд ва фасле аз нағма ба нохун адо мекарданд ва қавлею ғазале мехонданд...» [14, с. 166].

Дар ҷойи дигар дар «китобати ғазалиёт» Дониш маҳз китобати девони ғазалҳои Бедилро дар назар дорад. Ин қавл дар он нақле омадааст, ки дар аввалҳои касби дониш дар мадраса, Дониш бо ҳамсабақе робитаи қавии дӯстӣ пайдо менамояд ва ин рафиқаш аз хушнависию тасвирбофии Дониш огоҳ мегардад ва ӯро «китобати ғазалиёт» мефармояд [14, с. 354].

Дар қиссае, ки Аҳмади Дониш роҷеъ ба ашъоре, ки шоирон Шоҳин, Тамкин ва Музтариб дар эҳтирому эътирофи Аҳмади Дониш алайҳи

носипосиҳои Мир Афзал эҷод намудаанд, ӯ чанд бор истилоҳи «қасида»-ро истифода намудааст, ки, аслан, ба мафҳуми жанрии худ омадааст. Зимнан аз мухаммас ҳам бо ҳамин истилоҳ ва бо истилоҳи «тахмис» ёд овардааст. Порчаро ба таври комил нақл мекунем:

«Дар он асно, ки вай (*Мир Афзал дар назар аст – Ш.Ш.*) ба ҳиҷо ва мазаммати ман тарзабон буд, китоби мазкурро (*«Наводир-ул-вақоеъ» дар назар аст – Ш.Ш.*) яке дигар аз фузало барои мутолиа бурда, баъд аз тамоми иститлоъ қасидае дар мадеҳи ман карда овард. Дигар аз шуаро онро дида, тахмис намуда; ба ҳар кадом силае мувофиқи ҳоли худ додам. Ва он ин будааст, ки маа мухаммас мактуб шуд ва номи домуллои ҳиҷогӯйро аз он ҷиҳат, ки шунида ва дониста буд, дар зайли он қасида набишта ва мазаммат намуда ва он ин аст» [18, с. 291-294]. Дар давоми ин нақл қасидаи Шоҳин дар тахмиси Тамкин оварда шудааст, ки зикри онро зарур намешуморем.

Ҷойи эътироф аст, ки шуаро аксаран мухаммасро бар ғазали ин ё он шоир эҷод мекарданд ва тахмис бастан ба қасида аз навиҳои адабиёти тоҷики асрҳои баъди XVII будааст. Барои таҳлили мо арзиши гуфтаҳои Аҳмади Дониш дар он аст, ки ӯ маҳз шакли шеърии эҷодкардаи Шоҳинро қасида мегӯяд бо ду далел: аввалан, абёти он аз абёти ғазал ду баробар афзун аст (17 байт) ва дуюм, дар маркази тасвири он мамдуҳ (яъне Аҳмад-Махдум) ва сифату ҳунарҳои ӯ меистад. Чунон ки дидем, эҷоди Музтарибро бар асоси қасидаи Шоҳин тахмис ва мухаммас гуфтааст, ки он мафҳум ва талаботи пурраи ин жанрро дорад. Аммо дар масъалаи қасида Аҳмади Дониш пас аз мухаммаси овардашуда ду бори дигар истилоҳи «қасида»-ро вобаста ба мадҳи Шоҳин истифода намуда, қасидаи Тамкинро на «қасида», балки «мадҳ» гуфта, бо ҳамин иктифо намудааст. Ҷойи тазаккур аст, ки мадҳу ҳиҷо гуфта, Аҳмади Дониш ҳамоно ду истилоҳи адабиро дар назар дорад, ки яке ба васфу ситоиши мамдуҳ ва дигаре ба ҳаҷву ҳиҷои шахсе бахшида шуда бошад.

## 3.3. Шеър ва ҳунари шоирӣ аз нигоҳи Аҳмади Дониш

Аҳмад-Махдуми Дониш ҳамчун мутафаккири замони худ ва ҳамчун пешоҳанги тамаддуни давраш ба бисёре аз масъалаҳои каломи бадеъ бетафовут буда наметавонист. Агар дар масъалаҳои навъ ва жанрҳои илми адабиёт ӯ аксаран дар доираи масъалаҳои мухталиф дахл кардааст, дар масъалаҳои эҷод намудани шеър, муносибати шакл ва мазмуни шеър, ҳадаф ва вазифаҳои он, хислат ва рисолати шоир ва соири масъалаҳо дар ин ҷода бевосита изҳори ақида намудааст ва ин андешаҳои ӯро метавон ҷамъбасти афкори назарӣ ва адабии классикии тоҷикӣ ном бурд. Андешаҳои адабии Дониш агарчи дар масъалаҳои умумӣ ба назарияи гузаштагони адабиёти тоҷик мувофиқат намоянд ҳам, дар масъалаҳои ҷузъӣ мутафаккир сирф андешаҳои худро баён менамояд, ки, асосан, бар пояи афкори фалсафӣ, таърихию иҷтимоии ӯ шакл гирифтаанд. Дар ин қисмати рисола таҳлили ҳамин масъалаҳо анҷом дода мешавад.

Яке аз масъалаҳои марказӣ дар андешаҳои адабии мутафаккир шарҳи шеър ҳамчун санъати нафиса мебошад. Ин андешаҳо, пеш аз ҳама, дар қисмати «Дар васоёи фарзандон ва баёни ҳақиқати касбу пешаҳо» аз «Наводир-ул-вақоеъ» ташреҳ гардида ва мутафаккир тарафҳои хубу нохуби ин пешаро дар радифи пешаву касбҳои дигар баён месозад. Мушоҳида гардид, ки Дониш «муқовалаи ашъори мавзун ва гуфтани шеърҳои бомазмун»-ро аз ҷумлаи он пешаҳое медонад, ки аҳли қалам ба он муҳаббат дорад ва бар он ифтихор меварзад. Ин пеша барояшон чун маншаи бартарӣ ва афзалият будааст [14, с. 368].

Худи сарлавҳаи барои ин пеша эҷодкардаи Аҳмади Дониш ба як андешаи назарии нотамом дар хусуси шеър баробар мебошад. Пеш аз ҳама, шеър қавл аст, қавл ё гуфтугӯ миёни ду кас, яъне гӯянда ва шунаванда. Маълум аст, ки дар маркази андешаҳои назарии гузаштагони адабиёти мо истилоҳи «калом» дар шарҳи маънои шеър истифода мегардид ва он маънои суханро дорад, чунончи Ибни Сино онро «каломи мухайял»,

Насируддини Тусӣ «каломи мавзун» ва дигарон низ ҳамчунон гуфтанд [163, с. 36-37].

«Гуфтан» хоссияти калом аст ва «қавл» муродифи дигари ин калима мебошад, ки Аҳмади Дониш шакли «муқовала»-и онро истифода намудааст. Дуруст мебуд, агар қавли Аҳмади Донишро дар ин ҷода бо суханони Ибни Сино дар муқоиса қарор диҳем ва ошкор созем, ки ӯ то кадом дараҷа бар пояи бузургтарин файласуфон ва каломи бадеъшиносон андешаронӣ намудааст.

Мусаллам аст, ки Ибни Сино шеърро каломи хаёлангези аз қавли мавзун ва мутасовӣ таълифшуда медонад [136, с. 21].

Аҳмади Дониш низ пешаи шоириро қавли ашъори мавзун ва гуфтани шеърҳои бомазмун медонад [14, с. 368].

Профессор Абдунабӣ Сатторзода андешаҳои Ибни Синоро роҷеъ ба шеъру шоирӣ дар муқоиса бо афкори Арасту таҳлил намуда, масъалаи дарки маъно ва мазмуни шеърро аз ҷониби Сино бо овардани иқтибосҳо аз гуфтаҳои худи файласуф чунин нақл мекунад: «Мухайял ва шӯрангезии сухан, яъне таъсири эстетикии он, бинобар гуфтаи Абуалӣ ибни Сино «бархе ба замони гуфтор ва шумораи он, ки ҳамон **вазн** бошад, вобастагӣ доранд ва бархе дигар ба гуфторе, ки шунида мешавад ва порае аз онҳо ба **маънӣ ва мафҳуми сухан** ва дастае ба шунида ва дарёфта ё лафзу маънӣ ҳар ду вобастаанд». Лафзу маънӣ дар навбати худ ба ду ваҷҳ хушоянд ва шигифтовар хоҳанд буд. Якум: «чӣ ё найранге ба кор бурда нашуда ва худ лафз шевост, бе он ки санъате дар он ба харҷ диҳанд, ё ин ки маънӣ худ ба худ ва бидуни санъат ғаробате дорад, сарфи назар аз ғаробате, ки намоиш ва муҳокот ва тахайюл эҷоб мекунад» ва соният «ё ин ки найранге дар лафз ё маънӣ хоҳ баст ва хоҳ мураккаб ба кор бурдаанд ва муҷиби шигифте шудааст» [136, с. 23-24].

Аз он чизе, ки дар шарҳи боло оварда шудааст, барои таҳлили мо, дар муқоиса бо андешаҳои Аҳмади Дониш, ду масъала арзиши махсус доранд, ки яке муносибати лафзу маънӣ ва дигаре хушояндию

шигифтоварии лафзу маънӣ бидуни ҳар гуна тахайюл ва муҳокот мебошанд.

Он ки Аҳмади Дониш пешаи шеъру шоириро «...муқовалаи ашъори мавзун ва гуфтани шеърҳои бомазмун…» гуфтааст, маънои эҷоди ашъори аз лиҳози шакл ва мазмун мусовӣ ва олиро дар назар доштааст. Пас, Аҳмади Дониш эҷоди шеърро барои сомеоне зарур медонад, ки «аз шунида ва дарёфта ё лафзу маънӣ» мутаассир мешаванд. Воқеан, донишманд мувофиқати лафзу маъниро барои шеъри олӣ асос мешуморад, чунончи дар ҷавоб ба сипоси Императори рус барои мувашшаҳе, ки дар тӯйи духтараш навишта буд, изҳор медорад:

«Боре ҳамроҳи духтараш даст ба даст ҳамоил карда меомад ва бо мо бархӯрд ва ба ман хитоб кард, ки он тавшеҳе, ки ту дар васфи малика кардаӣ, дидам ва аз ту бисёр хурсанд шудам, басо маъниҳои баланд дошт. Аммо афсӯс, ки мо лафзи онро намедонем, то сара аз сақат маълум кунем.

Гуфтам: Алфоз қаволиби маъниҳост, то лафз хуб наёяд, маънии баланд аз вай сар бар назанад» [14, с. 176].

Бо ин андешааш Аҳмади Дониш афкори муҳаққиқону мутафаккирони пешинаашро дар масъалаи мазмун ва шакли шеър тақвият медиҳад. Боз ҳам мурочиат ба андешаҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ дар ин замина мекунем, ки роҷеъ ба лафзу маънии шеър ибороз намуда будаст ва Аҳмади Дониш гӯё онҳоро бо як ҷумла ҷамъбаст намудаст:

Гар бувад лафзу маънияш бо ҳам,
Ин дақиқу латифу он муҳкам.
Сити ӯ роҳи осмон гирад,
Номи шоир ҳама ҷаҳон гирад.
В-ар бувад аз табиати торик:
Маънии ӯ касифу лафз ракик.
Наравад аз бурути ӯ боло,
Пеши ришаш бимонад он коло. [135, с. 528].

Роҷеъ ба мазмун ва маънои ин порчаи маснавӣ ҳарф зада, муҳаққиқ Абдунабӣ Сатторзода чунин изҳори назар кардааст: «Аз рӯйи гуфтаи ӯ (Абдурраҳмони Ҷомӣ – Ш.Ш.), агар «лафзу маънӣ»-и шеър ба ҳам бошад, яъне маънияш «дақиқу латиф» ва лафзаш «муҳкам бошад», овозаи он ва номи шоир ҳама ҷаҳон гирад. Дар акси ҳол, агар маънии шеър «касиф» – нопок ва лафзи он «ракик» – суст бошад, бозори он касод мешавад. Ин гуна шеърро ба коло – матоъ нисбат додани шоир бе чиз нест» [135, с. 528].

Масъалаи дуюм, чунон ки зикр намудем, андешаҳои Аҳмади Дониш вобаста ба дарки ашъори мавзун ва таъсири он ба шунаванда ҷонибдори мақбули хотир гардидани сухани мавзун дар пояи маъно ва мазмуни ғариб мебошад. Дониш сифати ростӣ ва ҳақиқатро дар шеър тарафдор аст, на мадҳи тамаъкоронаро. Чунончи дар ин пораи суханаш аз шарҳи пешаи шоирӣ омадааст: «Покии домони ғино зеби кисвати тамкиннисбате, ки бар ҳарзатозии афсуни тамаъ, хоки роҳи ағниё бар фарқи номуси сухан набехт ва сафои гавҳари бениёзӣ тирози фитрати дарёҳиммате, ки ба талотуми амвоҷи эҳтиёҷ обрӯйи маънӣ дар пойи ситоиши дунон нарехт. Агар фаҳми маъонӣ ба дараҷоти нашъаи таназзуҳ нарасонад, ҷуз дараҷоти илми шайтонаш натавон шумурд ва агар касби камол ба садри маҳфили тақаддус нахонад, дар нанги залолати абадӣ бояд мурд. Бас, ҳайф иборате, ки аз муаммои иродааш номи ҷифа (табоҳшуда) барояд ва афсӯс маъние, ки аз оинаи латофаташ муддаои касиф чеҳра кушояд» [18, с. 203].

Дар «покии домони ғино» Аҳмади Дониш ҳамоно тозагии забону мадҳи суруд, шеър ва ба истилоҳи имрӯза ашъори ғиноӣ (лирикӣ)-ро дар назар дорад. Воқеан, дар матни мунтахаби «Наводир-ул-вақоеъ», ки соли 2020 аз ҷониби Баҳриддин Мирзоев ва Изатулло Мирзоев таҳия гардидааст, ба ҷойи «покии домони ғино» «покии домони ғано» омадааст [14, с. 369], ки, ба фикри мо, дуруст нест, зеро агар вожаи «ғино» ба суруд, овози тарабангез, нағма, оҳанг ва ҳамчунон ифшои эҳсоси шахсӣ далолат дошта бошад, калимаи «ғано» ба маънои давлатмандӣ, дороӣ ва тавонгарӣ меояд. «Ғано» ба мазмуни ҷумлаи боло мантиқан дуруст намеояд.

Пас аз эҷоди чунин як сарлавҳаи арзишманд барои пешаи шоирӣ, Аҳмади Дониш тафсир ва сифату заъфи ин ҳунарро бо хислати шеъркунанда ва сифати шеър оғоз менамояд. Ҷойи зикр аст, ки мутафаккир тафсиру шарҳи шеъру шеъркунандаро ба таври алоҳида камтар гуфта, балки онҳоро якҷо баррасӣ менамояд ва албатта, ин усули таҳлил мантиқан дуруст аст, зеро, аз нигоҳи Аҳмади Дониш, шоир агар комил набошад, ӯ шеъри комилро навишта наметавонад (дар ин бора дар поёнтари ҳамин қисмат сухан хоҳад рафт).

Оғози ташреҳи пешаро Аҳмади Дониш бо шарҳи эҷоди шеър оғоз мебахшад ва онро бе шакк «хислате ҳамида ва санъате писандида» зикр мекунад, ба шарте ки он аз «ҳамду наът ва сифати аҳли ҳақ ва мавъизаву насиҳат» иборат бошад [14, 369].

Дар ин ҷумлаи аввали шарҳи мутафаккир чанд арзиши шеър навиштан ва шеър гуфтан баён гардидааст. Пеш аз ҳама, навиштан ва гуфтани шеърро Аҳмади Дониш, аз як тараф, хислат ва аз ҷониби дигар, санъат меномад. Ин хислат ҳамида ва ин санъат писандида аст. Ба фикри ин ҷониб, шеърро «хислати ҳамида гуфтан»-и Аҳмади Дониш, ба андешаи ӯ, дар хусуси фитрӣ ва табиӣ будани истеъдоди илму ҷаҳли инсонӣ рафта мерасад, чунончи дар яке аз порчаҳои васоё ба фарзандонаш омадааст: «Пас, агар шумо (*фарзандон – Ш.Ш.*) дар ин ҳолот тааммуқу тафаккур кунед, медонед, ки ҳар касе барои чӣ кор махлуқ шуда, ваҷҳи маоши интиоши ӯ аз чӣ роҳ аст ва аз куҷост ва ӯро кадом кор [-у пеша] мебояд, ҳам аз сиғари син дар мизоҷу табиати ӯ зоҳир  шавад ва ғолиб ояд. Ва ба ҳеч кори [дигар] сар фуруд наёрад, то мулоими табъи худро наёбад ва салоҳу фасод, чунки истеъдодоти илму ҷаҳли инсонӣ фитрӣ ва ҷибиллӣ аст» [14, 335].

Дар зери мафҳуми **хислат** Аҳмади Дониш ҳунар ва пешаро дар назар дорад, ки маънояш «шеър гуфтан ҳунари воло» мебошад. Вале **санъат** гуфтани шеър аз ҷониби мутафаккир ба санъати нафиса будани шеър далолат дорад, яъне, шеъри мавзун (аз лиҳози шакл) ва пурмазмун (аз лиҳози мазмуну мундариҷа) худ санъат аст, зеро он таъсир дар нафс дорад.

Масалан, Аҳмади Дониш таҳти тафсиру ташреҳи пешаи шеър ва шеърнависӣ шоирони ҳиҷонавису фаҳшгӯйро мазаммат намуда, изҳор медорад, ки шеъри онҳоро дар нафс ба ҷуз барангехтани шаҳват ё барпо доштани фаҳш дигар ҳеч таъсире набувад [14, с. 370-371]. Воқеан, Низомии Арӯзии Самарқандӣ низ шоириро саноат гуфтааст [30, с. 50].

Чунон ки дида мешавад, масъалаи таъсири шеър ба нафс аз масъалаҳои дигари марказии андешаҳои адабии Аҳмади Дониш мебошад, ки аз афкори пешиниён дар ин ҷода тафовут дорад. Ба қавли Абуалӣ ибни Сино: «...мақсади асосии эҷоди шеър таъсири нафсонии он мебошад». Ӯ изҳор медорад, ки сухани хитобаро барои бовар кардан ба кор мебаранд ва шеърро бошад, барои тахайюл ва шӯрангезӣ истифода менамоянд [136, с. 23].

Ба хаёл бурдани хонанда ва дар дилу андешааш шӯру ҳаяҷон овардан хоссияти шеър аст ва барои ҳамин Аҳмади Дониш таъсири шеъри шоирони фаҳшгӯю шаҳватситоро дар нафс ба ҷуз аз барангехтани шаҳват ё устувор намудани фуҳуш дигар чизе намебинад. Ҳол он ки Арӯзии Самарқандӣ, баръакси Аҳмади Дониш, вале мисли Ибни Сино, тарафдори барангезиши қувваҳои ғазабонию шаҳвонӣ тавассути шеър мебошад бо ин гуфтааш: «Ва ба иҳом (гумон) қувваҳои ғазабонию шаҳвониро барангезад, то бад-он иҳом тибъоро (табъҳоро) инқибозею (гирифтагиею) инбисоте (кушодагие) бувад...» [30, с. 50].

Чунон ки маълум гардид, Аҳмади Дониш, албатта, тарафдори таъсири шеър ба нафс аст, вале интизории ӯ аз натиҷаи ин таъсир аз шеършиносони пешин фарқ мекунад. Ин фаркро дар андешаи зерини ӯ метавон дарк кард, ки иброз доштааст: «Ва ташхиси камоли шеър бад-он муяссар шавад, ки чун бишнавад ё бигӯяд, маънии зиёда дар нафс қарор гирад аз маорифу ҳақоиқ. Ва ё ба равояти разиле воқиф гардад, ё аз нафси ӯ берун равад» [18, с. 314]. Ин хулосаи Аҳмади Дониш ӯро боз ҳам ба ақидаҳои маорифпарварии ӯ пайванд медиҳад, зеро, ба андешаи ӯ, камоли шеър дар таъсири он бо маонии худ дар нафс ва ин таъсир бояд тавассути маърифату ҳақиқати худ зоҳир гардад.

Нуктаи марказии ин хулосаи мутафаккир дар як масъалаи асосӣ зуҳур ёфтааст, ки он аз таъсири шеър тавассути маънои худ дар нафси шунаванда иборат аст ва ин маъно бояд аз маърифату ҳақиқат иборат бошад. Дар зери мафҳуми **маърифат** мутафаккир ҳам маърифати ашё ва ҳам маърифати офарандаи ашёро дар назар дорад ва бо ин андешааш боз ҳам ба намояндагони адабиёти ирфонӣ наздик мегардад, чунки расидан ба маърифати ашё дарки маърифати холиқи ашё аст ва дарки маърифати холиқи ашё ҳақиқат аст.

Дар ҷойи дигар таъсири саноеи шарифаро, ки эҷоди шеър ҳам ба он дохил аст, таъкид намуда, сафо додан дар ҷавҳари рухро аз муҳимтарин хусусияти он менигорад [18, с. 300]. Ва ниҳоят, эътирофи таъсири ҳар гуна осори бадеӣ ба руҳу нафси шунавандаро дар порчае аз аз «Рисола» овардааст, ки ба шарҳу тафсири базми султон, ки бояд чӣ гуна бошад, бахшида шудааст ва мо аз он ёд кардем. Мувофиқи ин тасвир, пас аз сарфи хӯроки шом бояд бар ҳаҷву мазоҳ ва нақлҳои рангину ҳикоёти ширин тирагии хотири султонро зудоянд, зеро маҳз тавассути ҳаҷву мазоҳ ва ҳикояҳои ширин руҳҳо ба ҳаракат медароянд («арвоҳ дар эҳтизоз ояд...») ва хушҳол мегарданд [21, с. 118-119].

Мутафаккир дар давоми қисмати ин гуфтаҳо, ки «шеър кардан ва гуфтан хислате ҳамида ва санъате писандида аст» баръакси ҳолро мефармояд, ки агар шеър «муштамил бувад бар фаҳш ва лағв ва ҳиҷо ва мадҳи ағниё ва умаро бад хислатест ва номаҳмуд сифате, чунон ки Абулмаонӣ гуфта...» ва қитъаеро аз Бедил меорад, ки дар он аз хусуси беқадрии сухан, бино бар мадҳу саной шоҳону салтанатдорони номуносиб сухан меравад [14, с. 369].

Яъне тозагии сухан дар шеър ва пок будани забони шеър аз «фаҳш ва лағв ва ҳиҷо ва мадҳи ағниё ва умаро» аз андешаҳои дигари адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш роҷеъ ба ин хислати ҳамида ва санъати писандида аст. Пас, барои Аҳмади Дониш мазмун ва муҳтавои шеър арзиши асосӣ дорад ва дар бораи он, ки кадом мазмун ва чӣ гуна муҳтаворо ӯ дар назар доштааст, ба таври алоҳида таваққуф хоҳад шуд.

Масъалаи чоруми вобаста ба эҷод, ки шеър низ шомили он аст ва Аҳмади Дониш нисбат ба он назари хешро баён намудааст, ба ибораи Шиблии Нуъмонӣ «содагии адо» мебошад. Мурод аз содагии адоро Аллома Шиблии Нуъмонӣ мазмуне медонад, ки дар шеър баён мешавад ва аз ҷониби шунаванда бидун ягон хели такаллуф ва душворӣ фаҳм мегардад [109, с. 78]. Аҳмади Дониш роҷеъ ба эҷоди осор аз ҷониби хеш сухан ронда, менависад: «Бад-он сабаб, ки атвори ҳеч як аз абнои рӯзгор дар назарам писанд наёмада буд ва рафтори ҳеч кадом матбуи хотирам наяфтода, аз ғояти дилгирӣ ва дилтангӣ барои рафъи ғаму ҳамм дар ҳузури аҳбобу асҳоб қалам бармедоштам ва сафҳаҳо сиёҳ мекардам, ки маъниҳои равшантар аз Моҳ дошт» [14, с. 17].

Ва билохира, шеърро мутафаккир маҳак, яъне меъёри санҷиши донишу бедонишӣ, хираду бехирадӣ ва ҳасанаву қабоҳати шоир муайян кардааст. Ин маъниро мутафаккир дар ҷумлаи: «Оре, шеър турфа маҳакест, ки сара ва ғишши ҳар нафсеро биайниҳӣ изҳор мекунад ва нафосату хабосати гавҳари инсонро маълум мегардонад» ва ин ду мисраъро барои пурра намудани фикраш меорад:

Чун мард сухан нагуфта бошад,
Сирри дили ӯ нуҳуфта бошад [18, с. 204].

Байт аз Шайх Саъдӣ бо каме тағйирот аст ва муҳим ин, ки Саъдӣ онро умуман нисбат ба ҳар каси суханкунанда гуфтааст, вале Аҳмади Дониш мухотаби онро мушаххас намуда, шеъркунандаро дар назар дорад. Чунин ҳадси мутафаккирро метавон ба он вобаста донист, ки аксари шоирони даври ӯ, махсусан шоироне, ки бо амирону ағниё қаробат доштанд, бо як-ду се байти носара ва номураттабашон худро шоири комил ва зуфунун тасаввур мекарданд. Ин маъниро аз идомаи суханони Аҳмади Дониш метавон осон дарк кард, чунончи худ мушоҳида намудааст, ки аксари ин қабил шоирон мағрур ва мутакаббир буданд ва ба шеъри номарбути худ фазилати олиро раво медиданд, ба дари ҳар касу нокас ба мадҳу қасида мерафтанд ва силаву ҷоиза талаб мекарданд ва шоирони дигарро ба эътибор намегирифтанд [18, с. 204].

Ба ҳамин мазмун дар «Рисола» низ Дониш сухане дорад, ки далолат ба тамаъҷӯйии аҳли қалам мекунад: «Табиб гӯяд: муолаҷаи бадан кунаму ҳақҳ-ул-қадам гирам. Шоир гӯяд: мадҳ гӯяму мутаваҷҷеҳи силаам. Муқаллид гӯяд: тақлид кунам - ҳақҳ-ун-назар чашм дорам. Ба ин қиёс: наққол – ҳақҳ-ул-лисон ва баққол – ҳақҳ-ул-мизон» [21, с. 43].

Яке аз рукнҳои дигаре, ки дар ин ҷода ба назари Аҳмади Дониш қабоҳат метобад, фахри шоирон аз шеърҳои номарбут, носуфта ва мадҳу ҳиҷои беҷояшон мебошад. Гуфтаи болои мутафаккир роҷеъ ба шоиртарошҳои мутакаббир нафрати рӯйирости ӯро нисбат ба чунин намояндагони шеъру қофия ошкор месозад ва ҳамин буд, ки худ дар комил намудани дониши хеш роҷеъ ба вазну қофия ва арӯз ҳеч кӯшиш накарда будааст [21, с. 370-371].

Аҳмади Дониш ин суханонашро ба таври умумӣ нагуфта, балки барои онҳо мисоли воқеӣ дошт ва ин мисол шоир Афзал буд, ки бо устоди хеш дар хусумати қавӣ қарор гирифта буд. Дар ин бора мушаххасан Дониш чунин маълумот медиҳад: «Яке аз шуаро, ки табъаш ба ҳиҷо ва фаҳш ва лағв қонеъ омада буд, Афзал ном, борҳо ба сареҳ даъвӣ дошт, ки «ман аз ҳама афроди абнои ҷинс афзалам» ва дар ин даъвӣ муътақид буд» [21, с. 279].

Ҳамаи ин вазъ ва воқеиятро мушоҳида карда, андеша ва назари Дониш нисбат ба шоири комил ва шеъри комил ба зуҳур меояд, ки аз ҷанбаи дигари андешаҳои адабию назарии ӯ маҳсуб мешавад.

Дар қисматҳои пешин аз истифодаи истилоҳи «аҳли қалам» ва мафҳуму мақсади он дар андешаву осори Аҳмади Дониш таҳлил анҷом дода ёдовар шудем, ки мутафаккир барои ин қишри ҷомеа раисеро зарур мешуморад, то олим ва аз ҳамаи фунун аз шароеъу бадоеъ воқиф бувад [21, с. 44]. Ва ҳатто, мегӯяд, агар чунин кас ҳозир набошад, пас, бояд ду раиси алоҳида бар ҳар яке аз ин фунун муваккал шаванд.

Барои он ки мафҳуми шеъру шоири комилро дар андешаи адабии Аҳмади Дониш дуруст сарфаҳм рафта, таҳлил карда тавонем, бори дигар ба шарҳи бадоеъ аз ҷониби мутафаккир бармегардем, ки онро нуҷуму

тиббу шеър ва таснифу таълиф ва муҳосаботу ҳандаса ва хутуту нуқуш ташреҳ дода буд [26, с. 44]. Давоми ин шарҳ маҳз даре ба сӯйи мавзуи мо аст, зеро тибқи андешаи мутафаккир ҳар кадоме аз ин фунун мартабаҳо ва воҷибиятҳо, яъне талабҳоро дорад ва то он даме, ки мард ба он поя нарасад, ба ин иноят (лутфу меҳрубонӣ) сазовор нашавад [21, с. 44].

Бо ин гуфтааш Аҳмади Дониш султон ва дарбориёнро насиҳат бар он мекунад, ки барои ҳар яке аз ин фанҳо ва пешаҳо бояд мартабаҳо ва дараҷаҳо, яъне талаботу воҷиботи муайяну мушаххас, кор карда шавад, то шахсони ба ин пешаҳо сазовор камолёфта бошанд ва агар набошанд, бояд камол ёбанд. Ин андешаашро тавассути мисоли мушаххас мутафаккир чунин равшан сохтааст: «Масалан, тақдир кунем, ки мавоҷиби як хушнависи комил ё шоири комил дар соле се ҳазору чаҳорсад дирам аст ба нафақаи мутавассит». Дар идомаи ин суханаш, Аҳмади Дониш ба шарҳи камоли хушнавис ва шоир мегузарад ва камоли хушнависро дар «хутути мутаориф, ки миёни мардум аст, дар анвоъ донад ва некӯ нависад ва иншову имло дорад».

Роҷеъ ба камоли шеър ва шоири баркамол чунин мефармояд: «Камоли шеър дар он, ки (*шоир – Ш.Ш.*) анвои авзони шеър тавонад гуфт ва насрро тавонад назм кард ва назмро тавонад наср кард». Ҳамин маъниҳо ва талабҳоро барои тиббу нуҷум (табибу мунаҷҷим) низ гуфта ва идома медиҳад, ки пас, агар касе рубоӣ фароҳам овард ё як қитъаи хатти зебо пеш орад, ӯро хушнавис ё шоир шумора натавон кард. Ин миқдор, ки агар чунин ашхос худро бад-ин пояҳо изҳор кунанд, раиси бадоеъ онҳоро рад накунад ва имтиҳон гирад, фарохӯри ҳолашон моҳиёнаву солиёна вазифа мураттаб дорад, то саъй кунанду ба камол расанд, ки мулк аз ҳунармандон ҷамол гирад. Ҷамъбасти фикрашро Аҳмади Дониш бо ташбеҳе овардааст, ки ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Ӯ мамлакатро ба арӯсе монанд кардааст ва арбоби саноеъ ва ҳирфаро зевари ӯ хондааст ва хулоса мекунад, ки чандон ки зевар бештар бошад, беҳтар бувад [21, с. 44-45].

Аз андешаҳои Аҳмади Дониш роҷеъ ба шеъру шоирӣ чанд нуктаро ҷудо кардан зарур аст, ки яке шоирро он вақт камолёфта метавон гуфт,

агар ӯ дар ҳамаи вазнҳои шеърӣ шеър кардан тавонад ва ҳунари назмро наср ва насрро назм кардан дошта бошад. Танҳо як рубоӣ ҳанӯз шоҳиди камоли шоирӣ нест, балки он шоҳиди доштани ҳунари шахси гӯянда аст ва вазифаи раиси бадоеъ имтиҳон гирифтан, фарохури ҳолашон моҳиёнаву солиёна таҳия намудан ва имкони тарбияту таълими ин ҳунарро фароҳам овардан аст, то шахс ба камол расад ва дар хизмат қарор гирад. Ҳамин тариқ, Аҳмади Дониш камолро асли шеър медонад, чунончи: «Дар илми русум такмили нафс гӯянд [ва] дар қазо ва фатво қатъи хусум ва рафъи маҳомм [гӯянд], дар тибб изолаи амроз, дар нуҷум [эътибору] ибрат, дар шеър камол, дар хат фазилат [ва] дар ҳирфатҳо ҳунар ва ғайризолика» [14, с. 378].

Яке аз масъалаҳои назарие, ки Аҳмади Дониш ба он таваҷҷуҳ намудааст, ирсӣ будани ҳунар аст, яъне хушнависӣ, шоирӣ, мунаҷҷимӣ, табибӣ ва соири ҳунарҳо сифоти зотия ҳастанд, аммо агар онҳо тарбият нашаванд, камол намеёбанд. Ӯ бар ҳоли онҳое, ки бехабар аз қобилияти ирсии ҳунар вақташонро барои шеъри бемаънӣ сарф мекунанд, афсӯс мехӯрад: «Бас онон ки азмону авқоти худ ба пардохти шеъри бемаънӣ сарф кунанд ва шабу рӯз ба фикри бастани мазмунҳои лотоил лаҳу зоеъ гардонанд, сафеҳ ва аҳмақтарин банӣ навъ бошанд. Чи шеъру китобат аз хосси инсоният аст ва сифоти зотия, ки агар шахс котибу шоир набувад, ноқис бувад. Ва баъд аз зуҳури ин ду сифат агар онро ба камол нарасонад, низ ноқис бошад [18, с. 313].

Кор кардан, заҳмат кашидан ва ба мутолиаи мутавассит банд буданро мутафаккир асоси камолоти шоирӣ ва хаттотӣ меҳисобад, чунончи: «Камоли ин ду сифат ба камоли инсония ба усул наёяд ва он баъд аз чиҳилсолагию панҷоҳсолагӣ бошад, ки шахс шабу рӯзи умрро ба мутолааи кутуби илмия ва амалия ва китобат ба сарф расонад ва беҳуда ба чапу рост нангарад ва авқоти муҳмаларо ба фикри авоқиби умури гузаштаву оянда бигзаронад. Он гоҳ, агар шеъре бигӯяд, муҷаввaз бошад...» [18, с. 313-314]. «Шеъри муҷаввaз» гуфта, Аҳмади Дониш ҳамон шеъри комилро дар назар дорад.

Агар мутафаккир роҳи комил шуданро дар мутолиаи шабурӯзии китобҳои илмия ва амалия ва китобат, беҳуда ба ҳар кор шуғл наварзидан ва вақти худро ба фикри оқибати корҳои гузаштаву оянда сарф накардан бинад, ифтихори беҳуда ба шеъри номуҷаввазу нокомилро монеаи ба камол расидани шоир медонад. Ин гуна ашхос, ки ба шеъри нокомили худ ифтихор дошта, сахткӯш набошанд, онҳо сахт ҷоҳилу сафеҳу бехирад ҳастанд ва роҳи камол барои онҳо то маргашон масдуд монад ва онҳо ҳам дар ин дунё ва ҳам дар он дунё бакамолнорасида мемонанд. Марди оқил ин кор накунад ва аз мавҷудияти танҳо дасту пою чашму гӯш (*яъне он чизе, ки ба воситааш олами зоҳирро мебинӣ* – Ш.Ш) ифтихоркунандаву мубоҳӣ набошад [18, с. 314].

Монеаи дигар дар роҳи ба камол расидани шоир мағрурӣ ва қаноат ба шеъри ноқиси худ, ки онро фазли аъло донад, мебошад, чунончи фармудааст: «Ҳамчунин ба хатту шеъри ноқис мағрур шудан ва онро фазли аъло ақида кардан ва бад-он қаноат намудан изҳори сафоҳату ҳамоқати худ намудан бошад... Ва ташхиси камоли шеър бад он муяссар шавад, ки чун бишнавад ё бигӯяд, маънии зиёда дар нафс қарор гирад аз маорифу ҳақоиқ. Ва ё ба равоати разиле воқиф гардад, ё аз нафси ӯ берун равад. Камоли китобат ба изҳори ҳуруф мувофиқи қавоиду ростнависӣ ва сурат дар китобат ва вуқуфи хутути мутаориф бошад...» [18, с. 314].

Бисёре аз андешаҳои Аҳмади Дониш дар мавзуи масъулият ва камоли шоир бо назару гуфтаҳои гузаштагон ва махсусан, бо андешаҳои Низомии Арӯзии Самарқандӣ, мувофиқат мекунанд. Барои мисол, Арӯзии Самарқандӣ дар мавриди ҷидду ҷаҳд ва мутолиаи доимӣ барои шоир сухан ронда, онро барои тарбия ва ба камол расидани шоир асос мешуморад, чунон ки Аҳмади Дониш низ чунин фикрро баён кардааст.

Низомии Арӯзии Самарқандӣ мефармояд: «Аммо шоир ба ин дараҷа нарасад, илло ки дар унфувони шабобу (ибтидои ҷавонию) дар рӯзгори ҷавонӣ бист ҳазор байт аз ашъори мутақаддимон (пешгузаштагон) ёд гирад ва даҳ ҳазор калима аз осори мутааххирон (насли оянда) пеши чашм кунад. Ва пайваста давовини устодон ҳамехонаду ёд ҳамегирад, ки дар омаду

беруншуди эшон аз мазоиқу (тангнoю) дақоиқи (нозукиҳои) сухан бар чи ваҷҳ будааст, то тариқу (услубу) анвои (навъҳои) шеър дар табъи ӯ муртасим (нақшбаста) шавад ва айбу ҳунари шеър бар саҳифаи хиради ӯ мунаққаш гардад то суханаш рӯ дар тараққӣ дорад ва табъаш ба ҷониби улув (баландӣ) майл кунад» [30, с. 55].

Ё масалан, дар тарбияи шоир мефармояд, ки бар подшоҳ зарур аст, ки чунин шоирро тарбият кунад, то дар хидмати ӯ падидор ояд ва номи ӯ (*яъне подшоҳ* – Ш.Ш) аз мидҳати ситоиши ӯ ҳувайдо шавад [30, с. 56].

Пас аз чанд сухани дигар дар ин боб Арӯзии Самарқандӣ фикрашро дар масъалаи тарбияти шоири ҷавон идома дода роҳ нишон медиҳад, ки душворие нест, агар ҷавони табъи дурустодшта ҳанӯз шеъри некро гуфта натавонад, зеро умед ба нек шудани ӯ бояд баст. Шарти нек шудани ӯро Арӯзии Самарқандӣ дар воҷибияти тарбиятиаш дар муҳити озода, фарзи нигаҳбонии ӯ ва бо меҳрубонӣ тарбият намуданаш мебинад [30, с. 56].

Табиист, ки шахси суханкунанда ҷавобгари суханаш аст ва шоир ҳам масъули натиҷа ва таъсири шеъри хеш мебошад. Аҳмади Дониш маҳз ҳамин масъулиятро барои шоир таъкид мекунад ва мегӯяд, ки шеър гуфтан осон аст, вале ҷавоби онро додан мушкил. Пас, пеш аз он ки пасу пеши шеърро дуруст кунӣ, аввал андешаи оқибати он ва саволҳоеро, ки пурсида мешаванд, бояд кард. Мутафаккир дар исботи суханаш байти машҳури як баҳси «шеъри рост»-ро корбурд намудааст ва шарҳ медиҳад, ки чӣ ҷавобе гӯяндаи ин сию шаш ҳарфи байти фаҳш медиҳад:

«Гирду гуфти шеър осон аст, ҷавоби он бисёр душвор асту гарон. Масалан:

Дар Самарқанд гурба ях нахӯрад,
Дар Бухоро хурӯс мурғи нар аст.

Сию шаш ҳарф аст... Агар пурсанд, ки чаро ба гуфти ин байти фаҳш ин ҳама некӯиро ба зиён бурдӣ, шоири бечора ҷуз он ки ба калтак ояд, ҳеҷ узре наёрад гуфт. Хосса, агар бад-ин шеъри ракик ифтихор ва мубоҳот оварда бошад, ин як калтак чаҳор калтак шавад...» [18, с. 314-315].

Ин байт қаринаест аз «Ҳикояти Амир Саййид Ҷалолуддини Марғинонӣ», ки дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ нақл шудааст. Бино бар ҳикояти мазкур, қасидаи Марғинонӣ дар ҳаққи амир ироа мешавад ва Восифиро амир барои баҳо додан ба он масъул менамояд. Восифӣ дар баҳо додан ба ин қасида аз суханони Шайх Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ, ки гӯё китобе дар илми маонӣ ва баён навишта буд, истифода намудааст. Ӯ ин суханро бо мисоле аз қасидаи ҳазлонаи Мавлоно Ховарӣ, ки маънии абёти ёдкардаи Дониш дар он аст, тақвият мебахшад, чунончи:

Ба Худое, ки холиқулбашар аст,
К-оҳан аз обгинга сахттар аст.

Дар Самарқанд гурба каҳ нахӯрад,
Дар Бухоро ҳама хурӯс нар аст.

Муқаррар аст, ки ин бемаънӣ нест, аммо дар ин калом ҳарчанд саноеъ ва бадоеъ дарҷ намоянд, ҳукми қилодаи марассаъ ба гардани хук хоҳад дошт» [10, с. 500-502].

Ба назар мерасад, ки Аҳмади Дониш ҳам байти иқтибоскардаашро маҳз ба ҳамин маънӣ овардааст, яъне чизе ки барои ҳамагон маълуму машҳур аст, ҳоҷат ба саноеъ ва бадоеи изофӣ надорад.

Аҳмад-Махдуми Дониш ҳамчун як фарди мусулмон ва ҳамчун як одами эътиқодманд ба саволу ҷавоби он дунё ва рӯзи растохез бовар дошт ва он чизе, ки роҷеъ ба калтак хӯрдани шоири фаҳшгӯй ва нокомил мегӯяд, маҳз саволу ҷавоби охиратро дар назар дорад. Ин вазъро дар шарҳи ҳоли як шоири аздунёрафта, ки дар қитъаи зер омада буд, ба қалам овардааст:

Соҳибсуханеро яке аз соҳибдил
Дар хоби адам зи ҳоли уқбо пурсид.
Гуфт: Он чи ба ҳазлу тибат он ҷо гуфтам,
Ин ҷо бояд ба силки маъқул кашид. [18, с. 312].

Онро ба ин тарз шарҳ медиҳад, ки нафаре аз аҳли шаҳодат шоироеро дар хоб мебинад ва мепурсад, ки Худой бо ту чӣ гуна муомила кард? Шоир посух медиҳад, ки Худой ӯро бисёр ғазаб намуда, ба шиканҷа гирифтор сохт. Ман ҳар он фаҳшу лағве, ки дар ҳиҷову тибат (*яъне дар шеъру суханам* – Ш.Ш.) гуфта будам, бар он сабабу иллат меҷустанд ва мепурсиданд, ки чаро ин сухан гуфтӣ ва барои чӣ гуфтӣ. Ман бояд он гуфтаҳои худамро қабул ва собит мекардам, аммо ман ягон сухани мақбул ва маъқул надоштам ва аз ҷавоб оҷиз будам. Аз ин рӯ, чораи ман танҳо сабру тоқат ва чӯб хӯрдан буд [18, с. 313].

Аз ин лиҳоз, Аҳмади Дониш тарафдори сухани ҳақ, рост ва муаддабона аст. Маҳз чунин сухан метавонад ҳам дар ин олам ва ҳам дар он дунё ҳимоятгари соҳибаш бошад, чунончи: «Дар зери осмону забари замин ба адаб бояд рафт ва сухан бо адаб бояд гуфт ва бо оҳистагию линат адо бояд кард... ва сухан кам бояд кард, илло ба зарурат ва аз барои ҳар сухане панҷ-шаш ҷавоб муҳайё бояд дошт, то назди суол оҷизӣ набояд кашид» [18, с. 314].

Акнун зарур аст муайян шавад, ки Аҳмади  Дониш кадом сухани мавзун, яъне шеърро маъқул медонист ва чаро?

Бори дигар ба он таваҷҷуҳ мекунем, ки Аҳмади Дониш шеър карданро хислати ҳамида ва санъати писандида пазируфтааст, ба шарте ки ин хислат ва ин санъат бар  ҳамду наъту сано ва тавсифи аҳли ҳақ ва инчунин, бар мавъизаву насиҳат асос ёфта бошад [14, с. 369].

Ҷамъбасти андешаи мутафаккирро метавон дар ҷумлае, ки ба мазаммати шоирони мағруру мутакаббир ва вассофи ағниё гуфта шуда буд, пайдо кард. Ӯ ин гуна шоиронро, яъне шоирони аз сухани ҳақ ва мадҳи Ҳақ маҳрумро, аз аҳли шуарои комил намеҳисобид [14, с. 370-371]. Ибораи «шеъри мамдуҳ»-ро мутафаккир дар ҷумлаи асл ба ду маъно истифода кардааст, ки яке «шеъри ба мадҳшаванда бахшидашуда» ва дигаре «шеъри писандида ва нек» мебошад. Ба назар мерасад, ки маънои дуюми ин сухан («шеъри писандида ва нек») тобеи маънои аввали он («шеъри ба мадҳшаванда бахшидашуда») аст, зеро Аҳмади Дониш шеъри ба мадҳи

Офаридгор бахшидашудаоро шеъри поку писандида медонад. Барои ҳамин шоири ҳақиқӣ, дар назари Аҳмади Махдум, он аст, ки «фаҳми маонӣ ба дараҷоти нашъаи таназзуҳ» расонад (*яъне дарк ва ифшои маъниро ба дараҷаҳои кайфияти покӣ, беолоишӣ расонад – Ш.Ш.*) ва «касби камол ба садри маҳфили тақаддус» хонад (*яъне, камоли суханашро ба болонишини анҷумани покӣ хонад – Ш.Ш.*) [14, с. 369].

Аз ин нуқтаи назар, чунон ки пештар зикр намудем, андешаи Аҳмади Дониш ба андешаҳои аҳли ирфон ва сӯфиён роҷеъ ба муҳтаво ва мазмуни шеър ва рисолати шоир баробар арзёбӣ мешавад.

## 3.4. Назар ва андешаҳои ноқидонаи Аҳмади Дониш

Он тавре ки дар боби аввали рисола баррасӣ шуд, кулли тазкиранависони замони Аҳмади Дониш ва баъдомадагон ин симоро аз лиҳози фазлу дониш ва ҳунару истеъдоди фавкулодааш эътирофу эҳтироми зиёд намудаанд. Ҳатто мухолифонаш ҳам, амсоли Афзал, дониш ва истеъдоди олиашро дар тамоми фунуни давр эътироф доштанд. Дар кулли ин эътироф ва эҳтиром ҳунари суханварӣ ва дасти тамом доштани Аҳмади Дониш дар маҷмуи фунуни адабӣ махсус қайд ва таъкид гардидааст. Масалан, Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ дар ибтидои маълумоти роҷеъ ба Аҳмади Дониш додаи худ ӯро дар ҷамеи фунуни адабия мумтоз ва ба тамомии саноoти қаламия беанбоз номида, дар интиҳои маълумот ӯро «дар нуктапардозӣ ва тақриророи фасеҳ ва малеҳ, дар ин қарн якто ва дар таъбири мазомин ва дар ташреҳи матолиби мутаназзир беназиру беҳамто» гуфтааст [35, с. 43-45]. Ҷумлаи дуюми хулосаи боло мустақиман ба ҳунари ноқидӣ ва маҳорати таъбири ҳар гуна мазмун далолат мекунад.

Гуфта шуд, ки тазкиранавис Ҳишмат Донишро «муҳандиси олимаърифат, мукаммили ҳар санъат ва сифат, афзали хаттотон, пурдастмояи аъдали мунаҷҷимон, фалакпояи ҳукми олам ва нозими манозими солимқиёсони навобит ва сайёр ва росиббандон, устоди рафиъмиқдор, манбаъулафзол ва маъдани ахбор ....» ва «тарзаш ҳакимона

буд ва донишаш адибона» гуфтааст [37, с. 52-87]. Илова бар ин, тазкиранавис ӯро арбоби ҳар фан ва асҳоби ҳар қонунро зердасти яди байзо намуда нигоштааст, ки ҳақиқати маҳз аст.

Дар ин сифатчинии Садри Зиё низ кулли ҳунарҳои Аҳмади Дониш ба шумули ҳунари ноқидии ӯ инъикос мешавад. Садри Зиё ӯро қории Қуръон, табиби ҳозиқ, сураткаши монимонанд, лавҳаорову наққош, шоири моҳир, суханвари қодири сухани воло, надими роздон, хаттоти номвар, шахси нуктасанҷ, таърихдон, соҳиби заковат, олиҳиммат ва мисли инҳо ном бурдааст [137, с. 102], ки аз як ҷониб, бузургии Донишро муаррифгар аст ва аз ҷониби дигар, эҳтироми хоссаи Садри Зиёдро ба ин мутафаккир нишон медиҳад

Устод Айнӣ, ки на танҳо асосгузори адабиёти нави тоҷикӣ, балки аз нахустин муҳаққиқони адабиёти классикии тоҷикӣ дар замони нав ба ҳисоб меравад, роҷеъ ба Аҳмади Дониш чунин ибораҳоро раво дидааст: «доҳии модарзод», «зоти бузург» ва «ситораи дурахшони осмони Бухоро». Вай Аҳмади Донишро «...замоне ки аз асбобу анҷом ва адабиёти нави илмӣ дараке набуд, ба чандин фан тахассус пайдо карда буд» мегӯяд [6, с.21]. Илми нақд низ, ки зери тасарруфи ҳунари Аҳмади Дониш буд, аз ҷумлаи ҳамин чандин фан маҳсуб мешуд.

Аз ин лиҳоз, дар ин қисмати кор кӯшиш гардид, то назар ва ҳунари ноқидии Аҳмади Дониш, ки қисмате аз андешаҳои назарӣ ва адабии ӯро фароҳам меоварад, таҳқиқ шавад.

Аз таҳлили осори дастраси Аҳмади Дониш маълум гардид, ки назарҳо ва андешаҳои ноқидонаи ин мутафаккир, асосан, дар се самт шакл гирифтаанд.

Пеш аз ҳама, ҳангоме ки ӯ роҷеъ ба шеъру шоирӣ афкорашро баён мекунад ва андешаҳояшро иброз медорад, шеърро, асосан, аз лиҳози маъно ва муҳтаво ва шоирро аз ҷиҳати одоб ва рисолаташ ба риштаи нақд мекашад. Дар ин хусус дар қисмати болои боби мазкур сухан рафт ва мо бо иловаи чанд андеша онро такмил медиҳем.

Бояд эътироф кард, ки назари интиқодии Аҳмади Дониш роҷеъ ба шеъру шоирӣ, асосан, ба таври умумӣ гуфта шудааст. Аммо дар ин миён порчаҳо, гуфтаҳо ва бандҳое ҳастанд, ки ба шеъру шоирони алоҳида нигаронида шудаанд. Масалан, ҳангоми шарҳи як рубоии Бедил аз ашъори Мир Афзал ёд карда, табъи ӯро қонеъ бар ҳиҷо, фаҳш ва лағв гуфтааст, чунончи:

«Аз ин ҷиҳат Абулмаонӣ таҳдид намуда мефармояд, ки «эй бехирад, худро аз хиҷлати ин созу андоз берунтар каш ва ба тарки ришу фаш гӯй, то ба таъаллуқ дар намонӣ, (ба) сатри сар мӯи сар кофист, вагар на кулоҳе... Яке аз шуаро, ки табъаш ба ҳиҷо ва фаҳш ва лағв қонеъ омада буд, Афзал ном, борҳо ба сареҳ даъвӣ дошт, ки «ман аз ҳама афроди абнои ҷинс афзалам» ва дар ин даъвӣ муътақид буд.

Ман яке аз байти ӯро ба абнияи даъвияш пеши яке аз афозил хондам.

Гуфт: Агар суханаш ин бошад, даъвии афзалият аз гову хар дуруст ояд на аз бани навъ» [18, с. 278-279].

Ин як навъ баҳо ба мавзуъ ва мазмуни шеъри Мир Афзал аст ва гумон меравад, ки фозиле дигар ин баҳоро надодааст, балки худи Аҳмади Дониш будааст.

Дар ҷойи дигар, ҳангоме ки аз хусуси шеъри комил ва шоири баркамол андешаронӣ мекунад, Аҳмади Дониш айнан ҳамин фикрро такрор намуда ва акнун онро умумият медиҳад, яъне нисбат ба кулли шоирони бакамолнорасида ва муфтахар аз ашъори ночизашон мегӯяд. Бо овардани иқтибоси мазкур метавон қатъан ҳадс зад, ки баҳои боло ба шеъри Мир Афзал маҳз ба худи Аҳмади Дониш таъаллуқ дорад. Иқтибос чунин аст: «Бас онон ки азмону авқоти худ ба пардохти шеъри бемаънӣ сарф кунанд ва шабу рӯз ба фикри бастани мазмунҳои лотоил лаҳу зоеъ гардонанд, сафеҳ ва аҳмақтарин бани навъ бошанд. Чи шеъру китобат аз хосси инсоният аст ва сифоти зотия, ки агар шахс котибу шоир набувад, ноқис бувад. Ва баъд аз зуҳури ин ду сифат, агар онро ба камол нарасонад, низ ноқис бошад [18, с. 313].

Дар боби аввали рисола аз он гуфта шуд, ки тазкираи Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ ва муҳтавои он ба Дониш писанд наафтодааст ва мавриди мазаммату ҳаҷви ӯ қарор гирифтааст ва дар бораи сабабу натиҷаҳояш мураттибони тазкира маълумоти кофӣ пешкаш намудаанд [147, с. 3-18]. Дар ин ҷо мо бештар ба назари ноқидонаи Аҳмади Дониш роҷеъ ба муҳтавои ин тазкира таваҷҷуҳ мекунем, ки дигарон онро ҳаҷв гуфтаанд.

Рубоие, ки Дониш дар таъни тазкираи Ҳоҷӣ Азим иншо намудааст, чунин аст:

Бо бехирадон нозу наим аст ҷаҳон,
Бар доноён нори ҷаҳим аст ҷаҳон.

Сар то по як нусахи бемаънӣ гир,
Чун тазкираи Ҳоҷӣ Азим аст ҷаҳон. [147, с. 9].

Пеш аз ҳама, муҳтавои рубоии боло мазаммат ва сарзаниши кори ҷаҳон ва рӯзгор аст, ки сару нӯгаш гум аст. Ба ҷойи он, ки ин олам донопарвар бошад, вай дуну ҷоҳилпараст аст. Ин дунё як нусхаи бемаънист, ки аввалу охираш нест, мисле ки тазкираи Ҳоҷӣ Азим аст. Албатта, ёд гардидан аз тазкираи Ҳоҷӣ Азим ва ташбеҳи он ба дунёи дунпарвар як навъ танқиди ин асар аст. Муҳаққиқ Расул Ҳодизода ин масъаларо дуруст шарҳ додааст, ки тазкира ба ин шакле, ки дар дастраси мост, шояд дигар гуна буд ва дар он ашхоси иртиҷоӣ низ ҷой дода шуда буданд, ки ба Аҳмади Дониш маъқул набуданд.

Аз ҷониби дигар, агар ба маълумот ва муҳтавои тазкираи Ҳоҷи Азими Шаръӣ назар шавад, маълум мегардад, ки на ҳамаи он мувофиқ ба вазъи воқеии адабиёти давр иншо гардидааст. Масалан, ҳолу аҳвол ва намунаи зиёди осори Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, ки дар вақташ Аҳмад-Махдумро ба тазкираи хеш ворид насохта буд, дар тазкира ба таври муфассал омада, вале аз намунаи ашъори Шамсиддини Шоҳин, ки аз наздиктарин ҳамнишинони Аҳмади Дониш ва яке аз ҳунармандтарин шоирони вақт буд, порчае ҳам дар тазкира сабт нашудааст. Шояд аз ин

ҷиҳат бошад, ки Аҳмади Дониш дар қитъаи дигаре боз ҳам тазкираро нақд мекунад бо ин тарз:

Ҳоҷӣ Шаръӣ намуд тазкирае,
То ки ёбад зи чархи давр футуҳ.
Нуктаҳо аз салолатӣ макдуҳ,
Қиссаҳо аз саломатӣ маҷруҳ.
Андар он зикр карда ҷумла харе,
Ҳама аз ҷаҳл толиби салтуҳ. [147, с. 9].

Дуруст, аст ки дар байти охир Дониш бо истифода аз калимаи дағал нисбат ба адибони дар тазкира омада пардохтааст, вале дар баробари ин кулли қитъа ба нақди муҳтавои тазкира равона шудааст.

Ба мо маълум аст, ки Аҳмади Дониш адибонеро, ки бо осори бакамолнарасидаашон фахри бемаънӣ мекунанд, хуш надорад ва аз ин хотир фатҳи чархи давронро тавассути маъниҳои пучу ночиз, нақлу сабтҳои печида маҷруҳ хостани Шаръиро низ написандидааст. Адибоне, ки дар ин тазкира мазкуранд, ҳама дар назари Дониш бедониш ва аз ҷаҳолаташон толиби ҷоҳу салтанат ҳастанд. Ин маъниро мутафаккир дар арзи ҳоли ҳамаи мардум дидааст ва аз он танаффур дорад. Мефармояд, ки халқро медидам, ки ҳама вақташонро барои чизе ва талабе бар дари султон зоеъ магардонданд. Таваҷҷуҳу тавассули баъзе онҳо бар дари султон ба илми зоҳирӣ ва баъзе ба шеъру шоирӣ ва баъзе ба саноеъу ҳунармандӣ ва баъзе ба тавассути силоҳу саворӣ. Вале он чиро, ки меҷустанд, намеёфтанд, балки оне ки  наметалабид, меёфт. Дар ҷамъбасти андеша хислати мардумро ошкор намуда, Аҳмади Дониш мегӯяд, ки бархе бо андак силиву дарёфт аз султон ифтихорманд мешуданд, вале қисми дигар, бо вуҷуди дарёфти камоли меҳрубонӣ аз султон норозӣ буданд [14, с. 357].

Назари таҳлилӣ ва мунаққидонаи Аҳмади Донишро дар шарҳи як қитъа, ки ба эҳтимоли зиёд аз шоири дузабонаи асри XIX Муҳаммадризо ибни Эрниёзбек бо тахаллуси «Огаҳӣ» (1809-1874) аст, хубтар дарк метавон кард, чунончи: «Пас, агар доияи иттисол аз ҷониби маъшуқ бувад ва

толиби истимтоъ ошиқ, бояд ки истиғно накунад ва дар ризои ӯ равад, ки нози ошиқ борид бувад, ё аз рафтан назди ғайр монеъ наёяд:

[Қитъа]

Дар ҷаҳон даҳ чиз душвор аст назди Огаҳӣ,
К-аз тасаввур кардани он мешавад дил беҳузур:
Нози ошиқ, зуҳди фосиқ, базми мумсик, ҳазли разл,
Шеваи маҳбуби бадшаклу назарбозии кӯр,
Лаҳни савти беусулон, баҳси илми аблаҳон,
Меҳмонии батақлиду гадоии базӯр.

Маҳалли ишкол дар ин байти шоир зуҳди фосиқ аст ва меҳмонии батақлид ва гадоии базӯр. Фосиқе, ки тавба кунаду зоҳид шавад, мустаҳсан аст, аммо қабеҳ он, ки ба либоси аҳли салоҳ фасод кунад. Меҳмонии батақлид аз дунболи ҷамъе ба зиёфат рафтан, ё ба ағниё таассуб намуда, меҳмон овардан ва худро қарздор кардан. Гадоии базӯр он ки ситри гидя кунад ва аҳволаш [бар гадоӣ] шаҳодат диҳад» [19, с. 224]. Ба дид ва назари мо, таҳлиле беҳтар барои мафҳум гардидани ин қитъа пайдо нахоҳад шуд ба ҷуз ҳамин таҳлиле, ки Аҳмади Дониш анҷом додааст.

Самти дигаре, ки назар, дид ва андешаҳои ноқидонаи Аҳмади Донишро фароҳам овардааст, таҳлилу таъбирҳои ӯ роҷеъ ба суханони Мирзо Абдулқодири Бедил, махсусан дар шарҳи маъно ва мазмуни рубоиҳои ин симои адабиёти тоҷик мебошад. Борҳо зикр рафт, ки Аҳмади Дониш манзалати Бедилро ба баландтарин поя медонистааст ва суханҳои ӯро пайваста корбурд менамудааст. Дар ин миён шарҳи рубоиёти Бедил аз ҷониби Аҳмади Дониш қобили зикр ва таваҷҷуҳ мебошад. Ба чанде аз чунин шарҳу тавзеҳ таваҷҷуҳ мекунем:

Обирӯи шуур нодошта пос,
Кардӣ тифлона лавҳро ҷоҳ қиёс.
Эй масхара, таблу аламат охир чист?
Карбос ба хеш бастаӣ, чарм ба тос.

«... яъне, эй пири тифлмизоҷ, сахт бехирад ва беақлӣ ва ҳеч тамиз надорӣ, зиндагонии дунё нест магар лаъбе ва лаҳве ва фахре, ба воситаи он ки онро ҷамолу зинат донистаӣ ва ҷоҳу давлат ақида кардаӣ, ки, дар ҳақиқат, он ҳама ҳеҷ аст. Сабаби адами бақо ва субот ва бозии тифлона аст, ки табле аз аламе бардоранд ва атфол ва асғарро ба гирди худ ҷамъ кунанд. Соате тагу дав кунанд ба иллати гуруснагӣ ва ҳалокӣ, ё ба сабаби бегоҳии рӯз боз ҳама мутафаррик шаванд, табл ба ҷое афканда шавад ва алам ба мавзее андохта. Бадтар, ки бинои давлати салотин низ ба таблу алам бозбаста аст: табл агар барои посбонист, дузду ҳаромӣ бигрезад ва гар барои шикор сагу боз хоҷаи худро гум накунад.

Алам барои он ки кӯрбасиратони аскар аз даври амири лашкар дур нараванд ва говбону подачӣ худро ҳаросат намоянд, ки гурги дарранда шикамаш надаррад ва теғи оганда сараш набурад. Асоси ин нишон парчаи карбоси г.. олуд ба чӯбе барбанданд ва чарми мурдоре бар тосе кашида ва ба ин дастгоҳи бесару бун басе пасту баланд бираванд, то монда шаванд, ё офтоби салтанаташон ғуруб кунад, то дигар тулуъ нанамояд.

Табл ба хандақе афтода бувад, алам дар ваҳале фурӯ рафта; он чӣ масхарагӣ бошад, ки ҷуз нафси масхара бад он қаноат накунад ва ғайр аз тифл бад-он розӣ нашавад» [18, с. 275-276].

Рубоии дигар ин аст, ки шарҳи онро мутафаккир баён дошта:

Эй ҷавҳари ҳуш, марҳами роз баро,
Риндона зи зуҳди макрпардоз баро.
Олам ҳама як масхараи ришу фаш аст,
Аз силсилаи хиҷлати ин соз баро.

Андар ташреҳи ин рубоӣ, Аҳмади Дониш мегӯяд, ки агар мухотаб ҳуш бувад, яъне эй нафси нотиқа, ё он, ки ҳама ҷавҳари ҳушӣ, маҳрами роз шав ва ба зоҳири сухан қонеъ машав ва роҳи риндонро ихтиёр намо, зеро ринд касе, ки ҳеҷ моле надорад ва аз дилбастагиҳову ҳодиса мунфарид ва муҷаррад бошад. Дар идомаи шарҳ шунавандаро аз зоҳиди риёӣ будан гӯшзад месозад, зеро ӯ оқибат ихтиёри тааллуқ кунад ва зоҳиди

шикамхораро чорае ҷуз аз доштани «рише бузург ва аммома ва мисвок ва оина ва шона ва мусалло ва суханони бофта ва сохта ва аз салаф дӯкони мавъиза ва насиҳатро». Идомаи шарҳи масъала аз ҷониби Дониш низ ҷолиби таваҷҷуҳ аст, зеро кори зоҳидро он медонад, ки кулли мардуми дигарро алоқаманд ва масхараи ришу фаш мекунад ба хотири он ки мардум нагӯянд, ки ҳамаи ин ҳамоқат ва балоҳат хоссаи танҳо зоҳидон бошад, балки ҳама мардуми олам тавассути зери бори ришу фаш омаданашон аҳмақ ва аблаҳ ва ҷоҳил гарданд. Ин мардум, яъне зуҳҳод, бинои одамиятро бар ороиши ришу фаш ниҳода то нишон диҳанд ва ошкор созанд, ки ақлу фитрат ба ҷаве настонанд [18, с. 277-279].

Шарҳи ин рубоӣ то ба он нукта идома меёбад, ки дар он аз Мир Афзал ва байтҳои ӯ ёд мешавад, ки Дониш онҳоро пеши як абния бурда буд ва дар ин бора дар болотари кор бо иқтибос сухан рафт.

Ва мисоли сеюм дар шарҳи рубоии Бедил аз ҷониби Дониш бар мабнои ин рубоӣ изҳор гардидаст:

Дар мадраса ҷамъе, ки фароҳам гаштанд,
Медонӣ, аз куҷо мукаррам гаштанд.
Полону ҷулу фасор мехост харӣ,
Аз бесомонӣ охир одам гаштанд.

Онро ин тавр шарҳ медиҳад:

– Медонӣ, ки аҳли мадраса чаро мукаррамaнд ва дар назари аозим ва акобир муаззам ва муҳтарам. Аз он аст, ки эшон ба тарки ҷуллу ҷиҳоз ва мансабу ҷоҳ гуфтанд ва аз халқ канора гирифтанд, то одам шуданд ва одамисифат. Ва онон ки ба муқтазои ҳирсу ҳавас толиби идрор ва маносиб шудаанд, гӯӣ илтизоми харӣ ва хар шудан намудаанд ва гуфтанд:

– Говию харӣ мояи таҳсил накунад, одам будан шоху думе мехоҳад, ки ба ғайр аз гов натавонад кашидан бори дунёро.

Чун аҳли мадраса ба воситаи илтизоми фақру қаноат қудрат ва сомоне биёфтанд, ки ба таҳияи ҷуллу ҷиҳоз машғул шаванд, лобуд одам

шуданро ба гардан гирифтанд, ки тарку таҷрид ва тафрид аст ва хосси ин сифат одам будан аст.

Хулоса ваъда ин, ки агар шахс дар мадраса ба тарку таҷрид ба сар барад, ба мартабаи инсоният ва одамият мерасад. Ваид он ки агар ба муқтазои ҳирсу ҳоз тааллуқу тааҳҳул ихтиёр кунад ва толиби ҷоҳу мансаб шавад, дар мартабаи «улоика к-ал анъому балҳум аззалу» (*Онҳо мисли ҳайвонанд, балки аз он ҳам пасттаранд*) матруд ва мардуд бимонанд [18, с. 286].

Ва ниҳоят, баъзе эроду офаринҳои Аҳмади Донишро нисбат ба ашъори шоирони ҳамнишинонаш, махсусан роҷеъ ба он намунаи ашъоре, ки Шамсиддин Шоҳин, Музтариб ва Тамкин дар васфи ӯ ва мазаммати Афзал навиштаанд, мавриди мутолиа қарор медиҳем. Воқеан, ҳарчанд ин ишораҳо аз ҷиҳати шумора ва дарбаргирии масъала зиёд нестанд, вале онҳо ба таври хеле нозук ифшо шудаанд ва бори дигар аз ҳунари ноқидии Аҳмади Дониш шаҳодат медиҳанд.

Аҳмади Дониш роҷеъ ба носипосиҳои Афзал Махдум ва ҳаҷву мазаммат намудани хеш аз ҷониби ӯ ҳарф зада, ёд меорад, ки китоби «Бадоеъ ул-вақоеъ»-ро фозили дигаре аз фузало, яъне Шамсиддини Шоҳин, барои мутолиа бурда, баъди огоҳии тамом аз он қасидае дар мадеҳи Дониш карда овардааст. Музтарибро дигар аз шуаро ба қалам овардаст, ки онро, яъне асари болоро, дида, мухаммас («тахмис») дар шони Дониш эҷод намудаст [18, с. 291]. Пас аз як-ду ҷумлаи дигар мухаммасро комил зикр мекунад ва дар охири он чунин як андешаи ноқидонаро изҳор медорад, ки ин қасида агарчи бар услуби забони мардум (забони омма) навишта шуда бошад ҳам, аз аҷоибот холӣ нест. Аҷоиботи ин мухаммасро мутафаккир маҳз дар истифодаи истилоҳоти мардумӣ, ки татаббуъ бар луғати омма аст, медонад ва ин татаббуъро аз санъатҳои бадеии шеър медонад [18, с. 294].

Санъат ва ҳунари шеър шумурдани истилоҳоти мардумӣ ва пайравӣ аз луғати омма аз назарҳои бикри бадеии мутафаккир аст, ки дар илми кунунии фолклору адабиёт мавқеи хосса дорад.

Нисбат ба мадҳе, ки шоир Тамкин низ дар шакли қасида роҷеъ ба Аҳмади Дониш манзур гардонда буд, мутафаккир дар ҷо-ҷое эроду таҳсинашро изҳор доштааст. Масалан, байти аввали онро мутолиа намуда, эзоҳ ё эроди худро манзур доштааст, ки соҳиби шеър «матлаъро муносиб наоварда» - аст.

Байт ин аст:

Ки эй, ба тахти фатонат ягонаӣ ба ҷулус,
Замон зи зевари фазлат ба ноз ҳамчу арус.

Муҳаққиқ Расул Ҳодизода низ андешаи Донишро дастгирӣ намуда, менависад, ки эзоҳи муаллиф дуруст аст ва тасдиқ менамояд, ки дар ҳақиқат матлаи қасида мувофиқи табъи дил наафтодааст [18, с. 294]. Вале на Дониш ва на Ҳодизода номатбуии матлаъро ошкор накардаанд.

Ба фикри мо, дар матлаъ ду калима номатбуъ, яъне нохушоянд, афтодаанд, ки яке пайвандаки «ки» ва дигаре исми «арӯс» ҳастанд. Бо пайвандаки «ки» оғоз намудани мисраъ ҷоиз нест ва барои матлаи як қасида, умуман, хилофи талаб аст, зеро матлаъ бояд ҳамеша ҳусн бошад, то хонандаро барои хондани давоми сухан ташвиқ фармояд.

Дар ду ҷойи дигари ин қасида низ Аҳмади Дониш эзоҳи худро ироа доштааст. Ин эзоҳи ӯ нисбат ба ду байти қасида буда, ҳар дуяшро хуб гуфтааст.

Байтҳо инҳо ҳастанд:

Масал Фалотун агар будӣ, гаштӣ талмизат,
Зи хони вусъати фазлат куҷо шудӣ маъюс.[18, с. 294].

Зи истилоҳи ту кай пай барад ҳарифи ҳасуд,
Як аз луғоти фасеҳи ту «Гулшан»-у «Қомус». [18, с. 295].

Дар идомаи шеърҳо ва эзоҳи хеш Аҳмади Дониш аз шоирони фавқ ба хубӣ сухан гуфта, эътирофи онҳоро низ нисбат ба ҳунари хеш ёд мекунад, агарчи бо ҳам он қадар суҳбату маҷлисҳои зиёд надошта буданд.

«Билҷумла, дар он замон, ки мо будем, бозори фазлу ҳунар нороиҷ ва касод буд. Шоҳин ва Музтариб ва Тамкин аз шуарои муқаддами он замона буданд ва ҳеҷ кадомеро ба ин ҳақир мухолатат ва муҷоласат наяфтода, магар ба нудрат гоҳ-гоҳе. Ва он чи гуфта ва набиштаанд, ҳам аз забони омма буда ва баъд аз мулоқот аз дилу ҷон эътироф менамуданд» [18, с. 294-296].

Ҷамъабасти таҳлилро бо чунин фикр хотима бахшидан равост, ки Аҳмади Дониш ҳамчун як мутафаккири давраш аз кулли фунуни адабӣ бохабар буд ва андешаҳояшро дар бораи раванд ва маҳсули эҷод ба тарзи ба худ хос иброз намудааст.

**Хулоса,** таҳлили андешаҳои Аҳмади Дониш роҷеъ ба шеъру шоирӣ нишон доданд, ки ӯ нисбат ба ин пеша бархӯрди дугуна доштааст: ҳам ин касбро мазаммат мекард ва ҳам онро ашрафи пешаҳои дигар мешинохт. Аҳмади Дониш ба шеъри асил ва шоири ҳақгӯю воқеъбин хушбин буд, зеро ӯ рисолати шеъру шоирро маҳз дар ҳамин медид. Бо ин андешааш роҷеъ ба мафҳуми шеъру рисолати шоир Аҳмади Дониш ба пояи гузаштагони фарҳанги миллӣ, аз ҷумла Носири Хусрав, Саноии Ғазнавӣ, Амирхусрави Деҳлавӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофиз ва Бедил, мерасад, ки мадҳи дурӯғин, махсусан мадҳи амирону султононро, бадтарин хислат эълом дошта буданд ва бо ҳамзамонони мадҳиягӯяшон ба ҷанг хестанд. Мазаммат гардидани пешаи шеъру шоирӣ аз ҷониби мутафаккир ҳамоно аз мағрурӣ, мутакаббирӣ ва нодонию дунёталабии арбоби шеъру қофия сар мезанад.

Идомаи афкору андешаҳои Аҳмади Дониш роҷеъ ба масъалаҳои адабӣ ва назарӣ тибқи кушодани мафҳум ва мазмуни истилоҳҳои адабӣ, мисли *аҳли қалам, бадоеъ*, *саноеъ*, *фасоҳату балогат*, *фасеҳи комил*, *фасеҳи балиг*, *фасеҳи изофӣ,* ӯро ба пояи назарияшиносони илми каломи бадеъ баробар месозанд.

Аҳмади Дониш шояд аз он камтарин муфассирон ва шореҳони эҷодиёти Абулмаонӣ Бедил бошад, ки дар ин ҷода ҳунари фавқулода дошт. Ин ҳунараш бори дигар собит месозад, ки Аҳмади Дониш ҳамчун донишманд ва ноқиди сухан аз нозукиҳои ин масъала огоҳӣ ва дониши

комил доштааст. Дар таҳлили ҳунари ноқидии Аҳмади Дониш, ки, асосан, доир ба ашъори ҳамзамононаш гуфта шудаанд, бояд эътироф кард, ки андешаҳояш дар ин ҷода зиёд набошанд ҳам,  вале онҳо ба таври хеле нозук ифшо шудаанд ва бори дигар аз ҳунари ноқидии Аҳмади Дониш шаҳодат медиҳанд.

# ХУЛОСА

Таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои марбут ба андешаҳои адабию назарии Аҳмади Дониш, ки дар диссертатсия анҷом дода шудааст, аз қадамҳои нахустин дар ин самт ба шумор рафта, бо хулосаҳои зерин ҷамъбаст карда мешаванд:

1. Аҳмади Дониш ҳамчун мутафаккир, хаттот, наққош, муҳандис, шоир ва мунаққид ҳанӯз аз ҷониби ҳамасрони хеш эътироф гардида, зикри ҳолу аҳвол ва ҳунару истеъдодаш дар тазкираҳои дастраси даврони худаш ва баъд аз ӯ омадааст [3-М; 6-М].

2. Оғози шинохт ва муаррифии Аҳмади Дониш дар илми муосири тоҷик аз устод Саддриддин Айнӣ сарчашма мегирад ва аз ҷониби муҳаққиқоне мисли С. Улуғзода, Ш. Ҳусейнзода, Х. Мирзозода, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, Н. Маъсумӣ, А. Маниёзов дар  ду самт идома ёфт: аввалан, нашри осори Аҳамади Дониш ба роҳ монда шуд ва сониян, дар хусуси ҳолу осораш мақолаҳо ва асарҳои тадқиқотӣ навишта шуданд. Дар замони истиқлоли Тоҷикистон бошад, ин ташаббус дучанд афзуд ва муҳаққиқон, мисли С. Амиркул, А. Девонақулов, Ҷ. Назриев, Х. Олимӣ, М. Абдураҳмонов, С. Иброҳимов ва чанд тани дигар дар масъалаҳо ва мавзуъҳои гуногуни осори Аҳмади Дониш изҳори андеша намуданд [5-М].

3. Мушоҳида ва таҳлили раванди аҳмадидонишшиносӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки бо вуҷуди пешравиҳои назаррас, дар ин масъала ҳанӯз ҳам норасоиҳои зиёде ҷой доранд, ки, асосан, дар ду самт ба назар расиданд: яке дар вобастагӣ ба осори то кунун интишорёфта ва таҳлилу таҳқиқи он ва дигаре интишору таҳлили минбаъдаи масъала [3-М; 7-М].

4. Заминаҳои муҳимми таърихӣ ва иҷтимоие, ки андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Донишро ба вуҷуд овардаанд, аз инҳо иборатанд: муҳити хонаводагӣ; истеъдоди фитрӣ ва азалӣ; Қуръон ва соири осори исломӣ; маҳфилҳои қиссахонӣ ва таъриххонӣ; таваҷҷуҳ ба мафҳуми ашъори гузаштагон; муҳити адабӣ ва муҳтавои ашъори шоирони давр; омӯзиш ва

шиносӣ бо фарҳангу тамаддуни халқҳои дигар; назари ислоҳотхоҳона ва андешаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш дар пайдоиш ва ташаккули ҳунари ноқидӣ ва андешаҳои адабии ӯ таъсири бузург доштанд [2-М; 4-М; 7-М].

5. Аҳмади Дониш ба шеъри асил ва шоири ҳақгӯю воқеъбин хушбин буд, вале мағрурӣ, мутакаббирӣ ва нодонию дунёталабии арбоби шеъру қофия боис гардид, то ин касб аз ҷониби ӯ мазаммат гардад. [2-М].

6. Хулосаи андешаҳои мутафаккир нисбат ба шеъру шоирӣ ба ду нукта такя дорад, ки яке пешаи шоирӣ ифтихор ва маншаи бартарию фазилати аҳли қалам аст, агар он барои изҳори воқеият дар шакли мавзун ва маънои пурмазмун адо шуда бошад. Дуюм, агар шеър бар мадҳи дурӯғин ва фаҳшу лағву ҳиҷо бунёд ёфта бошад, пас, он бад хислат аст [1-М; 2-М].

7. Дар андешаи хеш роҷеъ ба мафҳуми шеъру рисолати шоир, сухани ҳақ ва рост Аҳмади Дониш ба пояи гузаштагони фарҳанги миллӣ, аз ҷумла Носири Хусрав, Саноии Ғазнавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофиз ва Бедил мерасад, ки мадҳи дурӯғин, махсусан мадҳи амирону султононро, бадтарин хислат меҳисобиданд ва бо ҳамзамонони мадҳиягӯяшон ба ҷанг хестанд [4-М; 5-М].

8. Истилоҳи ***аҳли қалам*** дар осори Аҳмади Дониш ҳамчун истилоҳи адабӣ мавқеи муҳим дорад ва ғолибан ба маънои қишре аз ҷомеа фаҳмида мешавад. Бо вуҷуди ин, истилоҳи ***аҳли қалам***, аз назари Аҳмади Дониш, гурӯҳи иҷтимоиест, ки дар таҳкими давлату давлатдорӣ ва тақдири халқу мамлакат нақши калидӣ дорад ва аҳли уламо, удабо ва шуаро низ шомили ҳамин гурӯҳанд ва онҳо дар идораи сиёсати султон рисолати махсус доранд [1-М].

9. Аҳмади Дониш мафҳуми ***бадоеъро*** танҳо ба як илми бадеъ маҳдуд нанамуда, онро нисбат ба илмҳои дигар низ ба кор бурдааст. Сифате, ки ҳамаи он илмҳои *бадоеъро* муттаҳид месозад, дуто аст: яке хосияти тарбият ва бакамолрасонӣ ва дигаре маҳсули ин илмҳост, ки онҳо барои шакл

пазируфтани ҳикмати маърифатӣ ёрӣ мерасонанд ва ҳам дар ташаккули ҷавҳари ақлу руҳ дахолати зиёд доранд [1-М; 2-М].

10. Яке аз истилоҳоти дигаре, ки аксаран дар баробари истилоҳи ***бадоеъ*** истифода шудааст ва маҳз мафҳуми истилоҳии ин калимаро тақвият бахшидааст, ***саноеъ*** мебошад. Саноеъ дар осори Дониш бештар ба маънои санъат ва саноат омада аст, вале мушоҳидаву таҳлилҳо нишон доданд, ки он сирф маънои санъатҳои бадеӣ (шеърӣ)-ро низ дорост [1-М].

11. Аҳмади Дониш дар шарҳи ***фасоҳату балогат*** ҳамчун каломи мавзун гуфтан ва ба маонии борик расидан, маъно ва мафҳуми истилоҳии ҳар ду калимаро барои хонанда мекушояд, яъне ***фасоҳат***, латофату салосати мавзуни лафз, ки барои шунидан гуворо бошад, ***балогат*** расондани хонанда ба маънои сухани гуфташуда аст, ки Дониш онро «ба маонии борик расидан» мегӯяд [1-М; 4-М].

12. Андешаҳои Аҳмади Дониш роҷеъ ба ***фасеҳи комил***, ***фасеҳи балиг*** ва ***фасеҳи изофӣ*** ӯро ба пояи назарияпардозони илми каломи бадеъ баробар месозанд. Маълум гардид, ки Аҳмад Махдум аз шоирону фозилон маҳз шоирону фозилони орифро сазовори сухани ҳақ, рост ва фасеҳ донистааст. Онҳое, ки ҳанӯз ба ин дараҷа нарасидаанд, вале сухани фасеҳ мегӯянд, бояд такмил ёбанд ва ба дараҷаи фасеҳи балиғ расанд [1-М; 4-М].

13. Аз таҳлили осори дастраси Аҳмади Дониш маълум гардид, ки назарҳо ва андешаҳои ноқидонаи ин мутафаккир асосан дар се самт шакл гирифтаанд: маъно ва муҳтавои шеър ва одобу рисолати шоир; нақди ашъори шоирони алоҳида; ишораҳои алоҳида роҷеъ ба ашъори шоирони замони худ [4-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

1. Таҳлил ва пажӯҳиши таърихи адабиёти тоҷик дар давраи аз асри XVI то асри XIX нишон медиҳад, ки дар тули ин марҳила андешаҳои зиёде роҷеъ ба масъалаҳои гуногуни илми бадеъ, калому суханварӣ ва балоғату фасоҳат ва назму наср гуфта шудаанд ва аксарашон тавассути мақолаҳо ва гузоришҳои алоҳидаи илмӣ баррасӣ гардидаанд, вале тадқиқоти онҳо ба таври системанок ва дар шакли монографияҳои илмӣ ба роҳ монда нашудааст. Натиҷаҳои таҳлили кори диссератсионӣ барои омода намудани кори мукаммали илмӣ дар самти андешаҳои адабӣ ва назарии намояндагони адабиёти тоҷик дар асрҳои XVI-XIX, дар мисоли Аҳмади Дониш маводди мукаммали илмиро фароҳам меорад.

2. Натиҷаҳои бадастомадаи кори диссертатсионӣ барои омода намудани маводди илмӣ ва таҳлилии фанҳои назарияи адабиёт ва накди адабии класикии тоҷик аҳаммияти амалӣ дошта, онҳо метавонанд дар таҳияи дастурамал ва роҳнамоҳо барои донишҷӯёни факултетҳои гуманитарӣ, магистрон, аспирантҳо, унвонҷӯён ва докторантҳои донишгоҳ ва донишкадаҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гарданд.

3. Маводди диссертатсия ҳамчун манбаъ ва сарчашмаи омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи муҳити зист, вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии замони Аҳмади Дониш хидмат карда, аз ҳама муҳим, он барои дуруст муайян намудани муносибати мутафаккир ба вазъи фарҳангӣ ва адабии замонаш сарчашмаи аз ҷиҳати илмӣ боарзиш ба шумор меравад.

4. Нуктаҳои калидии кори диссертатсионӣ, сарчашма ва маводди илмию адабии истифодашуда метавонанд дар тайёр намудани монографияҳои соҳавӣ мавриди истифода қарор гиранд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## А) РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

### I. Сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ:


1. Абдӣ, Абдуллохоҷа. Тазкират-уш-шуаро [Матн]. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо. Зери назари Саҳобиддин Сиддиқов / Абдуллохоҷаи Абдӣ. – Душанбе: Дониш, 1983. – 243 с.
2. Айнӣ, Садриддин. Ёддоштҳо, ҷилди VII [Матн] / Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Нашриёти давлатӣ, 1962. – 618 с.
3. Айнӣ, Садриддин. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб [Матн] / Садриддини Айнӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009. – 680 с.
4. Айнӣ, Садриддин. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам. Куллиёт. Ҷилди 1 [Матн] / Садриддин Айнӣ. Тартибдиҳандагон: С. Умаров, М. Турсунзода, А. Деҳотӣ, Х. Айнӣ, Ҳ. Неъматуллоев. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – 346 с.
5. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик [Матн] / Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. – 420 с.
6. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби Бухоро [Матн] / Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 245 с
7. Аҷзӣ, Сиддиқӣ. Миръоти ибрат [Матн]. Таҳияи А. Худойдодов / С. Аҷзӣ // Фарҳанг. – 2009. – № 5-6; 2010. – №1-2. – С. 125.
8. Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ. Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб / [Матн] / Раҳматуллоҳи Возеҳ. Бо муқаддима, таҳия ва тавзеҳоти Ҷӯрабек Назрӣ. – Душанбе: Дониш, 2020. – 284 с.
9. Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ. Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб / [Матн]. Раҳматуллоҳи Возеҳ. Матни интиқодӣ бо муқаддимаи Асғар Ҷонфидо. Зери назари Абдулғанӣ Мирзоев. – Душанбе: Дониш, 1976. – 227 с.

10. Восифӣ, Зайниддин Маҳмуд. Бадоеъ-ул-вақоеъ [Матн] / Зайниддин Маҳмуд Восифӣ. – Душанбе: Адиб, 2017. – 480 с.
11. Дониш, Аҳмад. Асарҳои мунтахаб [Матн] / Аҳмади Дониш. – Сталинобод, 1959. – 288 с.
12. Дониш, Аҳмад Махдум. Девони ашъор [Матн] / Аҳмад Махдуми Дониш. – Душанбе: Дониш, 2020. – 128 с.
13. Дониш, Аҳмад. Меъёр-ут-тадайюн [Матн] / Аҳмади Дониш. Таҳияи матн ба алифбои кириллии тоҷикӣ ва тасҳеҳу тавзеҳот ва шарҳи луғот аз Алиқул Девонақулов ва Нусратулло Зокиров. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – 308 с.
14. Дониш, Аҳмад. Наводир-ул-вақоеъ (Мунтахаб) [Матн] / Аҳмади Дониш. Таҳия, тавзеҳот, луғатномаи Баҳриддин Мирзоев ва Иззатулло Мирзоев. – Душанбе: Адиб, 2020. – 480 с.
15. Дониш, Аҳмад. Наводир-ул-вақоеъ (Порчаҳо) [Матн] / Аҳмади Дониш. – Душанбе: СИЭМТ, 2010. – С. 3-114.
16. Дониш, Аҳмад. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 1 [Матн] / Аҳмади Дониш. Муҳаррирони масъул Расул Ҳодизода ва Алиқул Девонақулов. – Душанбе: Дониш, 1988. – 287 с.
17. Дониш, Аҳмад. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2 [Матн] / Аҳмади Дониш. Муҳаррирони масъул д.и.ф. Расул Ҳодизода ва н.и.ф. Алиқул Девонақулов. – Душанбе: Дониш, 1989. – 344 с.
18. Дониш, Аҳмад. Осори баргузидаи бадеӣ [Матн] / Аҳмади Дониш. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 376 с.
19. Дониш, Аҳмад. Порчаҳо аз «Наводир-ул-вақоеъ» (бо таҳрир, тавзеҳот ва сухани хотимавии Расул Ҳодизода) [Матн] / Аҳмади Дониш. – Сталинобод, 1957. – 248 с.
20. Дониш, Ахмад. Путешествие из Бухары в Петербург [Матн] / Ахмад Дониш. – Сталинабад, 1960.
21. Дониш, Аҳмад. Рисола дар назми тамаддун ва таовун [Матн] / Аҳмади Дониш. Таҳия, тавзеҳот ва муқаддимаи Исроилов Раҳматшо. – Душанбе: ҶДММ «Сайрон», 2020. –160 с.

22. Дониш, Аҳмад. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития [Матн] / Аҳмади Дониш. – Душанбе: Сарват, 1992. – 100 с.
23. Дониш, Аҳмад. Рисола (Мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития) [Матн] / Аҳмади Дониш. – Душанбе: СИЭМТ, 2010. – С. 116-188.
24. Муҳтарам, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ. Тазкират-уш-шуаро [Матн] / Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо, зери назари Камол Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 1975. – 469 с.
25. Пирмастӣ, Афзал-махдум. Афзал-ут-тазкор фи зикр-иш-шуаро вал-ашъор [Матн] / Афзал-махдум Пирмастӣ // Ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ. – Тошканд. – Дастхати 1336.
26. Родуёнӣ, Муҳаммад бин Умар. Тарҷумон-ул-балоға [Матн] / Муҳаммад Умар бин Родуёнӣ. Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми профессор Аҳмад Оташ. – Теҳронӣ: Инишороти Асотир, 1362. – 263 с.
27. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-муъҷам [Матн] / Шамси Қайси Розӣ. Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У. Тоиров. – Душанбе, 1991. – 464 с.
28. Садри Зиё, Шарифҷон Махдум. Наводири зиёия [Матн] / Шарифҷон Махдуми Садри Зиё. – Душанбе: Адиб, 1991. – 128 с.
29. Садри Зиё, Шарифҷон-махдум. Тазкори ашъор. Шарҳи ҳоли бархе аз шоирони муосири Тоҷикистон ва намунаҳое аз шеъри онон [Матн] / Шарифҷон Махдум Садри Зиё. Бо тасҳеҳи Саҳобиддини Сиддиқ. Бо кӯшиши Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Чопи аввал. – Теҳрон: Суруш, 1380 / 2001. – 428 с.
30. Самарқандӣ, Низомии Арӯзӣ. Чаҳор мақола [Матн] / Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Мураттиб, муаллифони сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп Х. Шарифов ва У. Тоиров. – Душанбе, 1986. – 160 с.

31. Ҳашмат, Мирсиддиқхони Бухороӣ. Тазкират-уш-шуаро (аз рӯйи нусхаи 2728) [Матн] / Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ. Таҳия ва тавзеҳи Илҳом Эшонзодаи Насафӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – 324 с.
32. Ҳашмат, Мирсиддиқхон. Тазкират-уш-шуаро (аз рӯйи нусхаи 2728) [Матн] / Мирсиддиқхон Ҳашмат // Ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ. – Тошканд. Дастхати 2729.
33. Ҳусайнӣ, Атоуллоҳ Маҳмуд. Бадоеъ-ус-саноеъ [Матн] / Атоуллоҳ Маҳмуд Ҳусайнӣ, бо сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 223 с.
34. Ҷомӣ, Абдураҳмон. Баҳористон [Матн] / Абдураҳмони Ҷомӣ. Ҳозиркунадаи чоп Аббоси Аълохон. – Душанбе: Маориф, 2012. – 204 с.
35. Шаръӣ, Ҳоҷӣ Абдулазим. Тазкират-уш-шуаро [Матн] / Ҳоҷӣ Абдулазим Шаръӣ. Муаллифони пешгуфтор: Матлуба Хоҷаева, Илҳом Эшонқулов. – Хуҷанд: Хуросон – Медиа, 2015. – 228 с.

**II. Асару мақолаҳои илмӣ:**

36. Абдуллоев, Ш. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ: Афкори динию фалсафӣ ва ислоҳотии Аҳмади Дониш [Матн] / Ш. Абдуллоев. – Душанбе, 1994. – 150 с.
37. Абдураҳмонов, М. С. Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон. Рисолаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ [Матн] / Абдураҳмонов М. С. – Душанбе, 2023. – 186 с.
38. Айнӣ, Садриддин. Мирзо Абдулқодири Бедил. Замони зиндагӣ, тарҷумаи ҳол ва баёни мухтасари эҷодиёти Бедил [Матн] / Садриддин Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1954. – 340 с.

39. Амирқулов, С. Адабиёти тоҷик дар нимаи якуми асри XIX (Инкишофи ғоявии адабиёти равияи пешқадам). Қисми аввал [Матн] / С. Амирқулов. – Душанбе, 1980. – 102 с.
40. Амирқулов, С. Нигоҳе ба инкишофи таърихи адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳр (қарни XIX). (Мунтахаби мақолаҳо) [Матн] / С. Амирқулов. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 230 с.
41. Амирқулов, С. Устод С.Айнӣ ва шинохти Аҳмади Дониш [Матн] / С. Амирқул // Садои Шарқ. – 2007. – №1. – С. 131-132.
42. Амиров, С. Фирдавсӣ ва мактаби адабии Дониш [Матн] / С. Амиров. – Душанбе: Матбааи байни донишкадаҳои олӣ, 1995. – 64 с.
43. Ахмадҷонов, П. М. Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва анъанаи тазкиранигорӣ дар нимаи дуюми асри XIX [Матн] / Academic Research in Educational Sciences VOLUME 2 | ISSUE 12 | 2021. – С. 1472-1476.
44. Аҳмад Махдуми Дониш ва хориқаи таърихии фарҳанги тоҷикон (таҳқиқот) [Матн]. Мураттибон: Аскаралӣ Раҷабов ва Муҳаммадраҳим Каримзода. – Душанбе: Дониш, 2017. – 556 с.
45. Аҳроров, З. Аҳмади Дониш дар ашъори шуарои муосираш [Матн] / З. Аҳроров // Шарқи сурх. – 1961. – №1. – С. 136-143.
46. Ашуров, Г. А., Диноршоев, М. Д. О просветительской и социальной философии Ахмада Дониша [Текст] / Г.А. Ашуров, М.Д. Диноршоев // Изв. АН Тадж ССР. Отд-ние обществ, наук. – Душанбе, 1978. – №3. – С. 48-59.
47. Ашуров, Ғ. Маорифпарварӣ ҳамчун ҷаҳонбинии нав [Матн] / Ғ. Ашуров // Ҷашнномаи Айнӣ. – Душанбе, 2003. – С. 72-79.
48. Бахтин, М. М. Вопросы литературы и эстетики [Текст] / М.М. Бахтин. – М., 1975. – 504 с.
49. Бертельс Е.Э. Избранные труды / Е. Э. Бертельс. История персидско-таджикской литературы / АН СССР. Ин-т востоковедения. – Москва: Издательство восточной литературы, 1960. – 554 с.

50. Бертельс Е.Э. Избранные труды /Е. Э. Бертельс. Суфизм и суфийская литература / АН СССР. Ин-т народов Азии. – Москва: Издательство Наука, 1965. – 527 с.
51. Бертельс, Е.Э. Рукописи произведения Ахмади Калла [Текст] / Е.Э. Бертельс Труды тадж. базы АН СССР, т. 3, Лингвистика. – М-Л., 1936. – 127 с.
52. Бобораҷабова, Г. З. Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ / Г.З. Бобораҷабова. Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик: равобити адабӣ (ВБД: 891.550 (573.3). – Душанбе, 2023. – 167 с.
53. Бобораҷабова, Г.З. Таҷассуми шахсияти эҷодӣ ва чеҳраи Аҳмади Дониш дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ [Матн] / Г.З. Бобораҷабова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018. – № 4 (76). – С. 190-194.
54. Бобораҷабова, Г.З. Шахсияти эҷодии Аҳмади Дониш дар осори Садриддин Айнӣ [Матн] / Г.З. Бобораҷабова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018. – №6 (78). – С. 64-69.
55. Бобораҷабова, Г.З. Ҳақиқати воқеӣ ва бадеӣ дар ҳунари чеҳранигории С. Айнӣ [Матн] / Г.З. Бобораҷабова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2019. – № 3 (80). – С. 209-217.
56. Богоутдинов А. М. Избранные произведения [Текст] / А.М. Богоутдинов. –Душанбе: Дониш, 1980. – 416 с.
57. Богоутдинов, А.М. Из истории общественно-политической мысли таджикского народа [Текст] / А.М. Богоутдинов // Вопр. философии. 1951. - № 3. – С. 126-132.
58. Богоутдинов, А.М. Очерки по истории таджикской философии [Текст] / А.М. Богоутдинов. – Душанбе: Таджик Госиздат, 1961. – С. 264-308.

59. Брагинский, И.С. Из истории персидской и таджикской литературы. Избранные работы [Текст] / И.С. Брагинский. – М.: Наука, 1972. – 524 с.
60. Брагинский, И.С. К изучению таджикской литературы XIX и XX вв //Очерки истории таджикской литературы [Текст] / И.С. Брагинский. –. Сталинабад, 1956. – С. 376-391.
61. Брагинский, И.С. От Авесты до Айни [Текст] / И.С. Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 256 с.
62. Брагинский, И.С. Очерки из истории таджикской литературы [Текст] / И.С. Брагинский. – Сталинабад: Таджикгосиздат., 1956. – 456 с.
63. Вахидов, Х.И. Политические взгляды просветителей Средней Азии второй половины XIX в. [Текст] / Х.И. Вахидов // Сов. государство и право,1995. – № 7. – С. 102-104.
64. Ваҳобниё, Р. Мирзо Бедил ва Аҳмади Дониш [Матн] / Р.Ваҳобниё // Фарҳанг, 1992. – №1-2. – С. 26-30.
65. Ғафуров, Б. Тоҷикон. Охирҳои асри миёна ва давраи нав [Матн] / Б. Ғафуров. Китоби дуюм. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 704 с.
66. Диноршоев, М. Ашуров, Г. Просветительская социальная философия Ахмада Дониша [Текст] / М. Диноршоев, Г. Ашуров // Аҳмад Махдуми Дониш ва хориқаи таърихии фарҳанги тоҷикон. – Душанбе: Дониш-граф, 2017. – С. 112-131.
67. Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев [Матн]. Таҳиягарон: Амиряздон Алимардонов, Рӯзии Аҳмад. – Душанбе: Дониш, 2008. – 421 с.
68. Жирмунский, В. М. Теория литературы. Поэтика. Стилистика [Текст] / В. М. Жирмунский. Избр.тр. – Л.: Наука, 1977. – 407 с.
69. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 304 с.
70. Иброгимов, З.С. Особенности нравственных и социально-политических воззрений таджикских мыслителей конца XIX – начала

XX вв / [Текст] / Иброгимов, З.С. Диссертация кандидата философских наук. – Душанбе, 2011. – 151 с.
71. Исломов, С. Проблемаҳои иқтисодӣ дар осори Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ [Матн] / С. Исломов. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 304 с.
72. Қаландариён, Ҳ.С., Саидмуродзода, Ш.Ш. Мафҳуми истилоҳи «аҳли қалам» дар осори А.Дониш \ Ҳоким Қаландариён, Шарифхоҷа Саидмуродзода // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – №3 (31), 2024. – С. 49-53.
73. Лихачёв, Д. С. Литература – реальность – литература [Текст] / Д. С. Лихачёв. – Ленинград: Издательство Советский писатель, 1981. – 221 с.
74. Лотман, Ю.М. Структура художественного текста. Анализ поэтического текста [Текст] / Лотман, Ю. М. – М.: Азбука, 2015. – 704 с.
75. Маниёзов, А. Омӯзиши эҷодиёти Аҳмади Дониш [Матн] / А. Маниёзов // Ёдномаи Абдуқодир Маниёзов. – Душанбе: Дониш, 2021. – с. 123-130.
76. Маҳмадаминов, А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ (Тазкираи С. Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик») [Матн] / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино, 2008. – 211 с.
77. Маҳмадшоев, М.М. Масъалаҳои асосии нақду сухансанҷии адабиёти тоҷику форс дар асрҳои XVI–XVII [Матн] / М.М. Маҳмадшоев. Диссертатсияи барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – 348 с.
78. Маъсумӣ, Н. Адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Нашриёти давлатии адабиёти таълимӣ-педагогии Вазорати маорифи халқи РСС Тоҷикистон, 1962. – 90 с.
79. Маъсумӣ, Н. Асарҳои мунтахаб. Ҷилди 2. Адабиётшиносӣ [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 350 с.

80. Маъсумӣ, Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 73 с.
81. Мирзоев, А. Аҳмади Дониш ва Абдураҳмони Ҷомӣ [Матн] / А. Мирзоев // Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. – Душанбе:, 2008. – С. 45-61
82. Мирзоев, А. Дониш ва ақидаи ӯ ба шеъру шоирӣ [Матн] / А. Мирзоев // Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. – Душанбе:, 2008. – С. 39-44.
83. Мирзоев А. М. Аҳмади Дониш. Маҷмуаи мақолаҳо [Матн] / А.М. Мирзоев. Мураттибон: М. Муллоаҳмад, М. Мирзоев. – Душанбе: Дониш, 2017. – 140 с.
84. Мирзоев, А.М. Аҳмад Махдуми Дониш. - Адабиёт (дастури ёридиҳанда барои дарси адабиёти асрҳои XVI, XVII, XVIII ва XIX тоҷик) [Матн] / А.М. Мирзоев. – Сталинобод, 1948. – С. 149-153.
85. Мирзоев А., Занд, И. Общественно-политическая и философская мысль в Таджикистане [Текст] / А. Мирзоев, И. Занд // Очерки истории философской и общественно-политической мысли народов СССР. – М., 1958. – Т. 2. – С. 805-808.
86. Мирзоев, А. Первая редакция «Наводир-ул-вақоеъ» и время её состaление [Текст] / А.Мирзоев // Труды Академии наук Таджикской ССР, том XVII. – Душанбе, 1953. – С. 155.
87. Мирзоев, А. Равобити фикрии Дониш ва Биноӣ [Матн] / А. Мирзоев // Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. – Душанбе:, 2008. – С. 62-66.
88. Мирзоев, А. Таҳрири аввалини «Наводир-ул-вақоеъ» ва таълифи он [Матн] / А.Мирзоев // Ахбори АФ Тоҷикистон, нашри XV11, 1953. – С.151-161.
89. Мирзоев, А. Шарҳи ҳоли Дониш ба қалами худаш [Матн] / А. Мирзоев // Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. – Душанбе, 2008. – С. 9-38.

90. Мирзоев, А. Як асари тозаи Аҳмади Дониш [Матн] / А. Мирзоев // Сообщения Таджикского филиала АН СССР, вып. 22, 1950.
91. Мирзоев, А. Як факти муҳимми таъсири маданияти рус дар нимаи дуюми асри Х1Х ва шарти асосии омӯхтани мероси адабию илмии Аҳмади Дониш [Матн] / А. Мирзоев // Ахбори Шуъбаи Тоҷикистонии АФ ССР, нашри ХХ1Х, 1951. – С. 67-74.
92. Мирзозода, Х. Аҳмади Дониш ва маорифпарварони ибтидои асри ХХ [Матн] / Х. Мирзозода // Маориф ва маданият, 1976. – 11 декабр.
93. Мирзозода, Х. Аҳмад Махдуми Дониш мулаққаб бо «Аҳмади Калла» [Матн] / Х. Мирзозода // Барои адабиёти сотсиалистӣ. – 1936. – №5. – С. 29-31.
94. Мирзозода, Х. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибдитоди асри XX). Барои омӯзишгоҳҳои педагогии ғоибона [Матн] / Х. Мирзозода. – Сталинобод, 1950. – 307 с.
95. Мирзозода Х. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Нашрдавтоҷик., 1962. – 137 с.
96. Мирзозода, Х. Муносибати баъзе ақидаҳои Аҳмади Дониш ва маорифпарварони асри ХХ [Матн] / Х. Мирзозода // Афкори рангин. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 352 с.
97. Муллоаҳмад, М. Академик Абдулғанӣ Мирзоев – муҳаққиқи Аҳмади Дониш [Матн] / М. Муллоаҳмад // Аҳмад махдуми Дониш ва хориқаи таърихии фарҳанги тоҷикон. – Душанбе: Дониш, 2017. – С. 297-303.
98. Муллобоева, Д. Академик А. Баховаддинов и изучение простветительства Средней Азии [Текст] / Д. Муллобоева, // Аҳмад Махдуми Дониш ва хориқаи таърихии фарҳанги тоҷикон. – Душанбе, 2017. – С. 536-555.
99. Муллоев, А. Саҳми Холиқ Мирзозода дар шинохти шахсият, осор ва афкори Аҳмади Дониш [Матн] / А. Муллоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. – №6 (95). – С. 135-138.
100. Муллоев, А. Симои Аҳмади Дониш [Матн] / А. Муллоев. – Душанбе: Шарқи озод, 2001. – 121 с.

101. Муллоев, А. Чеҳранигории ҳунарӣ дар насри таърихӣ [Матн] / А. Муллоев. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 126 с.
102. Муллоев, А. Шахсияти эҷодӣ ва чеҳранигории ҳунарӣ [Матн] / А. Муллоев. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 296 с.
103. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт [Матн] / Раҳими Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 336 с.
104. Мусулмонқулов Р. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ [Матн] / Р. Мусулмонқулов. - Душанбе: Маориф, 1987. – 88 с.
105. Мусулмонқулов, Р. Насируддини Тӯсӣ ва назарияи шеър [Матн] / Р. Мусулмонқулов // Садои Шарқ. – Душанбе, 1982. – №7. – С. 121-126.
106. Мусульманкулов Р. Атауллах Махмуд Хусайни и вопросы таджикско-персидской классической поэтики [Текст]. – Дисс. док. фил. наук. – Душанбе, 1980.
107. Мусульманкулов, Р. Персидско-таджикская классическая поэтика (X – XV вв.) [Текст]. – М.: Наука, 1989. – 239 с.
108. Назриқул, М. Адабиётшиносии форсии тоҷикӣ дар асрҳои XIII–XIV [Матн] / М. Назриқул. – Душанбе, 1998. – 112 с.
109. Нуъмонӣ, Аллома Шиблӣ. Шеър-ул-аҷам. Ҷилди IV [Матн] / Аллома Шиблии Нуъмонӣ. Таҳияи Ҳамроҳқулова З. У., Одинаева Н.С. – Душанбе, 2018. – 312 с.
110. Олимӣ, Х. Поэтикаи фазо ва вақти бадеӣ дар «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш [Матн] / Х. Олимӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2006. – С. 92
111. Олимӣ, Х.Ҳ. Адибони маорифпарвар ва ҷаридаҳои замонӣ [Матн] / Х.Ҳ. Олимӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №6-1 (101). – С. 227-231.
112. Олимӣ, Х.Ҳ. Аҳмади Дониш ва истиқлоли андеша [Матн] / Х.Ҳ. Олимӣ. – Душанбе: ҶДММ «Табъу нашр», 2021. – 174 с.
113. Олимӣ, Х.Ҳ. Аҳмади Дониш ва истиқлоли фикрӣ [Матн] / Х.Ҳ. Олимӣ. – Душанбе: «Матбаа», 2023. – 172 с.

114. Олимӣ, Х.Ҳ. Воқеаҳои таърихӣ ва тағйирёбии сабк дар насри охири асри XIX [Матн] / Х.Ҳ. Олимӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – №2. – С. 92–96.
115. Олимӣ, Х.Ҳ., Иброҳимов, Ф. Омӯзиши осори Аҳмади Дониш дар адабиётшиносии муосири тоҷик [Матн] / Х.Ҳ. Олимӣ, Ф. Иброҳимов [Матн] // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №1 (96). – С. 160-170.
116. Олимӣ, Х.Ҳ. Мулоҳизоти Сотим Улуғзода дар бораи Аҳмади Дониш [Матн] / Х.Ҳ. Олимӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. – №2 (91). – С. 167-171.
117. Олимӣ, Х.Ҳ. Нусхашиносии «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш [Матн] / Х.Ҳ. Олимӣ. – Душанбе: «Матбаа», 2023. – 162 с.
118. Олимӣ, Х.Ҳ. Фазои бадеӣ дар насри Аҳмади Дониш [Матн] / Х.Ҳ. Олимӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. - №3. – С.128-132.
119. Олимова, Х.Ҳ. Бедил ва Аҳмади Дониш [Матн] / Х.Ҳ. Олимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №8. – С. 300-304.
120. Олимов, К. Аҳмади Дониш дар таҳқиқи академик А. Баҳоваддинов [Матн] / К. Олимов // Аҳмад Махдуми Дониш ва хориқаи таърихии фарҳанги тоҷикон. – Душанбе, 2017. – С.178-186.
121. Пирумшоев, Ҳ. Аҳмади Дониш дар саргаҳи гузариш аз донишҳои таърихӣ ба илмӣ [Матн] / Ҳ. Пирумшоев // Аҳмад махдуми Дониш ва хориқаи таърихии фарҳанги тоҷикон. – Душанбе: Дониш, 2017. – С. 312-325.
122. Просветительство в литературах Востока. Сборник статей [Текст]. – М.: Наука, 1973. – 317 с.
123. Раджабов, З.Ш. Выдаюшийся просветитель таджикского народа Ахамади Дониш [Текст] / З.Ш. Раджабов. – Сталинабад, 1961. – 220 с.

124. Раджабов, З.Ш. Из истории общественно-политической мысли таджикского народа во второй половине XIX и начала XX вв [Матн] / З.Ш. Раджабов. – Сталинабад, 1957. – 459 с.
125. Раджабов, З.Ш. О «Политическом трактате» Ахмада Дониша (краткий очерк) [Текст] / З.Ш. Раджабов. – Душанбе, 1976. – 126 с.
126. Раджабов, З. Ш. Развитие общественной мысли таджикского народа во второй половине XIX и в начале XX в. (Краткий очерк) [Текст] / З.Ш. Раджабов. – Сталинабад: Таджикгосиздат., 1951. – 42 с.
127. Раджабов, З. Россия и таджикская литература конца XIX – начала XX вв [Текст] / З. Раджабов. – Сталинабад: Таджикское государственное издательство, 1959. – 56 с.
128. Раҷабов, З.Ш. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX [Матн] / З.Ш. Раҷабов. – Сталинобод, 1959. – 448 с.
129. Раҷабов, З.Ш. Маорифпарвар Аҳмади Дониш [Матн] / З.Ш. Раҷабов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 64 с.
130. Саидмуродзода, Ш.Ш. Аҳамадидонишшиносӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Ш.Ш. Саидмуродзода. Рисолаи магистрӣ бо ихтисоси 1М-020301 забон ва адабиёти тоҷик. – Душанбе, 2016. – 70 с.
131. Сайфиев, Н. Таърихи адабиёти тоҷик (нимаи дуюми асри XIX) [Матн] / Н. Сайфиев. – Душанбе: Илм, 2009. – 188 с.
132. Самиев, Б.Д. Социально-реформаторские взгляды Ахмада Дониша [Текст] / Б.Д. Самиев. – Душанбе: Санадвора, 2000. – 154 с.
133. Самиев, Б.Д. Социально-философский анализ взглядов таджикских просветителей о структуре социальных отношений конца XIX и начала XX в. [Текст] / Б.Д. Самиев. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 258 с.
134. Сатторзода, А. Кӯҳна ва нав [Матн] / А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2004. – 254 с.
135. Сатторзода, А. Назариёти адабии Абдурраҳмони Ҷомӣ [Матн] / А. Сатторзода // Баргузидаи навиштаҳо. Бахши 2. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 478-582.

136. Сатторзода, А. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ [Матн] / А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб 2001. – 144 с.
137. Сиддиқӣ, С. Садри Зиё ва тазкираҳои ӯ [Матн] / Саҳобиддини Сиддиқӣ. – Душанбе, 2010. – 193 с.
138. Тағоймуродов, Р. Назари Амир Хусрав ба шеър ва ҳунари суханварӣ [Матн] / Р. Тағоймуродов. – Қурғонтеппа, 2012. – 212 с.
139. Теория литературы. Роды и жанры литературы: Основные проблемы в историческом освещении [Текст] / Отв. ред. Л.И.Сазонова. – М.: ИМЛИ РАН, 2003. – 592 с.
140. Улуғзода, С. Аҳмади Дониш [Матн] / С. Улуғзода. – Сталинобод, 1946. – 88 с.
141. Улуғзода С. Аҳмад Махдуми Дониш [Матн] / С. Улуғзода // Намунаи адабиёти тоҷик. – Сталинобод, 1940. – С. 229-232.
142. Хайдаров, А. Некоторые аспекты и теоретические основы литературно-политической деятельности Ахмада Дониша [Матн] А. Хайдаров // Суханшиносӣ, 2022. – № 4. – С. 108-115.
143. Хоҷаева, М., Эшонқулов, И. Чанд сухан дар бораи Шаръӣ ва тазкираи ӯ [Матн] / М. Хоҷаева, И. Эшонқулов // Ҳоҷиазими Шаръӣ. Тазкират-уш-шуаро. – Хуҷанд: Хурсон Медиа, 2015. – С. 3-18 (228 с.).
144. Ходизода, Р. Ахмад Дониш и таджикская просветительская литература. Автореф. дисс... доктора филол. наук [Текст] / Р. Ходизода. – М.: АН СССР. Ин-та народов Азии, 1968. – 55 с.
145. Худойдодов А. Холиқ Мирзозода ва адабиётшиносии тоҷик дар асри XX [Матн] / А. Худойдодов. – Душанбе: Дониш, 2014. – 364 с.
146. Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX. Қисми аввал [Матн] / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Дониш, 1968. – 295 с.
147. Ҳодизода, Р. Аҳмади Дониш [Матн] / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 156 с.
148. Ҳодизода, Р. Аҳмади Дониш: Тарҷимаи ҳол ва мероси адабию илмӣ [Матн] / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 293 с.

149. Ҳодизода, Р. Ба ҷойи Сарсухан. Аҳмади Дониш ва эҷодиёти ӯ [Матн] / Р. Ҳодизода // Энсиклопедияи насри тоҷику форс. – Душанбе: СИЭМТ, 2010. – с. 10-11.
150. Ҳодизода, Р., Каримов, У., Саъдиев, С. Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX [Матн] Р. Ҳодизода ва дигарон. – Душанбе: Маориф, 1988. – 416 с.
151. Ҳодизода, Р. Насри бадеии Аҳмади Дониш [Матн] / Р. Ҳодизода // Аз гузашта ва ҳозираи адабиёти тоҷик (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Ирфон, 1974. – С. 60-81.
152. Ҳомидиён, Ҳикматшоҳ Комилӣ, «Тазкират-уш-шуарои Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръи ва ашъори арабии он [Матн] / Ҳомидиён Ҳикматшоҳ Комилӣ // Номаи Донишгоҳ. – Хуҷанд, 2019. – №1 (58). – С. 79-84.
153. Ҳусайнӣ, Атоулло Маҳмуд. Бадоеъ-ус-саноеъ / Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ. Бо сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Раҳим Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 222 с.
154. Ҳусейнзода, Ш. Баҳс ва андеша [Матн] / Ш. Ҳусейнзода. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 264 с.
155. Ҳусейнзода, Ш. Дар бораи баъзе лаҳзаҳои асосии таърихи адабиёти тоҷик [Матн] / Ш. Ҳусейнзода // Баҳс ва андеша. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 264 с.
156. Ҷабборов, Ш. Андешаҳои сиёсии Аҳмади Дониш [Матн] / Ш. Ҷабборов. – Душанбе: Аржанг, 2005. – 196 с.
157. Шарифов, Х. Балоғат ва суханварӣ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 278 с.
158. Шарифов, Х. Ташаккули афкори адабӣ дар асрҳои X–XI [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: ҶДММ «Офсет-Империя», 2017. – 240 с.
159. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: «ЭР-граф», 2023. – С. 328-340.

160. Эшонқулов, И. Ҳашмати Бухороӣ ва тазкирҳои ӯ, нашри дувум бо тасҳеҳ, такмил ва иловаҳо [Матн] / И. Эшонқулов. – Тошканд: «Turon-Igbol», 2019. – 200 с.
161. Юнусов, А. Аҳмади Дониш (нишондиҳандаи адабиёт) [Матн] / А. Юнусов. – Сталинобод, 1960. – 25 с.
162. Юнусов, А., Норкаллаев, И. Аҳмади Дониш (Феҳрасти адабиёт) [Матн] / А.Юнусов, И. Норкаллаев. – Душанбе, 1986. – 124 с.
163. Юсуфӣ, У. Таъсири мутақобилаи илми бадеъи Арабу Аҷам дар асрҳои IX-XV (таҳқиқи муқоисавӣ) [Матн] / Умриддин Юсуфӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – 588 с.

## Б) РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Қаландариён, Ҳ.С., Саидмуродзода, Ш.Ш. (Шариф, Ш.С.). Мафҳуми истилоҳи «аҳли қалам» дар осори Аҳмади Дониш [Матн] / Ҳ.С. Қаландариён, Ш.Ш. Саидмуродзода // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – Хоруғ, 2024. – №3 (31). – С. 49-53.
[2-М]. Саидмуродзода, Ш.Ш. (Шариф, Ш.С.). Ду омили асосие, ки барои андешаҳои адабии Аҳмади Дониш замина гузоштанд [Матн] / Ш.Ш. Саидмуродзода // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2024. – №4 (48). – С. 155-161.
[3-М]. Шариф, Ш.С. Мухтасар аз таҳқиқи ҳаёт ва осори Аҳмади Дониш дар Тоҷикистон [Матн] / Ш.С. Шариф // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2024. – №4 (56). – С. 296-302.
[4-М]. Шариф, Ш.С. Дидгоҳ ва андешаҳои мунаққидонаи Аҳмади Дониш [Матн] / Ш.С. Шариф // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба

номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2025. – №1-1 (131). – С. 60-65.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Шариф, Ш.С. Дастовардҳои адабиётшиносии тоҷик дар шинохти Аҳмади Дониш [Матн] / Ш.С. Шариф // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Филологияи Шарқ: пажуҳиши забоншиносӣ, равобити адабӣ ва тарҷумашиносӣ» (ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, 08.12.2023). – Душанбе, 2023. – С. 421-425.

[6-М]. Шариф, Ш.С. Зикри Аҳмади Дониш дар сарчашмаҳои адабӣ [Матн] / Ш.С. Шариф // Маводди конференсияи байналмилалии II-юми илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Рушди иқтисодӣ, иҷтимоии Тоҷикистон: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои он» (Бахши илмҳои гуманитарӣ. Масъалаҳои адабиётшиносӣ) (ДДХ ба номи М. Назаршоев, 30.11.2024). – Хоруғ, 2024. – С. 186-197.

[7-М]. Шариф, Ш.С. Таъсири муҳити адабии замон ва шиносоӣ бо фарҳангу тамаддуни халқҳои дигар дар таҳаввули афкори адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш [Матн] / Ш.С. Шариф // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Вазъият ва дурнамои амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Бахши 3. Эҳё ва рушди фарҳанги миллӣ таҳкимбахши Истиқлоли давлатӣ) (ДДБ ба номи Н. Хусрав, 14.06.2025). – Бохтар, 2025. – С. 387-392.